ҶАШНИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ МУБОРАК, ТОҶИКИСТОН!

*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 82 - 83 (4665 - 4666) | ҶУМЪА, 23 ИЮНИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



«Воқеият ин аст, ки майлу ирода, саъю талош, таҳаммулгарой ва хиради азалии миллати тамаддунсозу фарҳангсолори тоҷик ва тафаккури созандаву рӯҳи шикастнопазири халқи Тоҷикистон муҳимтарин омили расидан ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад.

Ман ин суханонро ҳамеша бо ифтихор аз мардуми қаҳрамони тоҷик ба забон меоварам».

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ РАҲМОН



## БА ИМЗО РАСИДАНИ ЯК ҚАТОР ҚОНУНҲО

**22-юми июни соли 2023 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба якчанд қонунҳо имзо гузоштанд.**

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Дар бораи таъмини чека-ки ягона», «Дар бораи алоқаи барқӣ» ва «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» бо мақсади дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ, кам кардани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, сода кардан ва ба таври электронӣ гирифтани ин ҳуҷҷатҳо, таъмини шаффофияти раванди иҷозатдиҳӣ таҳия ва қабул гардидааст. Ба қонуни номбурда Феҳристи ягонаи давлатии иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташаванда замима гардидааст, ки дар он ҳама намуди фаъолиятҳо, ки барои онҳо иҷозат дода мешавад ва маблағи пардохтшаванда барои гирифтани ин ҳуҷҷатҳо пешбинӣ шудааст.

Ҳамчунин, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки мувофиқи онҳо амали қонуни номбурда то якуми январи соли 2024 тамдид карда шудааст. Вобаста ба ин ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ боз як имконият дода шудааст, ки дороиҳо ва маблағҳои худро то якуми январи соли 2024 қонунӣ гардонанд.

Қонунҳои баимзорасида барои пешрафти соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, соҳибкорӣ, рушди ҳуҷҷатҳои электронӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, пешгирии ҷинояткорӣ, ҳифзи табиат, бунёди ҷойҳои кории нав ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум равона шудаанд.

Қонунҳо дар матбуот нашр мешаванд.

**www.president.tj**

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023»**

**Моддаи 1.** Ба қисми 4 моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» аз 7 декабри соли 2022 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2022, №12, қ.2, мод.758) пас аз калимаҳои «меъёри муқарраршуда» калимаҳои «ва аз боҷи гумрукӣ пурра» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2023, № 1966**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барон соли 2023»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 21 июни соли 2023, № 1030**

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ АВФ БИНОБАР ҚОНУНИГАРДОНИИ ДОРОИҲО ВА МАБЛАҒҲОИ ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 июли соли 2021 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2021, №7-10, мод. 534; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2022, №1888) тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Дар матни моддаи 3 калимаҳои «бисту чор» ба калимаи «сӣ» иваз карда шаванд.

2. Дар қисми 7 моддаи 9 пас аз калимаҳои «маблағҳое, ки» калимаҳои «то мавриди амал қарор гирифтани Қонуни мазкур» илова карда шуда, калимаҳои «то мавриди амал қарор гирифтани Қонуни мазкур» хориҷ карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2023, № 1967**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 21 июни соли 2023, № 1028**

# ВАҲДАТ САМАРАИ СИЁСАТИ ХИРАДМАНДОНА ВА ДУРАНДЕШОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ АСТ

**Бисту сеюми июни соли равон таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар мавзӯи «Ваҳдат - бақои миллат» ҷаласаи тантанавӣ баргузор гардид.**

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода зимни ифтитоҳи ҷаласа иброз намуд, ки 27-уми июни соли 1997 дар натиҷаи талошу заҳматҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи давлатдориву давлатсозии навини тоҷикон рӯйдоди бузург рух дод, ки он дар тақдири минбаъдаи мардум гардиши куллӣ ва таҳаввули бунёдӣ гардид.



Дар ин рӯзи пурфайзи таърихӣ ормони чандинсолаи халқи азияткашидаи тоҷик ба воқеият табдил ёфта, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид.

Самараи сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки ин санаи дар ҳақиқат пурнишоту ҳаётбахш дар муддати начандон тӯлонии таърихӣ дар қалбҳои мардуми кишвар маскан гирифта, ба рӯйдоди фараҳбахш табдил ёфт.

- Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон барои сарзамини аҷдодии мо суботу оромии воқеиро таъмин кард, ваҳдати миллиро ба вуҷуд овард ва зиндагиеро фароҳам сохт, ки онро ҳар фарди покдилу некхоҳи мамлакат дер боз интизор буд. Ваҳдати миллӣ шарти асосии озодию истиқлолияти ҳар як давлат буда, муҳаббат, ҳувият ва шарофату шафоати инсонии шаҳрвандонро афзун ва ҳифз намуда, пешрафту тараққиёти иқтисодию иҷтимоии кишварро вусъат мебахшад, - таъкид намуд Маҳмадтоир Зокирзода.

Дар назди иштирокчиёни ҷаласа муовини Раиси Маҷлиси намояндагон Қодири Қосим ва вакили Маҷлиси намояндагон Солеҳа Холмаҳмадзода роҷеъ ба нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи давлатдориву давлатсозии навини тоҷикон суханронӣ намуданд. Қодири Қосим пешниҳод намуд, ки дар шаҳри Душанбе муҷассамаи «Кабӯтари сулҳ» ва Осорхонаи ҷаҳонии сулҳ бунёд ёфта, сулҳи тоҷикон ба Феҳристи мероси ғайримоддии ЮНЕСКО пешниҳод карда шавад.

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавзуна Шамсиддинзода иброз намуд, ки ба шарофати талошҳои хастагинопазир ва пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фазои ороми Ватан ва суботи ҷомеа барқарор, ояндаи неки фарзандон таъмин, Тоҷикистони азизи мо ба ҷаҳониён бо чеҳраи нав муаррифӣ ва сулҳи тоҷикон ба кишварҳои ҷаҳон дарси ибрат гардид.

- Ваҳдат муҷиби наҷот ва бақои давлату миллати мо гардида, Тоҷикистон имрӯз ба мулки шаҳриёрони сарфароз, донишмандону бузургони равшанзамир, ҷавонмардони хештаншиносу ватандӯст табдил ёфтааст. Месазад онро арҷ гузорем ва барои ҳифзу таҳкими ваҳдати миллӣ пайваста талош варзем, - иброз намуд Мавзуна Шамсиддинзода.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Аз 1 августи соли 2023:

- пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ (минбаъд - хизматрасониҳои музднок) тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда шавад;
- аз ҷониби вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ ба таври нақдӣ қабул намудани пардохти хизматрасониҳои музднок манъ карда шавад.

2. Бонки миллии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ:

- инфрасохтори зарурииро барои қабули пардохтҳои ғайринақдии худ то 1 августи соли 2023 таҳия, ташкил ва таъмин намоянд;
- ҳамгироии инфрасохтори қабули пардохтҳои ғайринақдии худро ҷиҳати қабули хизматрасониҳои музднок то 1 августи соли 2023 таъмин намоянд;
- бо мақсади ҳавасмандгардонии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои анҷом додани хизматрасониҳои ғайринақдӣ, оид ба ҷорӣ намудани меъёри ягонаи пардохти ҳаққи хизматрасониҳои ғайринақдӣ ва тартиби пардохти он чораҷӯйӣ намоянд;
- якҷо бо Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини амнияти иттилоотии пардохтҳои ғайринақдӣ чораҷӯйӣ намоянд.

3. Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатие, ки хизматрасониҳои музднокро ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, бо тартиби муқарраршуда якҷо бо операторони шабакаи алоқаи барқӣ пайвастшавии бефосила ба шабакаи интернет ва суръати зарурии он, инчунин фаъолияти муназзам (доимӣ)-и воситаҳои электронии пардохтиро таъмин намоянд.

4. Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатие, ки хизматрасониҳои музднокро ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳиро бо истифода аз тамоми воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ, мунтазам амалӣ намоянд.

5. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои адлия, молия, Бонки миллии Тоҷикистон ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 31 декабри соли 2023 ҷиҳати фаъол намудани портали ягонаи пардохти хизматрасониҳои давлатӣ чораҷӯйӣ намоянд.

6. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои худро то 1 сентябри соли 2023 ба фармони мазкур мутобиқ намояд.

7. Бонки миллии Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ ҳар семоҳа оид ба рафти иҷрои фармони мазкур ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намоянд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2023, № 586**




# НИГАРОНИИ ВАКИЛОН АЗ ҚАНОАТБАХШ НАБУДАНИ ТАТБИҚИ БАРНОМА

**22-юми июни соли равон бо ташаббуси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокимаи парлумонӣ баргузор шуд. Дар он иҷрои «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025», ки соли 2019 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мавриди баррасӣ қарор гирифт.**

Зикр шуд, ки «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» бо мақсади таъмири муассисаҳои томактабӣ, сохтмони муассисаҳои нав, баргардондани муассисаҳое, ки аз рӯи таъинот истифода намешаванд, ҷудо намудани қитъаи замин ва фароҳам овардани шароит барои таъсиси муассисаҳои томактабии хусусӣ, зиёд намудани марказҳои инкишофи кӯдакон дар маркази Ҷамоат, деҳаҳои калон, омода намудани кадрҳо бо ихтисосҳои нави педагогӣ таҳия ва қабул гардидааст. Ҳисоботи оморӣ шаҳодат медиҳанд, дар раванди иҷрои барнома ҳанӯз мушкилиҳо зиёданд.

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ таҳсилоти томактабиро аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф арзёбӣ намуда, афзуд, ки ин зинаи таҳсил аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам дастгирӣ меёбад. Ба ин хотир, барнома зикршуда қабул гардидааст. Барои амалишавии он аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ соли 2022-юм 6,2 млн. сомонӣ равона гардида, барои соли 2023-юм 6,7 млн. сомонӣ пешбинӣ шуда буд. То 11-уми майи соли ҷорӣ 736,9 ҳазор сомонӣ харҷ шудааст.

- Бо вуҷуди ин, амалишавии барномаи мазкур дар шаҳру навоҳии кишвар қаноатбахш набуда, дар давраи мавриди назар танҳо дар 28 шаҳру ноҳияи кишвар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ сохта шудаанд, - таъкид намуд Дилрабо Мансурӣ.

Айни замон теъдоди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар ҷумҳурӣ 707 адад буда, дар онҳо 102 ҳазору 525 кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Ҳамчунин, дар ҷумҳурӣ 2111 маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 68 ҳазору 891 кӯдак фаъолият мекунанд.

Муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Парвина Маликзод ба «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» ворид нагардидани бандҳои иҷронашудаи барномаҳои қаблӣ, аз ҷумла «Барнома давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ барои солҳои 2012-2016» ва солҳои баъдиро боиси таассуф номид.

- Дар шаҳру ноҳияҳо марказҳои инкишофи кӯдакон ташкил шудаанд, аммо дар қисми зиёди онҳо шароит барои таҳсил, барномаи таълимӣ, ҳолати психологӣ, ғизо ва ҳатто оби нӯшокӣ ба кӯдакони синни томактабӣ ба назар гирифта нашудааст. Мушкилоти марбут ба мизу курсӣ, маош, имтиёзҳо ва маблағи рухсатии меҳнатии омӯзгорон ҳаллу фасли худро наёфта, аксар омӯзгороне, ки дар марказҳои инкишофи кӯдакон машғулият мегузаронанд, таҳсилоти касбии томактабӣ надоранд, - афзуд номбурда.

Фарогирии кӯдакони пойтахти кишвар ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ хеле хуб аст. Дар асоси Қарори Раиси шаҳри Душанбе «Дар бораи «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар шаҳри Душанбе барои солҳои 2020 - 2025» нақша - чорабинии алоҳида тартиб дода шуд. Ба шарофати ин иқдом заминаи моддӣ - техникии муассисаҳо аз ҳисоби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он мустаҳкам гардид. Солҳои 2020-2022 барои муассисаҳои таҳсилоти томактабии пойтахт 540 кондитсионер, 182 яхдони калонҳаҷм, 90 мошинаи ҷомашӯӣ ва таҷҳизот барои бунгоҳи тиббӣ харидорӣ шуда, ҳамаи муассисаҳо бо бозичаҳои кӯдакона ва маводи дидактикӣ, тахтаҳои электронӣ ва компютерҳо муҷаҳҳазанд.

Аз таҳлили вазъи соҳаи тарбияи томактабӣ дар кишвар бармеояд, ки мушкили асосӣ дар фаъолияти онҳо нокифоя будани маблағгузорӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, бетафовутии баъзе аз мутасаддиёни соҳаи маориф дар шаҳру ноҳияҳо ба таҳсилоти томактабӣ мебошад. Нарасидани мутахассисони соҳибмаълумот дар муассисаҳо мушкили дигари ҳалталаб мебошад. Ҳоло муассисаҳо бо кадрҳои педагогӣ таъмин бошанд ҳам, сатҳи тайёрии касбии мутахассисон пурра ба талабот ҷавобгӯ нест. Аз 636 роҳбари муассисаҳои томактабӣ 352 нафар таҳсилоти олии омӯзгорӣ доранд. 192 нафар таҳсилоти олӣ (ғайрипедагогӣ), 31 - олии нопурра, 32 - таҳсилоти миёнаи касбии омӯзгорӣ, 29 нафар бо таҳсилоти миёнаи касбии ғайрипедагогӣ муассисаҳои томактабиро роҳбарӣ менамоянд. Аз 10186 корманди муассисаҳои томактабӣ (мушовирон, омӯзгорон, мураббиён, ёрдамчиёни мураббиён) 1897 нафар таҳсилоти олии омӯзгорӣ доранду халос.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода дар робита ба ин масъала чунин гуфт: «Дар доираи барнома 13 номгӯйи дастурҳои методӣ аз чоп баромадааст, ки 63 фоизи банди якуми барномаро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, 7 ҳазору 58 нафар аз такмили ихтисос гузаштаанд, яъне беш аз 60 дарсади нишондоди банди дуюми барнома иҷро шудааст. Тибқи банди сеюми барнома, дар давоми се сол 4 ҳазору 846 маркази инкишофи кӯдак бояд таъсис дода мешуд. Айни замон дар ҷумҳурӣ 2 ҳазору 111 чунин марказ такшкил шудааст».

Вазир як сабаби ташкил нагардидани марказҳои инкишофи кӯдаконро дар мавҷуд набудани имконият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ рабт дод.

Дар ҷаласа муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвар Қурбониён Собир, директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Муҳаммадтоир Саид, муовини раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Аҳмадзода низ маърӯза намуданд.

Пас аз музокира ва саволу ҷавоб қарор ва тавсияҳои парлумонӣ қабул шуд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

# ВАҲДАТ САМАРАИ СИЁСАТИ ХИРАДМАНДОНА ВА ДУРАНДЕШОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ АСТ



**(Идома аз саҳ. 1)**

Узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Муҳаммад Шодиён зикр намуд, ки мардуми маърифатдӯсту тамаддунофари тоҷик анъанаҳои волои гузаштагони хешро ҳифз намуда, бо такя ба арзишҳои маънавиву ахлоқӣ дар ҷодаи рушд собитқадаманд.

Дарвоқеъ, ваҳдати миллӣ аз ибтидо тавонист барои таъмини устувории иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангиву иқтисодии кишварамон мусоидат намояд. Ваҳдати миллии Тоҷикистон нахуст дар хомӯш кардани оташу даргириҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори ваҳдати миллӣ нақши бориз гузошт, ки тамоми ҷомеа мунтазир буданд.

- Бояд иқрор шуд, ки сарчашмаи ба ваҳдат гаравидани мардуми тоҷик дар замони ҷанги ҳамватанӣ ҷасорат ва садоқати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки гуфта буданд: «То он даме ки як тан аз ҳамватанони мо дар марзҳои бегона гуреза шудаву заҳри ғарибӣ мечашанд, ман худро осуда эҳсос нахоҳам кард». Ин суханон ва кӯшиши ба Ватан овардани гурезаҳо бунёд ва хишти нахустину заррини бинои ваҳдати навини моро ташкил дод. Дар давраи басе хатарнок ба кишвари ҷангзадаи Афғонистон сафар кардану ба сулҳу оштӣ ва ваҳдат даъват кардан дар замири хурду бузурги кишвар армону орзуҳои деринтизорро аз нав зинда карда, умеду боварии онҳоро ба ваҳдату дӯстӣ ва ояндаи дурахшони Ватани маҳбубамон таҳким бахшид.

Шоҳиди се даври музокироти байни тоҷикон, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадато Султонов ёдовар шуд, ки он айём Пешвои миллат тавонистанд кишвари моро тавассути расидан ба ваҳдати миллӣ аз вартаи нобудӣ наҷот бахшанд.

- Мактаби сиёсии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дарси ибрати ваҳдати миллии ӯ, давлатсозию ҳадиси ватанпарастии ин шахсияти бузурги таърихӣ барои халқи азиятдидаи мо сарчашмаи худогоҳӣ, хазинаи худшиносӣ ва ганҷинаи эҳсоси баланди миллатдӯстист, ки ба қадри он расидан, номи асосгузори онҳоро гиромӣ доштан ва роҳи интихобкардаи ӯро ҳифз карда, идома додан қарзи инсонии ҳар соҳибватан аст, - иброз намуд Муҳаммадато Султонов.

Дар поёни ҷаласа Маҳмадтоир Зокирзода иброз намуд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва муносибатҳои пуртазоди сиёсӣ ҳамон миллате дастовард ва арзишҳои милливу давлатии худро ҳимоя карда метавонад, ки роҳбари оқилу доно ва пешвои ватанпарвару дурандеш дошта бошад.

- Мо, хушбахтона, чунин Сарвар ва Пешвои миллӣ дорем, ки тамоми ҳастиашонро дар роҳи ҳифзи истиқлолияту озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи комилу пойдории сиёсӣ, сарҷамъии миллат, ваҳдати миллӣ ва пешрафту ободии Тоҷикистони азизу маҳбубамон бахшидааст.

Рисолати бузурги давлатдорӣ дар атрофи Сарвари давлат аз ҳарвақта дида устувортар сарҷамъ буданро тақозо менамояд.Боварии комил дорам, ки мардуми шарифи кишвар ва тоҷикони бурунмарзии мо чун ҳамеша ҷонибдори сиёсати хирадмандона ва дурандешонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳастанд ва бо ин роҳ аз пойдории сулҳу ваҳдати миллӣ ва суботи сиёсии мамлакат пуштибонӣ хоҳанд кард. Бигузор ваҳдати миллии тоҷикон ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон поянда ву ҷовидона бошад, - гуфт дар интиҳо Маҳмадтоир Зокирзода.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# НОМИ ТУРО НАВИСЕМ, ЭЙ ҚАҲРАМОНИ ВАҲДАТ



**Файзулло НАҶМИДДИНИЁН,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Имсол аз рӯзи баимзорасии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 26 сол пур мешавад. 26 сол аст, ки сокинони кишвари азизамон зери роҳбарии одилонаву оқилонаи фарзонафарзанди номбардори миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фазои сулҳу ваҳдати комил, зери парчами парафшони Ватан, дар ҳимояи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шукргузорӣ зиндагӣ доранд. 26 сол аст, ки насими фораму атрогин ва гулафшону рӯҳафзои ваҳдати миллӣ ба дидаҳо нур ва ба дилҳо сурур мебахшад.**

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд: «Бо гузашти солҳо мо аҳамияти таърихии ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз, қимати сулҳу субот ва ваҳдати миллиро бештар дарк ва қадр менамоем. Зеро маҳз аз баракати муттаҳид сохтани неруҳои сиёсӣ ва таъмини ризоияти ҷомеа мо, пеш аз ҳама, тавонистем истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзии Ватани азизамонро ҳифз намоем ва мардуми худро аз парокандагӣ эмин нигоҳ дорем».

Ваҳдати миллӣ сарчашмаи асосии падидаи ҳамкорӣ, созгорӣ ва ҳамоҳангии манфиатҳою субот дар ҷомеа, амнияту тараққии кишвар ва муҳимтарин заминаи пешрафтҳои халқамон ба шумор меравад. Устоди зиндаёд Мирзо Турсунзода фармудааст:

**Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,**
**Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.**

Дар адабиёт ва фалсафаи муосир мафҳуми ваҳдати миллӣ бештар маънои умумияти иҷтимоӣ ва муттаҳидии аъзои ҷомеаро дошта, қариб дар ҳама тамаддунҳо омили субот ва таъмини пешравии кишвар ба ҳисоб меравад, зеро ваҳдат сарояғози комёбиҳо, созандагиву ободкориҳо, ибтидои суботи сиёсиву иҷтимоӣ ва некуаҳволии ҷомеаи навин, ҳамчунин, худогоҳиву худшиносӣ барои миллати соҳибмаърифати мо ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, дастоварди таърихӣ, ки тавассути ҷаҳду талош, роҳбарии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон насибамон гардид, ин истиқрори сулҳу ризоияти миллӣ дар Тоҷикистони азизу соҳибистиқлол мебошад.

Замони масъулияти роҳбариро ба уҳда гирифтан, фарзанди фарзона ва ҷонфидои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин изҳор карда буданд: «Ман кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард. Ман тарафдори давлати демократии ҳуқуқбунёд мебошам. Мо бояд ҳама ёру бародар бошем, то ки вазъро ором намоем».

Яке аз ҷанбаҳои муҳими Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аҳамияти ҳуқуқӣ доштани ваҳдати миллист, ки он барои риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ҳар фарди кишвари мо нақши тақдирсозро дорад.

Сарвари давлат аз рӯзи аввали ба сари қудрат омадан барои ба даст овардани сулҳу амонӣ хизматҳои шоиставу зиёд карданд ва садоқат ба миллату давлату халқи хеш ва сулҳофарӣ чун сифатҳои асосии ин марди шариф ба ҳисоб меравад. Маҳз бо роҳнамоиву роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳи тоҷикон бо ҳадафи аслии таърихи миллат, яъне ваҳдати миллӣ, расид.

Пас аз баимзорасии ин созишномаи тақдирсоз ва ба даст овардани ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон фазои сулҳу ваҳдат танин андохта, моро ба зиндагии орому осуда роҳнамун сохт. Ин имкон дод, ки кишвар ба марҳилаи нави давлатдории миллӣ ворид гардида, ислоҳоти куллиро дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ амалӣ созад. Бахусус, пешрафти соҳаҳои маориф, фарҳанг, энергетика, роҳу коммуникатсия, саноату кишоварзӣ ба сиёсати стратегии кишвар табдил ёфт. Таи чанд соли охир ин соҳаҳо ба самтҳои афзалиятнок мубаддал гардида, дар Паёмҳои солонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ низ меҳваранд.

Бунёди шоҳроҳҳои байналмилалӣ барои пешрафт ва таҳкими ваҳдати миллӣ таъсири мусбат расониданд. Орзуи ҳазорсолаҳо, яъне имконияти тамоми фаслҳои сол сафар ба ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон, амалӣ шуд.

Маориф соҳаи тақдирсози миллат буда, тайи ин солҳо маблағгузории соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ ва дигар манбаъҳои маблағгузорӣ сол ба сол афзоиш ёфта, аз 41 млн. сомонии соли 2000 дар соли таҳсили 2022-2023 ба 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ расид. Саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ қарор дода, шиори «Дар саноатикунонии кишвар саҳми босазо мегузорем»-ро, ки сухани дили мост, парчами кору фаъолияти хеш қарор додем.

Чун ба бунёдкориҳои беназире, ки ҳар сол дар тамоми минтақаҳои кишвари азизамон рух медиҳад, бингарем, ба қадри ваҳдати миллӣ бештар хоҳем расид. Ҳамаи ин дастовардҳои азим самараи роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва якдигарфаҳмию ҳамбастагии миллат буда, сабаби боз ҳам шукуфоӣ ва пешрафти кишварамон гардидааст. Тараққиёти ҷомеа тайи ин солҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки ваҳдати миллӣ, ки дар саргаҳи он Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад, ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ вобаста ба сохти давлатдорӣ, муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ ташаккул меёбад. Моро зарур аст, ки беш аз пеш паи ободии Ватан талош намоем, ба қадри ғамхориҳои Сарвари кишварамон расем, ба халқу миллатамон софдилона ва содиқона бо сидқу самимият ва эҳтироми хоса гӯем:

**Номи туро нависем, эй Қаҳрамони ваҳдат,**
**Бо оби ноби тилло дар тоқи Қасри миллат.**

# ВАТАНДӮСТИВУ ВАҲДАТ - ЗАМИНАИ ПЕШРАФТИ ДАВЛАТИ МИЛЛӢ

**Насиба СОДИҚӢ,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор**



**Замони муосир на танҳо бо рушди ҳамаҷонибаи муносибатҳою ҳамкориҳои байналмилалӣ ва равандҳои глобализатсионӣ, балки бо авҷгирии муқовимат, тезутундшавии муносибатҳо ва бархӯрди манфиатҳо фарқ мекунад. Ҳамзамон, тамоюли муосири глобализатсионӣ бештар хусусияти таҳмил намудани ғарбикунонии тафаккуру фарҳанги давлатҳои шарқӣ ба назар мерасад, ки нигоҳдории истиқлолияту анъанаҳои давлатҳои ҷудогонаро дар вазъияти геополитикӣ мушкил менамояд. Дар чунин вазъият барои кишварҳои ҷудогона нигоҳ доштани на танҳо истиқлолияти давлатӣ, балки ҳастии миллату фарҳанг ҳамчун масъалаи тақдирсоз аст.**

Давлатҳои абарқудрат барои ҳимояи манфиатҳои худ стратегияҳои гуногунро истифода мебаранду дар ин «муколамаҳо» давлатҳои хурд, новобаста аз хоҳишашон, ворид мешаванд ва баъзан дар муайян намудани иродаи худ комилан озод буда наметавонанд. Барои ин ба давлатҳои хурд омилҳои зиёд лозим мешаванд, ки истиқлолияту манфиатҳои худро ҳимоя намоянд. Яке аз чунин омилҳо захираҳои табиӣ ва мавқеи географӣ мебошад, аммо баъзан ин дороӣ диққати давлатҳои дигарро ба худ ҷалб намуда, сабаби дахолати онҳо ба кори давлатҳои соҳиби сарвати табиӣ мешаванд. Сиёсати байналмилалии муосир раванди яктарафаро интихоб намудааст, ҳақиқат дар дасти тавоноҳо мешавад. Дар раванди бозиҳои геополитикӣ танҳо давлате, ки дар он суботу якдигарфаҳмӣ ва ҳисси ватандӯстӣ мавҷуд мебошад, истиқлолияти худро ҳифз карда метавонад. Мутаассифона, равандҳои глобализатсионӣ мафҳуму моҳияти ватандӯстиро хеле танг намудаанд ҳарчанд имрӯз ҳам мафҳуми ватандӯстӣ дигар нашудааст. Ватандӯстӣ, пеш аз ҳама, мафҳуми сиёсӣ, миллӣ ва давлатӣ буда, рисолати мураккаб, ҳамарӯза, пурмазмун ва якҷоя - барои ояндаи ҳар як шахс ва ояндаи давлату миллат мебошад. Ватандӯстӣ поя, такягоҳи ҷомеа ва давлат буда, рушди он ба манфиати ҳар як инсони солимфикр, шаҳрванд ва ватандӯст мебошад.

Тарбияи ватандӯстӣ дар замони муосир бояд меҳвари муоширати тамоми васоити маҷозӣ, сомонаҳо ва тарбияи ахлоқӣ гардад. Дар баробари ин, вазъи кунунии иртибототи иҷтимоӣ - фарҳангӣ ҳам дар ҷаҳон ва ҳам дар кишварҳо ва минтақаҳои алоҳида бо як хосияти ниҳодӣ фарқ менамояд. Мафҳуми ватандӯстӣ дар анъанаҳои гуногуни фарҳангӣ ва соҳаҳои гуногуни донишҳои башардӯстона тафсири нобаробар мегирад.

Шоҳид будем, ки дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX халқи тоҷик ва давлати тозаистиқлоли тоҷикон бо хавфи пошхӯрии миллӣ ва барпо намудани давлати динӣ дучор омад. Дар ин ҷо эҳсоси ватандӯстӣ, ки ҷавҳари ғояи миллӣ аст, ба тоҷикон имкон дод, ки миллатро аз харобшавӣ ҳифз намуда, яке аз рисолати ғояи миллӣ - ҳифзи миллат аз таҳдидҳоро амалӣ созад. Аз ин сабаб ғояи миллии тоҷикон дар шакли олии назариявӣ ва методологӣ, яъне дар мафкураи миллӣ бо номи ваҳдати миллӣ таҷассум ёфт.

Дигар омили тарбияи ватандӯстӣ ин тарбияи эҳтиром ба амали қонунҳо мебошад, зеро асоси ҳама гуна парокандагӣ ин кор накардани меъёрҳои қонун аст. Мисоли равшани ин, ҳама намуди ҷанг аст, ки сабаби нобудии давлат ва парокандагии миллат мегардад. Набояд дарси фоҷиабори ибтидои солҳои 90-уми асри гузаштаи Тоҷикистонро фаромӯш намоем ва ҳамеша дар бораи пайдошавии омилҳои барангезандаи ин ҷанг ва натиҷаҳои харобовари он ёдрас намуда, ҳушёрии сиёсиро нигоҳ дорем.

Албатта, ҳар як миллат анъанаҳои хоси фарҳангию давлатдории худро дорад. Дар таърихи давлатдорӣ фарқияти табиии қавму миллатҳо ва манфиатҳои онҳо мавҷуданд ва онҳо сабаби тарҳрезии сиёсати дохиливу беруна мегарданд. Мавҷуд будани ихтилоф дар табиати одамон сабаби ташаккули тафаккури гуногун ва боиси пайдоиши анъанаҳои гуногун мешавад. Ҳар миллат қонун ва санадҳои меъёрии давлатии худро мутобиқи менталитет ва хусусияти миллии худ таҳия менамояд. Татбиқи механикии қонунҳо ва санадҳои меъёрие, ки барои халқҳои дигар номатлубанд, оқибати нохуш дорад.

Дар замони муосир бо истифода аз натиҷаҳои бадастомадаи илмҳои ҷомеашиносӣ ҳар як давлат бояд як модели давлатдории худро интихоб намояд. Албатта ин ба бозингарони абарқудрати минтақаҳои сиёсӣ маъқул намешавад, лекин ин ягона роҳе барои нигоҳ доштани миллату давлат мебошад. Танҳо бо дастгирии тамоми узви ҷомеа, ватандӯстӣ ва баланд будани сатҳи худшиносии миллӣ, ин ва ё он давлат суботу якпорчагии худро нигоҳ дошта метавонад. Ҳамчун ғояи беҳамто, асосӣ ва фаромиллии мо, ин эҳтиром ва ҳифзи таърих, анъана ва расму оинҳои мо аст, ки ғояи миллӣ дар он асос ёфтааст.

Ватандӯстӣ барои ҳар як инсон ва ҷомеаи мо дар ҳаёти ҳаррӯза, дар ҷаҳоне, ки хатару чолишҳои зиёд вуҷуд дорад, ки дар байни онҳо майли ҷаҳонии беқадршавӣ ва аз байн бурдани сарҳадҳо, миллатҳо, фарҳангҳо ва анъанаҳои мавҷуда вуҷуд дорад, барои ҳар як инсон ва ҷомеаи мо як давои боэътимоди фардӣ ва миллӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҷавононро чунин тарбия намоем, ки ватандӯстиро ҳамчун пайванди мустаҳками байни наслҳо, интиқоли таҷрибаи ҳаётӣ, кори муштарак намунаи ибрат дарк намоянд.

Сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Тоҷикистон ба баланд бардоштани сатҳу сифати донишу маърифати ҷавонон равона шудааст. Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ роҳбарияти давлат дар симои насли наврас такягоҳи боэътимод, неруи созандаи давлати соҳибистиқлоламон, бинокорони ояндаи давлату миллатамонро дида, ба неру ва иқтидори ҷавонони ояндадор боварӣ зоҳир менамоянд. Ҳоло иштироки фаъолонаи ҷавонон ҳамчун неруи созанда дар чорабиниҳои муҳими давлатию ҷамъиятӣ бештар эҳсос мешавад. Ин далели он аст, ки насли нави истиқлолият дорои неруи фавқулода, истеъдод ва қобилияти баланди ташкилотчигӣ мебошад. Боварӣ дорем, ки ҷавонони кишвар сатҳи илму дониш, маърифату ҷаҳонбинӣ ва тафаккуру ахлоқи худро ҳамчун ватандӯстони ҳақиқӣ такомул медиҳанд. Имрӯз ба шарофати истиқлолият ва сулҳ дар Тоҷикистон барои таҳсилу фаъолияти ҷавонон шароити мусоид фароҳам шуда, аҳамияти илму дониш торафт меафзояд. Ин моҳияти рушду нумӯи халқу миллатҳо гардидааст, зеро тавоноии давлату миллатро сатҳи донишу маърифат муайян мекунад. Миллате, ки ба илму дониш, фарҳангу маънавиёт арҷ мегузорад, ояндадор, тавоно ва мутамаддин аст. Тараққиёти тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат ва дараҷаи некуаҳволии халқ, пеш аз ҳама, ба сатҳи дониш ва маҳорати касбии ҳар як аъзои ҷомеа вобаста аст.

Ҳукумати мамлакат барои дастгирӣ ва ҳавасмандии ҷавонони ватандӯст дар давоми 32 соли истиқлолияти давлатӣ тамоми шароиту имкониятҳоро фароҳам овардааст. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон насли наврасро ояндаи давлату миллат ва неруи пешбарандаи ҷомеа ва манбаи стратегии давлат медонанд. Президенти кишвар дар Паёмашон аҳамияти аввалиндараҷаи ҳалли масъалаҳои марбут ба зиндагӣ ва фаъолияти ҷавононро таъкид кардаанд. Дар шароите ки вазъият дар ҷомеаи ҷаҳонӣ рӯз то рӯз печидатар мегардад, таҳдиду хатарҳои нав ба амнияти давлатҳо ва сокинони сайёра қувват мегирад, ҷавонон бояд ҳушёру фаъол ва ҳамеша барои ҳифзи сулҳу оромӣ омода бошанд, устувории сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, манфиатҳои давлату миллати хешро авлотар гузоранд.

Дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ арзишҳо гуногун мешаванд: динӣ, дунявӣ, демокративу миллӣ, аммо барои нигоҳ доштани якпорчагии Ватану суботи ҷомеа ватандӯстӣ ва ваҳдат омилу арзиши ягона мебошанд.

Дар шароити ҳозира ҳам дар мазмуни падидаи Ватан ва ҳам дар муносибат ба он бисёр унсурҳо тағйир меёбад. Дар мавриди Тоҷикистон пас аз истиқлолияти давлатӣ гуфтан мумкин аст, ки дар якчанд рӯз Ватан аз ҷиҳати мазмун ба куллӣ тағйир ёфт ва пас аз ба ваҳдат расидан ҳамчун давлати моҳиятан дунявӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ, миллӣ ва фарҳангӣ рушд намуд.

Бо назардошти он ки қисми зиёди аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд ва бо мақсади ба роҳ мондани тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дар ҷомеа, бахусус наврасону ҷавонон, соли 2022 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ватандӯстии шаҳрвандон» таҳия, қабул ва ҷонибдорӣ шуд, ки асосҳои сиёсию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии раванди тарбияи шаҳрвандон ва муайян кардани нақш, ҷой, масъала, вазифаҳои ҳар як мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳамчун унсури таркибии системаи ягонаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро ба танзим медарорад. Мавриди зикр аст, ки қонуни мазкур на танҳо барои пурзӯр намудани ҳисси ватандӯстӣ дар байни ҷавонон, балки ба ҷалби тамоми шаҳрвандон ба корҳои тарбиявии марбут ба ватандӯстӣ равона шудааст.

Хулоса ин аст, ки ҳар як шаҳрванд бояд ба Ватан софдилона хизмат кунад, зеро мафҳумҳои ватандӯстӣ ва бетарафӣ ҳеҷ гоҳ бо ҳам алоқаманд буда наметавонанд.

# САНАДЕ, КИ РОҲРО БА СӮИ ТАРАҚҚИЁТ БОЗ НАМУД



**Фазлиддин ИКРОМӢ,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ваҳдати миллӣ, ки соли равон 26 - солагии онро таҷлил менамоем, беҳтарин орзуи амалишуда ва дастоварди таърихии миллати тоҷик ба шумор меравад.**

Соли 1991 баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон ҳизбу гурӯҳҳое ба миён омаданд, ки ба ҷойи обод кардани кишвари тозаистиқлол бо дасисаи бегонагон рӯ ба ихтилофу фитнаангезӣ оварданд. Кашмакашҳои сиёсӣ оқибат боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ гардид.

Дар ин ҷанги бародаркуш 157 ҳазор нафар ба ҳалокат расида, 25 ҳазор оила бесаробон, 58 ҳазор нафар кӯдакону наврасон ятим ва 1,5 миллион нафар гуреза шуданд. Илова бар ин ҳазорҳо хона вайрону мактабу муассисаҳои фарҳангӣ валангор ва роҳу кӯпрукҳо харобу корношоям гаштанд.

Зиёда аз 100 ҳазор мутахассис, тарки Ватан намуданд. Иқтисодиёти миллӣ мувофиқи ҳисобҳои гуногун аз 7 то 10 миллиард доллари амрикоӣ зарар дид. Хазинаи давлатӣ тиҳӣ шуд.

Вақте ба бахти мардуми кишвар 16 ноябри соли 1992 вакилони Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон фарзанди ҷасуру хирадманди миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро якдилона Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намуданд, ин ҷавонмарди фозил бо азму иродаи қавӣ ҳамагонро дилпур сохт: «Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва дар ҳар оила барқарор намудани сулҳ равона карда, барои гул- гулшукуфии Ватани азизамон садоқатмандона меҳнат мекунам».

Пас аз анҷоми ин иҷлосияи таърихӣ Сардори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои қатъи ҷанги шаҳрвандӣ ва баргардонидани гурезаҳою муҳоҷирони иҷборӣ тадбирандешӣ ва музокиротро шурӯъ намуданд, зеро дар он давраи пуртаҳлука хавфи аз байн рафтани давлат ва парокандашавии миллати тоҷик хеле зиёд буд.

Бо мақсади истиқрори сулҳу амният бо кӯшишу талошҳои пайгиронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 1994 то июни соли 1997 бо ҷонибҳои мухолиф 21 музокироту гуфтушуниди расмӣ сурат гирифт, ки Сардори давлат дар 7 музокирот ширкат варзида, ба 15 ҳуҷҷати таҳиягардида бо имзои хеш ризоият изҳор намуданд. Дар натиҷаи кӯшишу талошҳои зиёд 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид.

Санади мазкур роҳро ба сӯи тараққиёти мамлакат боз намуд. Пас аз соҳибистиқлолӣ бори аввал соли 1997 рушди иқтисодӣ ба назар расид, ки он 1,7 дарсадро ташкил дод. То имзои ин созишнома Маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ нисбат ба соли 1991 қариб 68 дарсад кам гардида буд.

Дар натиҷаи аз ҷониби роҳбарияти олии мамлакат андешидани тадбирҳои муҳиму сариваќтӣ нишондиҳандаҳои иқтисодӣ боло рафта, даромади буҷети давлатӣ аз 109 миллион сомонии соли 1997 ба 8,3 миллиард дар соли 2011 ва 15,3 миллиард сомонӣ дар соли 2015 расид. Соли 2023 ин рақам 37 миллиарду 72 миллиону 956 ҳазор сомониро ташкил дод.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 24 апрели соли 2010 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин иброз намуданд: «Мақсади асосии сиёсати рушди босуботи иқтисоди миллии давлати Тоҷикистон ба роҳ мондани рушди устувори иқтисодӣ буда, ҳамаи нақшаҳои мо асосан дар доираи се ҳадафи стратегӣ, яъне расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқавории кишвар тарҳрезӣ гардидаанд ва тадриҷан амалӣ карда мешаванд». Бо назардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ соли 2018 саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шуд.

Ҳукумати мамлакат бо мақсади рушди соҳаи саноат якчанд барномаву стратегия ва чорабиниҳоро тарҳрезӣ намуд. «Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025», «Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022», «Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», «Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014 - 2020», «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020- 2025» аз ҳамон ҷумлаанд.

Дар натиҷаи андешидани як қатор тадбирҳо саҳми соҳаи саноат дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат аз 12,1 дарсади соли 2014 ба 17, 4 дарсад дар соли 2020 расонида шуд. Дарвоқеъ рушди соҳаи саноат ва истеҳсолоти миллӣ бо истифодаи ашёи хоми ватанӣ метавонад ба таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, гардиши дохилии молу маҳсулот, устувории низоми иқтисодӣ ва дар маҷмӯъ ба таъмини зиндагии шоистаи сокинони мамлакат мусоидат намояд.

Аз рӯи маълумоти оморӣ, соли 2020 дар кишвар шумораи корхонаю коргоҳҳои саноати сабук 490 адад, саноати хӯроквори - 520 ва саноати масолеҳи сохтмонӣ 530 ададро ташкил дод. Тавре Пешвои миллат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022 иброз намуданд: «Агар соли 1991 дар мамлакат ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият дошта бошад, пас дар замони соҳибистиқлолӣ 2500 корхонаи истеҳсолӣ бунёд гардида, соли 2022-юм 2800 корхонаи саноатӣ бо 85 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият карда истодаанд».



Соли 2022-юм беш аз 500 коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ бо 6 ҳазор ҷойи нави корӣ ба фаъолият оғоз карданд ва барои он то 43 миллиард сомонӣ афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022 мусоидат намуданд.

Соҳаи кишоварзӣ низ яке аз бахшҳои муҳими иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад. Бо мақсади рушди он як қатор қонунҳо, аз қабили қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ислоҳоти замин", «Дар бораи зотпарварӣ», «Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ»,«Дар бораи тухмипарварӣ», "Дар бораи парандапарварӣ", «Дар бораи ҳифзи навъҳои растанӣ», "Дар бораи байторӣ", «Дар бораи амнияти озуқаворӣ», «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ», "Дар бораи чарогоҳ", қабул гардиданд. Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои муфид тайи панҷ соли охир сурати рушди солонаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар мамлакат ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7 фоиз нигоҳ дошта шуда, 1,4 баробар афзоиш ёфт. Истеҳсоли гӯшти парранда дар ин давра 8 баробар зиёд шуда, ҳаҷми воридоти он 11 баробар кам гардид. Дар панҷ соли охир ҳолати мелиоративии 50 ҳазор гектар замин беҳтар гардонида, 13 ҳазор гектар замини нав аз худ ва 23 ҳазор гектар замини аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ба гардиш ворид карда шуд.

Аз таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон маълум аст, ки агар давлат тинҷу осуда ва мардумаш муттаҳид бошанд дар ҳама соҳаҳо пешравӣ хоҳад шуд. Яъне, заминаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангию маънавӣ аз ваҳдату осоиштагӣ ва оромии ҷомеа сарчашма мегиранд. Бинобар ин, Пешвои миллат таъкид намуданд: «Мо фарҳанги сулҳ, субот ва ваҳдати миллиро қадр ва ҳифз менамоем, зеро сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ барои ҷомеаи мо дастоварди бузурги таърихӣ ва зиёда аз ин, заминаи асосии дигаргунсозиҳои демократӣ мебошад».

# ИФОДАИ ҲАМДИГАРФАҲМИВУ ҲАМЗИСТӢ

## ЧУНИН ТАҲАВВУЛИ МАФҲУМ ВАҲДАТИ МИЛЛИРО ФАРОГИРУ УСТУВОР МЕГАРДОНАД ВА ИМКОН ФАРОҲАМ МЕОРАД, КИ БА ҲАЙСИ УНСУРИ МУҲИМТАРИНИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ГУСТАРИШ ЁБАД

**Таърих ва тақдир миллати моро дар саргаҳи эълони соҳибихтиёрӣ ва муайян намудани мазмун ва муҳтавои табиати давлатдорӣ ба мушкилоти ҷиддӣ мувоҷеҳ кард. Мардум дар заминаи фурӯравии низоми идора аз дороиҳои зиёди маънавӣ, моддӣ ва арзишҳои бунёдии худ маҳрум гашта, ин ҳолат халқро ба парокандагӣ, аркони давлатиро фалаҷ кард.**

Собит шуд, ки истиқлолияти давлатӣ танҳо бо қабули Эъломияи соҳибихтиёрӣ ва ё дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ ба анҷом намерасад. Барои пойдории истиқлолият ва ташкили давлати мустақил, ки тавонад ба ҷомеаи ҷаҳонӣ халқро ҳамчун иттиҳодияи устувори сиёсӣ бо фарҳангу унсурҳои миллиаш муаррифӣ кунад, ҳаққи таърихӣ ва замонавии ӯро ҷиҳати мавҷудияти сиёсӣ ва ҳуқуқияш эътироф намоянд, қабл аз ҳама, Пешвои оқилу ва ҷасур лозим буд. Ҳамчунин, мебоист барои шаклгирииву таҳкими истиқлолияти давлатӣ корҳои муҳими ташкилӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқию фарҳангӣ ба анҷом расанд. Ин ҳолатро ҷомеаи Тоҷикистон дар аввали солҳои 90-уми асри XX шоҳид гардид.

Дар бораи соҳибихтиёрӣ зиёд мегӯянду менависанд, вале шарҳу тавзеҳ дода намешавад, ки он хусусияти давлати соҳибистиқлол дар салоҳиятҳо, манфиатҳои миллӣ ва таносуби қувваҳо дар сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ мебошад. Ҳангоми шарҳу тавзеҳи соҳибихтиёрӣ мафҳуми ҷаҳонишавӣ бо маънои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии он ва робитаи умумии онҳо бо равандҳои ҷаҳонӣ ва нақши танзимкунандаи давлат, ҳамчун воҳиди фаъолу мустақили сиёсӣ дар ҳифзи на танҳо анъанаҳои миллӣ ва фарҳангӣ, балки ҳифзи якпорчагӣ ва сохти конститутсионии давлат низ набояд фаромӯш шавад, ки он як навъ падидаи сиёсӣ - ҳуқуқӣ мебошад. Аз назари мутахассисони илми ҳуқуқ ва сиёсатшиносон, истиқлолияти давлатӣ соҳибихтиёрии сиёсии иттиҳоди одамони озод аст, ки дар дохил ва хориҷ сиёсати мустақили молӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсиро амалӣ менамоянд. Истиқлолияти давлатӣ сарчашмаи худро аз соҳибихтиёрии давлат мегирад. Дар навбати худ, соҳибихтиёрии давлатӣ як навъи соҳибихтиёрии умумӣ буда, ба се навъ халқӣ, миллӣ ва давлатӣ тақсим мешавад.



Соҳибихтиёрии халқӣ ба усули идораи халқӣ такя менамояд, ки дар он манбаи ҳокимияти сиёсиро халқ - шаҳрвандони кишвар ташкил медиҳанд. Нуктаи муҳим ва калидии соҳибихтиёрии халқӣ интихоботи озод, мавҷудият ва рушди парламентаризм ба ҳисоб меравад.

Соҳибихтиёрии миллӣ ин ҳуқуқи миллат ҷиҳати мустақиман, бе дахолати беруна муттаҳид шуда, таъсис додани давлати мустақил ва муайянкунии мақоми сиёсии худ аст.

Соҳибихтиёрии давлатӣ зинаи охирини соҳибихтиёрист, ки мустақилияти давлатро дар дохил ва хориҷ муаррифӣ менамояд. Танҳо давлати соҳибихтиёр ҳуқуқи дар муносибатҳои байналхалқӣ ҳамчун субъекти мустақил баромад карданро дорад. Дастрасии ҳуқуқӣ ва амалӣ ба ин се навъи соҳибихтиёрӣ дар маҷмӯъ халқу миллатҳоро ба истиқлолияти давлатӣ мерасонад.

Мутаассифона, бинобар сабабҳои объективӣ ва субъективӣ дар ин марҳила соҳибихтиёрии кишвари мо зери суол рафт. Хуб дар хотир дорем, ки он вақт кишвар «марказ»-и талошҳои сиёсӣ ва муноқиша гардид. Бенизомӣ, бесарусомонӣ, беқонунию беҳокимиятӣ ҳукмрон буд, бар муноқишаҳо ба халқ хисороти зиёд расид. Ҳазорҳо манзили истиқоматӣ, иншооти маорифу тандурустӣ, фарҳангӣ, муассисаю корхонаҳо хароб шуда, ғорати амволи давлат ва мардум авҷ гирифт.

Роҳбарият ва масъулони давлат дар даврони эълони истиқлолият аз имкониятҳои мавҷуда дуруст истифода накарда, истиқлолиятро ҳифз карда натавонистанд, инчунин вазифаҳо ва мундариҷаи фаъолияти давлатро дар ин марҳилаи сарнавиштсоз дуруст муайян накарда, тавассути таъмини тавозуни манфиатҳои гурӯҳҳои мухталифи ҷомеа натавонистанд онро барои ба даст овардани ҳадафҳои созандаи умумимиллӣ сафарбар созанд. Ҳукумати вақт ҳанӯз таҷрибаи кору муносибат бо чунин ҳолатҳои изтирориро надошт ва ин имкон дод, ки вазъият рӯз то рӯз дар марказ ва баъзе аз минтақаҳои кишвар муташанниҷ гардад ва ниҳоят, ба кушта шудани чанд нафар шахсиятҳои маъруф ва аз ҷониби неруҳои манфиатдор ғайриқонунӣ ғасб гардидани ҳукумат замина гузорад. Моҳи майи соли 1992 бо талаби неруҳои мухолифин Ҳукумати муросои миллӣ ба фаъолият оғоз намуд, вале ба иллати шомил гардидани шахсони тасодуфӣ ва ғайриҳирфаӣ ба ҳайати он ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мураккаб ва вазъият боз ҳам ноором гардид.

Тавре Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд: «Дар он айёми вазнину мудҳиш фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ пурра фалаҷ гардида, низоми идоракунии давлатӣ амалан барҳам хӯрда, Конститутсия ва дигар қонунҳо поймол ва дар кишвар фазои беҳокимиятиву хушунату зӯроварӣ ҳукмфармо гардида буд. Бузургтарин фоҷиа дар он рӯзҳо хатари аз байн рафтани давлати ҷавони тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик буд».

### МУЗОКИРОТ БО МУХОЛИФИН ТИБҚИ ТАЛАБУ ДАРХОСТ ВА МАЙЛУ ИРОДАИ ХАЛҚ ОҒОЗ ШУД

Дар арафаи Ҷашни Ваҳдати миллӣ бидуни суханпардозӣ, бо истинод ба далелҳои асоснок бозгӯйӣ намудани моҳияти ин ҷашн зарур ва ногузир аст. Хоса, дар шароити кунунӣ, ки бархӯрди манфиатҳо шиддат гирифта, гурӯҳҳои ифротгаро ва равандҳои дигари номатлуб дар шакли нав зуҳур карда истодаанд, ин иқдом муҳим, муфид ва саривақтист.

Касе инкор карда наметавонад ки Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон мақому манзалати хоса дорад. Бо гузашти солҳо, хоса бо назардошти ҳаводиси ҷаҳони муосир, моҳияти ин рӯйдоди таърихӣ барои мардуми тоҷик тамоюли афзоишро касб намуда, ҷойгоҳи онро бамаротиб боло бурд. Аз ин нуктаи назар, Роҳбари мамлакат созишномаи мазкурро бо Эъломияи Истиқлолияти давлатии мамлакат ҳамрадиф медонанд.

Далели раднопазир аст, ки агар чунин тасмим гирифта намешуд, бадбиниву таҳдид ва душманҷӯиву сангаргирӣ бештар доман паҳн менамуд. Бегуфтугӯ, дар чунин айёми ҳассос ва сарнавиштсоз нишастан ба сари мизи гуфтушунид ягона роҳи аз нобудӣ раҳоӣ бахшидани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ва наҷоти миллат аз парокандагӣ буд.

Далели раднопазир аст, ки меъмори Кохи Ваҳдати миллӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Дар асоси қонуни конститутсионӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, эътироф шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон идомаи мантиқии арҷгузорӣ ва муҳаббатномаи тоҷику тоҷикистониён ба фарзанди фарзонаи миллат аст.

Дар бораи раванди музокирот ва имзои ин ҳуҷҷати ба маънои том сарнавиштсоз зиёд гуфтаанду навиштаанд ва намехоҳам андешаҳоям такрори назари дигарон бошад. Агар ба он солҳои мудҳиши сипаришуда мунсифона назар намоем, бешак иқрор хоҳем шуд, ки он имтиҳони ҷиддӣ буд, ки халқи тоҷик зери роҳбарии Пешвои худ аз он на танҳо бо сарбаландӣ гузашт, балки рисолати давлатсозию давлатдориро дар сатҳи хубу сифати баланд иҷро намуд. Ин дастовард, ба назари инҷониб, ба омилҳои асосӣ - дар лаҳзаи барои халқ муҳим ва тақдирсоз интихоби дурусти Роҳбар, яъне нақши Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ва Пешвои ҳақиқии миллат, ки дард ва иллатҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро сари вақт дарк намуда, ҷиҳати ислоҳи онҳо фидокорона мубориза бурданд, вобаста мебошад.

Дар он шароити ниҳоят ҳассос ба шарофати иродаи матин, ақлу заковати муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муяссар шуд, ки ба низои дохилӣ хотима бахшида, мардуми парокандаи кишвар сарҷамъ шаванд. Маҳз дар ин замина Комиссияи оштии миллӣ таъсис ёфта, қарорҳои он тавассути мақомоти олии конститутсионӣ - Президент, Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумати кишвар амалӣ гардиданд. Гузашти бисту шаш сол ва ҳаводиси ҷаҳони муосир собит намуданд, ки механизми зикргардида бозёфти нодири ҳалли низои дохилӣ мебошад. Вобаста ба ин масъала Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр намудаанд: «Вазифаи муҳимтарин ва фаврии Ҳукумати навтаъсис ҳар чӣ зудтар хотима бахшидан ба ҷангу хунрезӣ, барқарор кардани фаъолияти комилан фалаҷшудаи сохтору мақомоти давлатӣ, ба Ватан баргардонидани гурезаҳои иҷборӣ ва таъмин намудани онҳо бо шароити зарурии зиндагӣ ва кор буд. Дар ин раванд, фароҳам овардани фазои мусоид барои музокироти ҷонибҳо низ аз ҷумлаи корҳои аввалиндараҷаву бетаъхир ба шумор мерафт. Мо музокироти сулҳро бо мухолифини мусаллаҳ бо талабу дархост ва майлу иродаи халқи азизамон, ба хотири қатъи хунрезиҳои даҳшатнок, ҳифзи ягонагии миллат ва нигоҳ доштани якпорчагии давлатамон оғоз кардем».

Ин таҷрибаи таърихӣ имкон дод, ки ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ бартараф карда шуда, нақши сарвари сиёсӣ ҳамчун шахсияти таърихӣ дар он эътироф гардад. Бо ёдоварии ин рӯзҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфтанд: «Давлату давлатдорӣ як мафҳуми назариявӣ набуда, он маҳз бо мавҷудияти рукнҳои амалии давлат маъно пайдо мекунад. Шоҳидон дар ёд доранд, ки дар он рӯзҳои вазнину мудҳиш тамоми ниҳодҳои марказӣ ва маҳаллии давлатдории мо пурра фалаҷ гашта, низоми идоракунии давлатӣ барҳам хӯрда буд. Бинобар ин, барқарор кардани аркони амалии давлат талошу заҳмати зиёдро талаб мекард. Мо тавонистем дар кӯтоҳтарин замон ниҳодҳои асосии давлатиро эҳё ва барқарор намоем».

### АЗ ТАҒЙИРИ МАВҚЕЪ ТО НОУҲДАБАРОӢ

Ба ақидаи доктори илмҳои фалсафа Р. Ҳайдаров: «Буҳрони сиёсие, ки дар авоили солҳои 90-уми асри XX ҷумҳурии моро фаро гирифт, метавонист боиси аз даст додани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва аз харитаи сиёсии ҷаҳон ихроҷ шудани кишвари мо гардад. Дар ин марҳилаи бениҳоят ҳассос муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд тамоми қишрҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳои сиёсиву иқтисодиро ба хотири як ҳадаф - ҳифз ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ гирди ҳам оваранд» .

Вобаста ба хусусияти низоъҳои шаҳрвандӣ ва нақши сарварони сиёсӣ дар ҳалли онҳо сиёсатшинос А.Комилбек чунин назар дорад: «Агар аз диди назарияҳои классикии низоъ ба масъала назар афканем, пас муайян намудан мумкин аст, ки дар низоъҳои сиёсӣ ҳокимият объекти низоъ ба ҳисоб рафта, барои ба даст овардани он мубориза шадид аст. Дар ҳолати низои тоҷикон ҳам ин омил ҷой дошт. Маълум буд, ки мухолифин на барои амалӣ намудани манфиатҳои ақидагии худ, ки асосан татбиқи ғояи исломи сиёсиро дар бар мегирифт, талош мекард. Ин фақат шиор барои ба даст овардани ҳокимият дар Тоҷикистон буд. Мавқеи қудратталабонаи онҳо дар раванди музокирот барьалотар ва майлашон барои соҳиб шудан ба захираҳои идоракунӣ ва ҳокимият маълум буд. Яъне, онҳо тайёр буданд бар ивази ҷой гирифтан дар сохторҳои ҳукуматӣ аз ғояи меҳварии худ даст кашанд. Ин майли онҳоро дарк намуда, Сарвари давлат ба иқдоме розӣ шуданд, ки онро таҷрибавӣ ҳам гуфтан мумкин аст» .

Раванди мазкурро таҳлил намуда, ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ Абдураҳмон Муҳаммад гуфт: «Албатта, тақсимоти ҳокимият дар назарияҳои сиёсии муосир ба хотири сулҳу салоҳ ва оромии ҷомеа ба назар гирифта мешавад, вале он бештар дар равандҳои муколама ва хотири муътадил гардонидани вазъ ва анҷоми хуби гуфтушунид мебошад. Таҷрибаи Тоҷикистон нишон дод, ки касбияти оппозитсия, тақсимоти мансабҳо байни сарварони минтақавии онҳо ва аз уҳдаи кор набаромадани аксарияти ба сари мансаб омадагон дар муҳлати чанд сол вазъиятро боз мушкил гардонид. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, чунин таҷрибаи тақсимоти мансабҳо барои ба даст овардани сулҳу салоҳ нишон дод, ки агар аз як ҷониб, ба раванд оромии ҷомеа таъсиргузор буд, аз тараф дигар, дар муддати начандон тӯлонӣ маълум гашт, ки аксарияти кадрҳои аз тарафи ИНОТ барои вазифаҳои давлатӣ пешниҳодгардида, ба истилоҳ «намояндагони 30 - фоиза» аз уҳдаи вазифаҳо баромада натавонистанд .

### АГАР ХИРАД ВА ДОНОӢ НАБОШАД, ҚУДРАТ ҲАМ БА ВУҶУД НАМЕОЯД

Ин нуктаи муҳим дар давлатсозиву давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меҳвар буда, дар ҳама самтҳо комёбанд. Эътироф бояд кард, ки дар баробари тундбоди ҳаводис истодан, муқовимат кардан осон нест. Хушбахтона, ин Родмард мисли кӯҳ устувору побарҷоанд. Аввал, ба сифати Раиси Шӯрои Олӣ ва баъдан, ҳамчун Президенти кишвар, ин шахсият давлатро сохтанд. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ қонуну қарорҳое қабул кард, ки ба эҳёи фаъолияти мақомоти давлатӣ рабт доштанд. Пас аз Президент интихоб шудан муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни давлатсозӣ ба бунёдгузори давлати миллӣ табдил ёфтанд. Замона, вазъият, муборизаҳо дар кураи низоми идоракунии президентӣ ин шахсиятро обутоб доданд. Ба касе пӯшида нест, ки Пешвои миллат давра ба давра заминаҳои маънавӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва сиёсии бунёди давлати мустақили тоҷиконро тарҳрезӣ карданд.

Ба андешаи мо, яке аз сабабҳои бадбахтии солҳои навадуми асри гузашта набудани пешво буд. Бо дарки масъулият мегӯям, ки агар дар он давра роҳбаре чун Эмомалӣ Раҳмон мебуд, шояд ҷанг намешуд. Пеш аз он кас ҳам роҳбарон буданд, лекин натавонистанд ҷомеаро идора кунанд. Муваффақияти бузургтарини Иҷлосияи XVI Шӯрои Олиро дар он мебинам, ки шахсеро барои роҳбарӣ интихоб кард, ки тавонист рисолати давлатдориро бар дӯш гирифта, мардуми парокандаро муттаҳид кунад, гурезаҳоро ба Ватан баргардонад ва аркони фалаҷшударо аз нав бунёд намояд.

Бо вуҷуди роҳи ноҳамвори давлатдорӣ ва сатҳи печидаи таъмини ҳуқуқу озодиҳо дар масири таърих то имрӯз истиқлолияти давлатӣ ягона воситаи муҳим ва муассири эътироф ва эҳтироми ҳаққи худмуайянкунии халқу миллатҳост. Аз ин нуқтаи назар, барои ҳар шахс, ки имрӯзу фардои худро дар мизони хирад баркашидааст, қудрати дарки неку бадро доро аст, неъмате бузург, гиромӣ ва муқаддастар аз ваҳдати миллӣ буда наметавонад. Барои миллати соҳибтаърихи тоҷик, ки пас аз садҳо соли бедавлатӣ дигарбора соҳиби давлати соҳибистиқлол гардид, ин ҳодиса на як рӯйдоди одии таърихӣ, балки мояи ифтихор ва масъулияти азим дар назди гузашта, имрӯза ва ояндаи хеш аст.

### ЗАНГӢ БА ШУСТАН НАГАРДАД САФЕД

Аз нимаи дуюми садаи нуздаҳум доҳиёни тозазуҳур ба дини мубини ислом қабои сиёсӣ пӯшонида, ба барномарезиҳо, ки ҷузъе аз бозиҳои геополитикӣ ба ҳисоб мерафт, пайвастанд. Он айём раванди мавриди назар ба марҳилаи сифатан нав ворид гардида, аз лиҳози моҳият ба стратегияи сиёсати хориҷии баъзе абарқудратҳо табдил ёфт. Дар ин раванд таъсиси гурӯҳҳои муташаккили динӣ аз ҳисоби насли нисбатан ҷавони ифротгаро ва дар ин замина ба вартаи нобудӣ расонидани давлатҳои мавриди таваҷҷуҳ меҳвар буд. Ба ибораи дигар, дар ташкилоти сохтаи манфиатхоҳони минтақавию хориҷӣ рӯҳияи миллӣ ва арзишҳои милливу давлатӣ ба ҳошия рафта, беҳувият намудани инсонҳо ҳадафи асосӣ ба ҳисоб мерафт.

Мутаассифона, дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ хурофоту таассуби мазҳабӣ дар қиёс ба арзишҳои милливу давлатӣ авлавият пайдо карда, пайомади фоҷиабори он ҳоҷат ба шарҳу тавзеҳ надорад. Мақсад аз сиёсатбозӣ, суханпардозӣ, ва бечоранолии ба ном мухолифин ба даст гирифтани қудрати сиёсӣ буд. Ҳарчанд дар кору пайкори ин тоифа мафкураи бегона меҳвару ҷавҳар буд, вале бо истифодаи «технология»-и нав хешро наҷотбахши миллат вонамуд карданд. Чоплусӣ, дурӯғгӯйӣ дар вуҷуди онҳо реша давонида, бо чарбзабонӣ мехостанд мардумро ба худ моил созанд.

Вале ҳақиқатро магар метавон бо дурӯғ рӯйпӯш кард? Ҳаргиз, ҳар касе он даравад, оқибати кор, ки кишт. Чун пардаи аз чеҳараи манфурашон бардошта шуд, дар зиндагиномаи онҳо пайдо кардани ҷанбаҳои мусбат ҷустани сӯзанро дар ғарами алаф мемонад.

Он замон аз даст додани зиракии сиёсӣ боис гардид, ки 150000 нафар нобуд, 1,5 миллион кас фирорӣ шуда, мавҷудияти миллату давлати тоҷиконро зери суол равад. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 60 фоиз коҳиш ёфта, касри тавозуни пардохт 30 фоиз афзуда, сатҳи таваррум ба дараҷаи аз ҳама баланд (гиперинфлятсия) 2100 фоиз ва сатҳи камбизоатии аҳолии кишвар ба 80 фоиз расид. Қарзҳои берунӣ ва дохилӣ босуръат афзоиш ёфта, дар бозори истеъмолӣ маҳсулоти хӯрока ва молҳои аввалиндараҷаи ниёзи мардум ниҳоят камчин шуданд. Ин ҳолат вазъи умумии иҷтимоию сиёсиро муташанниҷ гардонида, шиддати иҷтимоиро қувват бахшид.

То ҳанӯз пасмондаҳои ин тоифа таблиғгари мафкураи бегонаанд. Бо каломи «бадеъ» онҳо доми фиребу найранг густурдаанд, то сайди ноогоҳ ва ғофилро ба даст оваранд. Бо вуҷуди дар ду олам шармсор будан даст аз ҳарзагӯӣ ва бечоранолӣ набардоштаанд. Ба ибораи дигар, «кор»- и ин тоифа «аз гиря гузашта» бошад ҳам, ин бешарафон механданд. Барои эшон дигар даво пайдо кардан амрест маҳол. Шояд дар дунёи сонӣ ислоҳ шаванд, аммо барои имрӯз онҳо худро комилан бохтаанд. Садҳо далел мавҷуд аст, ки сабаби асосии аланга задани оташи ҷанги бародаркуш бархӯрди ду идеологияи тоталитарӣ - идеологияи коммунистӣ бо исломи сиёсӣ буд. Мардуми шарифи кишвар бо чашмони сар диданд, ки ин тоифа дар заминаи «қонун»- ҳои асримиёнагии ба ном шариативу дар асл хурофотӣ кору пайкор менамуданд.

Бо хулоса аз ин бояд тамоми кӯшишҳоро ба харҷ диҳем, то ваҳдати миллӣ ва суботи сиёсӣ осебнопазир бошад. Бояд фаромӯш насозем, ки нотавонбинон вобаста ба вазъияту манфиат метавонанд зоҳири хешро иваз намоянд, вале «зангӣ ба шустан нагардад сафед».

### ВАҲДАТ БЕГАЗАНДУ АБАДӢ МЕМОНАД, АГАР...

Хушбахтона, 26 сол аст, ки дар кишвар дигар садои тиру туфанг, нолаи талхи модарон ба гӯш намерасад. Мардум нафаси осуда мекашад ва бо эътимоди комил, бо қалбҳои пур аз умед, орзуҳои наҷиб ба сӯи фардои дурахшон собитқадаманд. Дар шароити кунунӣ вазифаи ҷонӣ, рисолати инсонӣ ва қарзи виҷдони ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ аст, ки барои пойдор нигоҳ доштани сулҳу субот дар ҷомеа, таҳкими ваҳдати миллӣ ва таъмини ҳаёти осоиштаи халқ ҳамеша омода ва беш аз пеш ҷонфидо бошанд.

Ашхоси аз набзи ҷомеа огоҳ, хоса зиёиён бояд мунтазам шарҳу тавзеҳ диҳем, ки оғози солҳои навадуми асри гузашта ба «шарофат»-и фитнаву дасисаи неруҳои бадхоҳи хориҷӣ авзои сиёсиву иҷтимоии мамлакат муташанниҷ гардида, давлату миллат дар вартаи нобудӣ қарор доштанд. Дасисаҳои душманони дохилию хориҷӣ, таассуб, каҷфаҳмӣ, пайгирии манфиатҳои маҳаллию гурӯҳӣ ва иллатҳои дигар дар кишвари ба тозагӣ истиқлолият пайдокардаи мо оташи ҷанги шаҳрвандиро афрӯхтанд, ки ҳазорон нафар ҳамватанро ба ком кашид. Ватан хароб шудаву тамомияти марзии кишвар зери хатар қарор гирифт. Муҳимтар аз ҳама, бояд ба насли наврас моҳияти ин ҷашн ва саҳми меъмори онро фаҳмонем, то онҳо дарк намоянд, ки чанд сол пештар бо чӣ мушкилот рӯ ба рӯ ва кадом шахсият боис гардид, ки рӯзгори саодатманди онҳо таъмин гардад.

Эътироф бояд кард, ки дар робита ба ин масъала баъзеҳо ба суханпардозӣ иктифо мекунанд, ки дар натиҷа тадбирандешӣ барои бегазанд нигоҳ доштани ин неъмати бебаҳо аз мадди назар дур мемонад. Чӣ бояд кард, ки Ваҳдати миллӣ устувор монад?

Ба ин савол беҳтар аз таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон посух пайдо накардам: «Ваҳдат дар сурате бегазанду абадӣ мемонад, ки ҳар як шаҳрванди кишвар манфиати милливу давлатиро аз ҳама манфиатҳои дигар боло гузорад, барои иттиҳоду ягонагии ҷомеа талош намояд, ба қадри сарзамини аҷдодии хеш расад ва онро чун модари худ азизу муқаддас шуморад».

Ба ин суханони пурҳикмат чизе илова намудан ҷоиз нест.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

# КАФОЛАТИ КАМОЛИ НАСЛИ НАВРАС

**Аз замони ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ Дар Тоҷикистон 26 сол сипарӣ шуд. Ҳодисаҳои солҳои охирро мушоҳида намуда, ба хулоса меоем, ки имрӯз дар ҷараёни бозиҳои сиёсӣ «ҷорӣ кардани демократия» василаи аз байн бурдани оромию суботи мардуми давлатҳои дорои сарватҳои табиӣ шудааст.**



**Мунаввар АБДУСАЛОМЗОДА, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мақолаҳои илмии сиёсатшиносонро хонда, ба хулосаи онҳо, ки имрӯз демократия аз тарафи абарқудратҳо василаи таҳмил кардани манфиати геостратегӣ мебошад, розием.

Вазъияти имрӯзаи баъзе давлатҳои ҷангзадаро дида, Тоҷикистони аввали солҳои 90-уми асри XX, айёми наврасиамро пеши назар меорам. Тарсу ваҳм, сарсониҳои мардум, гуруснагиву ночориву нодорӣ, фиғони наздикони шаҳидгаштагон, ҷасадҳои бесоҳиб, ки боиси ваҳму тарси мо - наврасон буд, аз ёдам намеравад. Он айёми пурваҳшатро ба ёд оварда, ҳоло шукр мекунем, ки аз ин даҳшати ҷанг халос шудем ва насли нав, ҷавонони хушиқбол аз чунин ҳодисаҳои мудҳиш эминанд.

Ҳар як миллат анъанаҳои хоси фарҳангию давлатдориро дорад. Дар таърихи давлатдорӣ фарқияти табиию манфиатҳои халқҳо табиатан мавҷуданд ва ин фарқият сабаби тарҳрезии сиёсати дохиливу беруна мегарданд. Мавҷуд будани ихтилоф сабаби ташаккули тафаккури гуногун ва боиси пайдоиши анъанаҳои зиёд мегардад. Ҳар миллат қонунҳо ва санадҳои меъёрии давлатии худро мутобиқи менталитет ва назокатҳо таҳия менамояд.

Шоҳид будем, ки баъд аз эълони истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон роҳи мушкили ташаккули давлатдориро аз сар гузаронд. Бо таъсири баъзе гурӯҳҳо хатари аз даст додани арзишҳои миллӣ ба миён омада, ин тоифа рушди минбаъдаи Тоҷикистонро танҳо дар асоси дину арзишҳои динӣ тарҳрезӣ менамуданд. Мардум дарк кардаанд, ки бе давлати тавоно ва аркони давлатдорӣ амнияти ҷомеа ва тараққиёти мунтазами соҳаҳоро таъмин кардан имконнопазир аст. Муҳимтар аз ҳама, ин раванд бе сарвари оқилу дурандеш ғайриимкон аст. Хушбахтона, халқи тоҷик Сарвари оқилу дурандешро интихоб карда тавонист ва ин Абармард тавонистанд миллатро сарҷамъ ва мамлакатро тадриҷан аз буҳрони иқтисодӣ, сиёсиву иҷтимоии раҳоӣ бахшид, ормонҳои чандҳазорсолаи худро амалӣ намояд.

Таваҷҷуҳ ва ғамхории Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба қишри ояндасозу ободкор, яъне ҷавонон, аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ хоса буд. Мулоқоти нахустини Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷавонони ҷумҳурӣ дар 70-умин рӯзи сарварӣ, яъне 2-юми феврали соли 1993 баргузор гардид, шаҳодати ин гуфтааст.

Ба шарофати ғамхории доимии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи зиёди муассисаҳои таҳсилоти олии касбиву миёна, китобхонаву осорхонаҳо, марказҳои варзишиву фарҳангӣ сохта шуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид мекунанд, ки ҷавонон қувваи бузурги созанда ваояндаи миллату давлат буда, барои онҳо бояд тамоми шароит фароҳам шавад.

Зиндагиномаи Пешвои миллат барои ҷавонон мояи ифтихор ва намунаи ибрат мебошад. Таърих гувоҳ аст, ки Президенти маҳбуби мо дар як марҳилаи тақдирсози миллатамон аз вакили ҷавон ба як Абармарди дунёи сиёсат ва фарзонафарзанди миллат табдил ёфтанд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғӯши Ватану миллат ва дар сояи дуову дастгириҳои мардум сабзида, ба таври комилан табиӣ мавриди эътирофу эътибори мардуми худ қарор гирифтаанд. Ин аст, ки чеҳраи ӯ чеҳраи табиӣ, шахсияти ӯ шахсияти воқеӣ ва хидматҳои ӯ хидматҳои созандаву бунёдкорона мебошанд.

Ҷавонони мо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсолон, неруи тавоно ва ояндаи давлат мебошанд. Фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти онҳо яке аз масъалаҳои муҳимтарини ниҳодҳои дахлдор мебошад. Ҷавонони кишвари мо бо дарки масъулияти баланд, иродаи мустаҳкам, бо садоқату муҳаббат ватандории хешро исбот намуданд, ки сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат саҳмгузор будани онҳоро исбот сохт.

Фурсате омадааст, ки ба масъалаи ҷавонон бо назари нав рӯ оварда, аз имкониятҳои зеҳниву ҷисмонии онҳо истифода барем. Чунин муносибат имрӯз яке аз шартҳои ноил шудан ба инкишофи устувори давлат ва ҷомеа мебошад.

Бо назардошти он ки замони имрӯза бо баъзе равандҳои мураккаб, ба монанди ҷаҳонишавӣ, бархӯрди тамаддунҳо доман паҳн карда истодаанд, ҷавонони мо кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки ба маънои том пайрави Пешвои миллат бошанд.

Суханони Пешвои миллат: «Фардои ин Ватани азиз аз ташаббусҳои наҷиб ва анҷоми рисолатҳои бузурги шумо оғоз мешавад» намунаи олии эътимод ба ҷавонони Тоҷикистон мебошад. Табиист, ки ин рисолатро ҷавонон дар фазои амну осоиштаи Ватан, ки ба шарофати ваҳдати миллӣ фароҳам аст, метавонанд дар сатҳи хубу сифати баланд иҷро намоянд.

# НАҚШИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР БАҚОИ МИЛЛАТУ ДАВЛАТ

**Файласуфи Фаронса дар асри XVIII Клод Адриан Гелветсий навишта буд: «Ҳар шахсе, ки таърихи бадбахтии халқҳоро меомӯзад, метавонад бовар кунад, ки теъдоди зиёди бадбахтиҳо дар рӯи Замин натиҷаи ҷаҳолат будааст». Миллатҳое, ки нобуд шудаанд, бештар ба сабаби номуттаҳидӣ, муборизаи муттаҳидона набурдан бар зидди душманон ва ғосибони марзу бум, боло гирифтани зиддият миёни элитаи сиёсии кишварҳо аз байн рафтаанд.**

Таҷрибаи давлатҳои пешрафта собит мекунад, ки роҳбарии оқилона, дурандешона, муттаҳидсозанда ва таъмини ваҳдати умумимиллӣ боиси боқӣ мондани давлатҳо ва миллатҳо шуда, онҳоро ба тараққиёт раҳнамун сохтааст. Дар давраҳои масъулиятноктарини таърих омили шахсият афзуда, гурӯҳҳои сиёсӣ, ки аз байнашон шахсияти тавоно ба ҳайси пешво зуҳур мекунад, давлаташонро аз нобудӣ ва халқашонро аз ҷаҳолат ва маҳрумӣ наҷот медиҳад. Чунин шахсиятҳо, аввалтар аз ҳама манфиати ҷомеаро дар назар мегиранд. Файласуфи номбурда таъкид кардааст, ки «Агар хоҳӣ аз рӯи виҷдон амал намоӣ, пас танҳо ба манфиатҳои ҷамъиятӣ бовар намо ва онро ба ҳисоб гир, зеро манфиати шахсӣ бисёр вақт фиреб медиҳад».

Ба тоҷикон дар натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ соҳибихтиёрӣ насиб шуд, вале бо сабабҳои гуногун, пеш аз ҳама, мансабхоҳӣ, экстремизми динӣ ва дастгирии баъзе неруҳои хориҷӣ, боиси фоҷиаи умумимиллӣ гардид. Шуури сиёсии омма таҳриф ва дар доираи дин ва маҳал маҳдуд шуда буд ва худшиносии миллии аксарияти мардум дар сатҳи паст қарор гирифт. Табиист, ки дар ин марҳила «фирори ақлҳо» бештар шуда, шахсони босаводу бофарҳанг барои худ ҷои амн ҷустуҷӯ мекунанд. Душманони миллат ва фарҳанг, низоъандозону зархаридони онҳо, пеш аз ҳама, шахсони огоҳ ва донишманду фозили миллатро кӯшиш мекунанд аз байн баранд.

Чунин кӯшиш бар зидди миллати тоҷик борҳо сурат гирифта, на танҳо дар аввали асри XX, балки дар охири он низ ба таври равшан ошкор гардид. Таҷрибаи кишварҳои Ғарбу Шарқ нишон медиҳад, ки дар вазъияти душвори тақдири буду набуди давлат ва миллат интихоби лидери умумимиллӣ муҳимтарин ва душвортарин амали сиёсӣ мебошад. Лидери сиёсӣ дар чунин ҳолат на танҳо имкони муайян кардани неруҳои солим, муттаҳид ва равона кардани онҳоро барои иҷрои ҳадафҳои аввалиндараҷаи ҳаётӣ дошта бошад, балки бо неруи интеллектуалии дурандешона нақшаҳои аз буҳрон баровардани кишварро амалӣ карда тавонад.

Раиси Шӯрои Олӣ интихоб шудани вакили мардумӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ тасодуфӣ набуд, зеро хислатҳои ҳамида дар андеша,



**Кароматулло ОЛИМОВ, академики АМИТ**

сухан ва амали Пешвои ҷавон зуд падидор шуданд. Аввалин иқдомҳои Пешвои миллат боиси сарҷамъии миллат, аз парокандагӣ наҷот додани он ба воситаи қатъи ҷанг ва ҷорӣ кардани сулҳу созиш василаи воқеии аз парокандагӣ наҷот додани миллати тоҷик гардид.

Асли фарҳанги халқи тоҷик хусусияти ҳамгироӣ дошта, хилофи индивидуализм ва эгоизми худписандонаи фарҳангҳои ба зӯроварӣ асосёфта мебошад. Хислати таҳаммул, дӯстӣ, азхудгузарӣ барои ҳамнавъон ва инсондӯстӣ хоси он мебошад. Тамоми осори назмию насрии гузаштаи мо аз Авасто то асарҳои устод Айнӣ бар ҳамин пояи ахлоқӣ қарор гирифтааст. Таърих гувоҳ аст, ки фарҳанги тоҷик ба воситаи зӯроварӣ ва шамшер худро вусъат набахшидааст, балки ба воситаи қудрати сеҳрофарин ва муъҷизаосои сухан қаламрави бузургро фатҳ намудааст.

Яке аз мақсадҳои асосии Президент муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарбияи насли солим ва босавод, эҷодкор ва дорои фарҳанги ғанӣ мебошад, зеро тарбияи насли бомаърифату бофарҳанг, дорои ҳисси худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ ояндаи неки миллатро кафолат медиҳад. Эммануэл Кант гуфтааст: «Кӯдакон на барои имрӯз, балки барои ояндае, ки шояд ҳолати беҳтарини навъи инсонӣ бошад, бояд тарбия шаванд».

Миллати тамаддунсоз, вале азияткашидаи тоҷик, ки берун аз Тоҷикистон, дар ватани ҳамешагии таърихии аҷдодии худ дар минтақаи васеи Осиёи Марказӣ зиндагӣ ва эҷод мекунанд, зери фишори қувваҳои шовинистӣ ва экстремистӣ низ қарор доранд. Насли имрӯзу ояндаи кишвар, чунон ки ба суханони файласуфи бузурги ҷаҳонӣ Эммануэл Кант ишора кардем, дар сатҳи баланди маърифат ва тамаддун бояд қарор гиранд. Имрӯз ҷаҳонисозии пурошӯб хатарҳои зиёд дорад. Бедорию ҳушёрии сиёсӣ, ваҳдати миллӣ аз ҳарвақта бештар ва ниҳоят зарур аст. Пешвои миллат таъкид кардаанд: «Манбаъ ва асосҳои бунёдии ваҳдати миллӣ ва таҳкими давлатдорӣ дар Тоҷикистон аз муттаҳидии халқ ва пойдории сулҳу субот, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву ватанпарварии мардум, худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ, тақвият бахшидан ба мақоми давлат ҳамчун ҳомӣ ва кафили манфиатҳои халқ, афзоиши неруи иқтисодии кишвар ва нуфузу эътибори байналмилалии он иборатанд».

Ваҳдати миллӣ раванди доимии серпаҳлу мебошад, бинобар ин, талаби диалектикаи замон ин аст, ки мунтазам ҷораҳое андешида шаванд, ки аҳолии минтақаҳои кишвар худро узви оилаи ягонаи ин давлат эҳсос намуда, бо дарки масъулияти бузурги миллӣ ба роҳи пешгирифтаи Пешвои миллат содиқона пайравӣ намоянд, то миллат ва давлати тоҷикон абадӣ бошад.

# АРЗИШИ МУҚАДДАСУ ТАЪРИХӢ

**«Арзиши муқаддасу таърихӣ ва омили муҳимтарини ҳамаи дастовардҳои миллати мо баъди истиқлолияти давлатӣ, бешубҳа, ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ мебошад».**
**Эмомалӣ РАҲМОН**

**Ҳамчун шоҳиди бевоситаи рӯзҳои тираю тори солҳои навадуми асри гузашта дар Тоҷикистон, ки бо хиёнату ҷинояти саркардагону аъзои ташкилоти террористии наҳзати ислом ва дастгирии хоҷагони хориҷӣ ба вуқӯъ пайваст, бо қатъият мегӯям, ки бо ҳама шикасту рехт, бохту талафот миллати хушбахтем. Бо гузашти солҳо ва сабақи ҳодисаҳои Ироқ, Сурия, Яман, Либия ва Афғонистон шукр менамоям ва орзуи онро мекунам, ки дар кишварҳои дар гирдоби ҷангафтода ҳар чӣ зудтар сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ тантана кунад.**

Шояд рӯи қоғази сафед овардани он рӯзгори пуртаҳлука чандон мушкил набошад, вале барои дарки пурраи он ҷасорату ҷавонмардӣ ва имони комил лозим аст.

Дуруст аст, ки солҳо мегузаранд ва бо мурури вақт воқеаҳои гузашта ба таърих кӯч мебанданд. Тарбияи насли аз даҳшати он айём то андозае бехабар дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва худшиносиии миллӣ, таҳкими сулҳу ваҳдати тоҷикон, он қарзу вазифаи ҷонии ҳар як шахси миллату ватанпарвар мебошад. Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 27-уми июни соли 1997 осон имзо нашудааст. Он ба маҷрои дурусту рушду такомули минбаъдаи кишвар мусоидатгар шуд.

Муболиға нест, ки он вақт бақои давлату миллати тоҷик зери суол рафта буд. Ҳақиқати таърихиро таҳриф кардан имкон надорад, мисле ки офтобро бо доман пӯшида намешавад. Хизматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои миллату давлат ҳадду андоза надорад. Бо хулосабарорӣ аз вазъи муташанниҷи ҷаҳони имрӯза, ба ботлоқи ҷаҳолату нестӣ фурӯ рафтани давлатҳои бо масоҳат ва нуфуси аҳолӣ ба маротиб бузургтар аз Тоҷикистон, наёфтани роҳи ҳалли қазия арзишу қимати он хизматҳоро болотар бурда, сокинони кишварро мебояд зиракии сиёсиро ба ҳеҷ ваҷҳ аз даст надиҳанд.

**Сулҳу ваҳдат миллате дорад, саодатёр ҳаст,**
**Бо дилу бо дидаи дар зиндагӣ бедор ҳаст.**
**Ганҷу сарватҳо зиёд бошад дар рӯи замин,**
**Ваҳдати миллат, валекин ганҷи нотакрор ҳаст.**

**Мирзо РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»**

# РАМЗИ АВВАЛИНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ



**Пас аз соли 1997, ки ваҳдати миллат таъмин шуд, Ҳукумати Тоҷикистон ба созандагӣ даст зад. Дар доираи имконоти ҳамонвақта амалисозии лоиҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоиву иқтисодӣ муҳим оғоз шуд. Дар баробари ин, таҳкими истиқлолияти давлативу ваҳдати миллӣ чун зарурати аввалиндараҷа дар мадди назари муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд. Бояд иқдомҳое амалӣ мешуданд, ки бозгӯкунандаи таъриху фарҳанги бузурги давлатдории тоҷикон дар давраҳои гуногун бошанд, омили сарҷамъкунандаи миллат. Яке аз аввалин иқдомҳо эълони бузургдошти 1100-солагии давлатдории Сомониён буд. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 - уми апрели соли 1997 таҳти №693 «Дар бораи таҷлили 1100-солагии давлати Сомониён» баромад. Дар заминаи он, 9 - уми июни соли 1997 таҳти № 275 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷашни давлати Сомониён» ба тасвиб расид. Қарори мазкур тартиби ташкили Кумитаи тадорукот оид ба гузаронидани ҷашни давлати Сомониёнро муайян намуд.**

## МУҶАССАМАИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ ЧӢ ГУНА ОФАРИДА ШУД?

19-уми сентябри соли 1997 Кумитаи тадорукот оид ба омода кардани шаҳри Душанбе ба баргузории ҷашн қарор қабул кард. 20 - уми ноябри ҳамон сол таҳти №231 Қарори раиси шаҳри Душанбе «Дар бораи омодагӣ ва гузаронидани ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён» ба тасвиб расид. Мувофиқи банди 11 қарори мазкур, бахшида ба 1100 - солагии давлати Сомониён барои офаридани беҳтарин лоиҳаи намунавии монумент бо муҷассамаи Исмоили Сомонӣ аз 20 - уми ноябри соли 1997 то 30-юми январи соли 1998 озмун эълон гардид. Банди 12 қарори мазкур макони ҷойгиркунии муҷассамаи Исмоили Сомониро майдони марказии шаҳри Душанбе, рӯ ба рӯи бинои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кард.

Барои асари ғолиб 5 ҳазор доллари ИМА мукофотпулӣ муайян гардид. Бо назардошти он ки дар озмун иштироки мутахассиони хориҷӣ низ маҳдуд набуд, онро байналмилалӣ арзёбӣ кардаанд. Ба ҳайати ҳакамони озмун дар баробари 20 сиёсатмадору меъмор, рассому олим, шоир ва намояндагони дигар қишрҳои ҷомеаи кишвар, ҳамчунин намояндаҳо аз Федератсияи Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Эрон, Афғонистон ва Қирғизистон шомил буданд.

Баъд аз пешниҳод шудани лоиҳаҳо онҳоро дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддини Беҳзод ба намоиш гузоштанд, то дар баробари мутахассисон, шаҳрвандон низ интихоб карда тавонанд. Пас анҷоми намоиш дар ҷаласае, ки аз 25 аъзои ҳайати ҳакамон 18 нафар ширкат доштанд, 14 нафар ба ҷонибдории лоиҳаи эскизӣ таҳти рамзи «55555» овоз медиҳанд. Маълум гардид, ки муаллифи асари ғолиб меъмори шинохта Баҳоваддин Зуҳуриддинов будааст. Пас аз ин, пуррагардонии лоиҳа ва муайян намудани симои Исмоили Сомонӣ шурӯъ мегардад. Дар натиҷаи баҳсу мунозира симои Исмоили Сомонӣ, ки аз ҷониби Баҳоваддин Зуҳуриддинов тасвир гардидааст, маъқул шуд.

Ҳангоми офаридани симои Исмоили Сомонӣ муаллиф аз маълумоти таърихӣ, китоби вазири дарбори Сомониён Ҷайҳонӣ «Ашкол - ул - олам», ки аввали асри X, дар замони ҳукмронии Насри II ибни Аҳмад навишта шудааст, истифода кардааст.

Муҷассамаи Исмоили Сомонӣ бо баландии 12 метр аз фулузоти биринҷӣ ва арки бузург, ки бо ҳафт қабати сталактитҳо мустаҳкам гардидааст, сохта шудааст. Дар болои арк, дар зери нурҳои дурахшони офтоб тоҷ ҳамчун рамзи давлатдории тоҷикон дар пояи куракшакл медурахшад. Диаметри тоҷ 4,5 метр мебошад. Муаллиф ҳангоми таҳияи лоиҳа ба хотири мувофиқат кардани андозаи арк ба майдон баландии онро аз сатҳи майдон 35 метр муайян намуд.

Дар он минбари рамзии Президенти кишвар мавҷуд аст, ки ҳангоми таҷлили ҷашнҳо, роҳпаймоиҳои ботантана, намоишҳо ва парадҳо иштирок мекунад. Дар ҳар ду тарафи минбари зикршуда барои аъзои Ҳукумат ва меҳмонони баландмақоми хориҷӣ ҷой муайян шудааст.

Яке аз унсурҳои дигар симои ду шери хобида дар минбари пасти ду тарафи тахти суфа мебошад. Онҳо рамзи сулҳу суботу осоиш, рамзи ҳокимият мебошанд.

Дар зери муҷассама осорхона эъмор шуда, нусхаи мақбараи Исмоили Сомонӣ сохта шудааст. Дар қисмати қафои муҷассама харитаи давлати Сомониён акс ёфтааст.

Монумент бо муҷассамаи Исмоили Сомонӣ моҳи сентябри соли 1999 дар Ҷашни Истиқлолияти давлатӣ ва 1100-солагии давлати Сомониён ба истифода дода шуд. Он рамзи соҳибдавлатии тоҷикон буда, меҳмонони баландмақоми кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла роҳбарони давлатҳо, ҳангоми сафар ба кишвари мо дар пояи он чун нишони эҳтиром ба таъриху фарҳанги оламшумул ва истиқлолияти давлатии Тоҷикистон гул мегузоранд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

# ЯКДИЛӢ, ҲАМВАТАНӢ МЕХОҲАМ

**Инсон дар давоми зиндагӣ хеле заҷр кашид, то ба худ, ба шинохти одаму олам расад. Ин рафтану расиданҳо ҳамроҳ бо инқилоби маънавӣ буд. Дар ин хусус Саъдии Шерозӣ чунин гуфтааст:**

**Бани одам аъзои якдигаранд,**
**Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.**

Инсон дарк кард, ки дар ягонагӣ ва иттиҳод метавонад ба неруи бузург мубаддал гардад, аммо ба ин чиз тавассути ақл, ишқ, садоқат, самимият, шуҷоат, одамият метавонад даст ёбад. Ниёкони мо ин ҳақиқатро дарёфтанд ва онро дар вуҷуди мо парвариш доданд. Мо асрҳо ба сӯи камол ва худшиносӣ роҳҳои пурпечутоберо сипардем, то шахсияти инсонӣ ва миллии худро шакл диҳем. Борҳо шикаста шудем ва дубора ҷон гирифтему қомат кашидем. Иқбол барҳақ мефармояд:

**Решаи ваҳдат чу қавм аз даст дод,**
**Сад гираҳ бар рӯи кори мо фитод.**

Ҳар гоҳе парешон шудем, ба худ бегона гаштем, дар ғафлату бехабарӣ мондем, бо ҳазорон мушкил рӯ ба рӯ омада, худро бохтем. Он гоҳ донистем, ки ваҳдат муҳим аст, огаҳӣ ва дониш мояи растагорист.

Барои даври ҳам ҷамъ омадан, иттиҳоду иттифоқ бастан, кори бузургеро анҷом додан, аз парешонию саргаштагӣ раҳо ёфтан, якпорчаву якдил шудан одамон ниёз ба роҳнамо, ҳидоятгар, пешво доранд, ки онҳоро аз вартаи нобудӣ, гирифторӣ ва маҳв шудан наҷот диҳад, киштии умрашонро аз миёни тӯфони пурбало ба соҳили наҷот бирасонад. Ҳатто дар олами вуҳуш низ ин қоида ҷорист. Парандаҳое, ки ҳар сол аз як гӯшаи дунё ба гӯшаи дигараш муҳоҷират мекунанд, ниёз ба роҳбаладе доранд, ки онҳоро ба манзили мақсуд мерасонад. Яъне, табиат барои зиндаву пойдор мондани олами вуҳушу наботот чунин қонунеро вазъ кардааст, ки ҷомеаҳои инсонӣ аз он истисно нестанд. Аз ин маълум мегардад, ки нақши ваҳдат дар офариниш ҷойгоҳи хосе дорад ва ҳар кию ҳар чӣ агар ҳақиқати ваҳдатро нашиносад, маҳкум ба парешонию нобудист.

Нақши шахсиятҳои бузург дар таърихи миллатҳо барои расидан ба ҳусни тафоҳум, якпорчагию якдилӣ хеле бузург аст. Куруши Кабир, Зардушт, Спитамен, Монӣ, Исмоили Сомонӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода. аз ҷумлаи касоне ҳастанд, ки дар ин ҷода хидмати шоиста кардаанд. Хидмат ва ҷойгоҳи бузурги онҳоро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» шарҳу тавзеҳ додаанд.

Сиву ду сол аст, ки мо соҳибистиқлолем. Дар ин муддат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои расидан ба сулҳу осоиш, ризоияту ваҳдати миллӣ ҷонбозиҳо намуданд ва аз усулҳое кор гирифтанд, ки моро ба қуллаи мақсуд баранд. Барои расидан ба кӯи мақсуд, пеш аз ҳама, бедорӣ, огаҳӣ, раҳоӣ аз ғафлат ва худшиносӣ муҳим аст. Чун ба худшиносӣ расидем, он гоҳ ба ҳадди худшиносии миллӣ камол меёбем. Аммо худшиносии миллиро ваҳдату якдилӣ ба вуҷуд меорад. Барои ин ифтихору ваҳдатро ба вуҷуд овардан ба роҳу воситаҳое ниёз аст, ки истифодаи онҳо натиҷаи матлуб медиҳад. Сарвари давлат дар китобашон «Чеҳраҳои мондагор» яке аз ин роҳҳоро ба мо нишон додаанд, ки дар мактаби давлатдориву ваҳдатофаринии хеш истифода бурдаанд: «Омӯхтани рӯйдодҳои таърихиву фарҳангӣ, зиндагиномаи шахсиятҳои сарсупурдаи миллат ва чеҳраҳои баргузидаи адабӣ имкон медиҳад, ки решаҳои худро аз гузашта дарёфт намоем, бо онҳо пайванд доштани хешро эҳсос карда, ба хотири номуси ватандорӣ ном ва корномаҳои онҳоро аз нав зинда гардонем ва ба фарзандони халқи далерамон бо ифтихор дар бораашон ҳарф занем».

Яъне, мо то решаи худро нашиносем, бо корнома ва зиндагии пур аз ибрати гузаштагони бузургамон ошно нагардем, кӣ будани худро дарк намекунем. Мо шоху барг ва меваи дарахти ҳамон тамаддуне ҳастем, ки ниёконамон онро парвариш кардаанд, аз ин рӯ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ таъкид кардаанд: «Маҳз ба ҳамин хотир ҷашнҳои бузурги умумимиллӣ, бахусус 1100 - солагии давлати маънавибунёди Сомониён, Соли тамаддуни ориёӣ, 2500 - солагии шаҳри Истаравшан, 2700 - солагии Кӯлоб, бузургдошти шахсиятҳои илмиву адабӣ ва сиёсиву таърихӣ Имоми Аъзам, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Носири Хисрави Қубодиёнӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигаронро баргузор намуда, аз таърихи фарҳанги миллат ганҷҳо ва ҳикматҳое берун овардем, ки бо моҳият ва арзишҳои ҷаҳониашон худшиносии тоҷиконро таҳким бахшиданд».

Ин таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз таҷрибаи давлатдориашон бармеояд, нақши муҳим доштани огаҳиро дар шакл гирифтани худшиносии миллӣ ошкор месозад. Ин огаҳӣ дар мағзи фарзандони миллат бояд ба вуҷуд ояд, онҳо кӣ будан, чӣ рисолат доштан, ҷойгоҳ ва мақоми одамияти худро шиносанд. Ин огаҳии таърихӣ бояд моро бедор созад ва ҳисси ифтихорамонро такон бахшад. Аз ин лиҳоз, Сарвари давлат ҳушдор доданд: «Воқеият ин аст, ки майлу ирода, саъю талош, таҳаммулгароӣ ва хиради азалии миллати тамаддунсозу фарҳангсолори тоҷик ва тафаккури созандаву рӯҳи шикастнопазири халқи Тоҷикистон муҳимтарин омили расидан ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад».

Вақте гулҳои рангоранг мешукуфанд, гиёҳҳо месабзанд, дарахтҳо барг мебороранду гул мекунанд, парандагон дар шохаҳояшон лона мегузоранду тарона месароянд, шоҳпаракҳо дар чамани гулҳо ба парвоз меоянд, ин манзараи зебову дилфиреб дар маҷмӯъ бо як калима ифода мегардад: Боғ. Ин боғ дар натиҷаи ваҳдати гулу гиёҳ, дарахтону парандагон ба вуҷуд меояд. Имрӯз Тоҷикистони азизи мо ҳамин боғро мемонад, боғи ваҳдат, боғи муҳаббат, боғи меҳри дилҳо, ки тавассути сиёсати ваҳдатофарини Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шакл гирифтааст.

Бо барқарор гаштани сулҳу ваҳдат корҳои бунёдкорӣ вусъат гирифтанд. Мардуми Тоҷикистон аз як гиребон сар баровардa, барои ободу зебо гардонидани Ватани азизи худ талош меварзанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китобашон «Уфуқҳои истиқлол» ин дастовардҳоро чунин бозгӯӣ кардаанд: «Вақте сулҳу ваҳдати сиёсӣ барқарор шуд, вазифаи дигари бисёр муҳими давлатдории мо сохтани роҳҳои муосири мошингард, нақбҳо, шабакаҳои интиқоли барқ ва ғайра буд, ки бояд ваҳдати миллиро боз ҳам устувору пойдор месохтанд. Бо ин мақсад дар ин давра роҳи оҳани Қӯрғонтеппа - Кӯлоб, роҳи мошингарди Кӯлоб - Хоруғ - Қулма - Қароқурум, нақби «Истиқлол» дар ағбаи Анзоб, нақби «Шаршар», нақби «Хатлон», нақби «Шаҳристон», хатти баландшиддати 500 - киловаттаи интиқоли барқи «Ҷануб – Шимол» ва ғайра сохта шуда, роҳи мошингарди Душанбе - Қӯрғонтеппа ва шоҳроҳи Душанбе - Чаноқ, ки ҷанубу шимоли мамлакатро ба ҳам мепайванданд, азнавсозӣ гардиданд. Ҳамин тавр, даҳҳо тарҳи дигари ваҳдатсоз дар ин самт амалӣ гаштанд».

Дилро ба дил раҳест, мегӯянд. Бо сохтани нақбу роҳҳо Тоҷикистони саросар кӯҳсор ба хонаи ваҳдат мубаддал гашт. Роҳҳо одамонро ба ҳам наздик мекунанд, меҳрро афзоиш мебахшанд, ягонагиву якпорчагиро ба вуҷуд меоранд.

Таърих бузургтарин мактаби сабақомӯзист. Бузургони адаби мо сухан аз ҳамдилӣ, ваҳдат, муҳаббат, худро камол додану инсон шудан мегуфтанд. Имрӯз, ки мо қадам ба қадам ба сӯи фардо равонем, Шоири халқии Тоҷикистон Алимуҳаммад Муродӣ чунин таманно дорад:

**Ман зи гул гулдаҳанӣ мехоҳам,**
**3-одамӣ хушсуханӣ мехоҳам.**
**Аз ҳама зодаи ин хоку Ватан**
**Якдилӣ, ҳамватанӣ мехоҳам...**
**Н-ояд аз рӯҳи заиф ҳифзи Ватан,**
**Рустамӣ, пилтанӣ мехоҳам.**

**ВОРИС, «Садои мардум»**

# РОҲИ СУЛҲ ОСОНУ ҲАМВОР НАБУД

**Дар арафаи 26-умин солгарди ҷашни миллӣ ва муттаҳидсоз аз суханрониҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чанд иқтибос овардем ва бо ин васила, шоҳроҳи расидан ба ваҳдати миллиро паймудем.**




Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26-уми июни соли 2002 дар суханрониашон ба муносибати панҷсолагии ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон гуфта буданд: «Рӯзҳои сахти зиндагии мо ва давраи талхи тақдирамон паси сар шуданд».

Сарвари давлат дар ҳамон суханронӣ таъкид карданд, ки Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар байни ҷашнҳои миллии мо мақоми хоса дорад. Чунки мо ба ин рӯзи пурсаодат ба ивази зиёни бузурги моддию маънавӣ, ҳазорон ҷони қурбоншуда, заҳмату машаққат ва сабру таҳаммули зиёд расидем.

«Таъмини сулҳу субот, пеш аз ҳама, хизмати худи халқи тоҷик аст. Воқеан, ин қаҳрамонии бемислу монанд буд ва аз ин хотир мо дар назди халқи баору номуси худ сари таъзим фуруд меорем. Зеро фақат дастгирии халқ эътимоди моро ба дурустии роҳи пешгирифтаамон қавӣ месохт ва умеди моро ба оқибати неку фарҷоми осоиштаи корҳоямон зиёдтар мекард», - таъкид карданд муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии зикршуда.

Бояд ифтихор кард, ки маҳз мардуми табиатан сулҳдӯсту сулҳпарвари тоҷик дар лаҳзаҳои басо ҳассосу тақдирсоз сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти давлатро дастгирӣ карда, зиндагии осоишта ва меҳнати ҳалолро аз ҷангу хусумат болотар донист. Мардуми мо ба хубӣ дарк кард, ки як роҳ дорад ва он расидан ба сулҳ аст. Агарчӣ сулҳ осон ба даст наомада бошад ҳам, онро ба даст овардем, зеро рӯҳи шикастнопазирӣ дорем.

Роҳбари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи панҷсолагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ доир ба расидан ба сулҳи комилро чунин ба ёд овардаанд: «Дар давоми ҳашт даври музокирот, бисту як вохӯрии расмӣ ва даҳҳо мулоқоти ғайрирасмӣ, ки қариб чор сол идома ёфтанд, эҳсоси хусумат, шубҳа ва ноумедӣ тадриҷан аз байн рафта, ҷустуҷӯи роҳҳои алтернативии ҳалли мушкилот ва расидан ба сулҳу ризоияти миллӣ тақвият меёфт. Роҳнамои асосии мо дар ҳалли масъалаҳои баҳснок Конститутсияи мамлакат ва иродаи халқ буд».

Набояд фаромӯш кард, ки таҷрибаи мо дар бобати ҳалли мусолиматомези низоъ ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ ба сарвати илми сиёсатшиносии ҷаҳонӣ мубаддал шудааст. Аз ин бояд ҳам ифтихор кард ва ҳам сабақ гирифт.

Ба шарофати иродаи қавии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба оламиён собит кардем, ки миллати мутамаддин ҳастем ва ҳамчун кишваре, ки аз рӯзҳои мудҳиш ва сахт гузаштааст, хоҳони сулҳем.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронӣ ба ифтихори 10-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ 26-уми июни соли 2007 чунин гуфтаанд: «Баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон шароити мусоид ва кафолати воқеӣ ба вуҷуд омад, ки қариб як миллион нафар гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонем, хонаву дарашонро обод созем ва пайвастани онҳоро ба зиндагии орому осоишта таъмин намоем».

Ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот дар сурате бегазанду абадӣ мемонад, ки ҳар як шаҳрванди кишвар манфиати милливу давлатиро аз ҳама манфиатҳои дигар боло гузорад, барои иттиҳоду ягонагии ҷомеа талош намояд, ба қадри сарзамини аҷдодии хеш расад ва онро чун модари худ азизу муқаддас шуморад.

Ҳамчунин, Сарвари давлат соли гузашта дар арафаи 25-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ чунин ибрози назар карданд: «Вазифаи бисёр муҳими мақомоти давлатӣ, олимону зиёиён, аҳли адаб ва кормандони воситаҳои ахбори омма, падару модарон ва тамоми ҷомеа дар ин самт тарбия кардани насли худогоҳу худшинос, содиқ ба миллату давлати худ ва ватандӯсту ватанпараст мебошад».

Хулоса, ваҳдат барои мо як вожа ё калимаи одӣ нест, балки номаи тақдир, шарти пешрафти кишвар ва муҳимтар аз ҳама, кафили сарҷамъиву хушбахтии имрӯзу ояндаи халқамон аст.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА,**
**«Садои мардум»**

# МАЙДОНИ «ИСТИҚЛОЛ» - РАМЗИ ВАҲДАТ



**Дар майдони тозабунёд, ки дар қалби Тоҷикистон - Душанбеи гулпӯш, ҳудуди 30 гектар домон густурдааст, бурҷи «Истиқлол» бо 121 метр баландӣ қомат афрохтааст.**

Ҳар чизе, ки дар ин майдон ва дар ин бурҷ мавҷуданд, рамзу ҳикмате дорад. Аввалин чизе, ки баробари ворид шудан ба майдон рӯҳияи касро болида месозад, селаи кабӯтарони сафед мебошад, ки дар тамоми дунё ҳамчун рамзи сулҳ шинохта шудаанд.

Маҷмаа рамзи дарахти ҳаёт аст. Реша, тана ва шохаҳои он рамзи зиндагии ҷовидона ва сарсабзию устувории ҳаёт, тоҷпоя - рамзи устувор ва бардавом нигоҳ доштани тоҷ, ҳафт гунбази гирдогирди муҷассама рамзи 7 қабати замину осмон, 7 иқлим, 7 ранги асосии табиат ва 7 зинаи ташаккули илму маърифат ва худшиносию ҷаҳоншиносии инсоният мебошанд. Қисми поёнии он 30 метр - рамзи 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва қисмати болоӣ 91 метр тӯл кашидааст, ки мазмуни дар соли 1991 ба даст овардани Истиқлолияти давлатиро дорад.

Атрофи маҷмааро аз берун 14 деворнигорае, ки ифодагари ҳунари волои санъати тасвирии халқи тоҷик мебошанд, зеб медиҳанд.

Деворнигораи Тоҷикистони навин моро ба Қасри Арбобу Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ, ки наҷотбахши миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сари қудрат овард, сохтмони НБО «Роғун» - бузургтарин иншооти аср ва дигар дастоварди давлатдории навин ошно месозад.

Ошёнаи аввали бурҷ ба фазои ошёна рӯҳи миллӣ бахшида, дар он ҳунарҳои миллӣ ба маъраз гузошта шудаанд, ки аз соҳибҳунарии миллати тоҷик гувоҳӣ медиҳанд. Диққати ҳар бинандаро фарҳанги наҷиби либоспӯшӣ, кандакорӣ, кундал, чакан, ороиш дар санг ба худ мекашад.

Дар ошёнаи дуюми бурҷ Осорхонаи таърихии Душанбе созмон ёфтааст. Меъморон ин ошёнаро мувофиқ ба талаботи замона бунёд карда, бо риояи унсурҳои миллӣ зинат додаанд.

Тахти рамзии Шоҳ Исмоили Сомонӣ – Асосгузори давлати Сомониён хеле ҷолиб аст. Тахт, ки пурра бо усули кандакорӣ оро ёфтааст, далели он аст, ки тоҷикон аз азал мардуми тахтнишину соҳибтоҷу соҳибдавлат буданд. Болои тахтро тоҷ оро додааст. Тоҷ аз тилло сохта шуда, онро сангҳои қиматбаҳо аз қабили алмос, ёқути кабуд ва лаъли Бадахшон зеб медиҳанд. Рӯи тахт фарри шоҳии тиллоӣ гузошта шудааст. Фар, ки нишони давлатдорӣ ва тахту тоҷ аст, бо 68 шуои зардӯзишуда оро ёфта, ба тоҷи заррин пайваст мебошад ва ин ишора ба эҳёи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва 68 шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ аст. Аз ду тарафи тахт шерҳои болдор бо минқори уқоб ҷойгиранд, ки намунаи онҳо аз Хазинаи Амударё ёфт шудааст. Қисми қафои тахт бо деворнигораҳои Панҷакенти қадим - Врахша, Афросиёб ва Бунҷикат бо истифода аз сангҳои қиматбаҳо сохта шудааст. Атрофи тахт 7 калиди тиллоии рамзӣ аз 7 шаҳри қаламрави имрӯзаи ҷумҳурӣ – Душанбе, Саразм, Хуҷанд, Истаравшан, Ҳисор, Ямчун, Ҳулбук ва нусхаи намунаҳои заррини санъати волои Хазинаи Амударё гузошта шудаанд.

Манзараи дигаре, ки дар ин атроф таваҷҷуҳи касро ба худ мекашад, 3 варақаи заррини аз тилло сохташуда мебошад. Дар ин варақаҳо, ки онҳоро занҷира бо ҳам мепайвандад, аксҳои Куруши Кабир, Исмоили Сомонӣ ва муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳаккокӣ шудаанд, ки басо рамзист.

Таърихи беш аз шашҳазорсолаи халқи тоҷикро дар 14 акс метавон мушоҳида намуд.

Дар ин макон аз баландии 94 метр тавассути 4 дурбини калонҳаҷм Душанбе - пойтахти азизамонро, ки солҳои охир зеби дунё шудааст, метавон тамошо кард.

Хулоса, иншооти мазкур яке аз шоҳкориҳои замони соҳибистиқлолӣ ва самараи ваҳдати миллӣ мебошад.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

# ТАШАККУЛДИҲАНДАИ НИЗОМИ БИСЁРҲИЗБӢ



**Ҳаводиси солҳои навадуми қарни ХХ мардуми Тоҷикистони тозаистиқлолро ба дарёфти қувваи нави сиёсӣ, ки тавониста бошад хашми рақибон ва бадбинии онҳоро нисбат ба якдигар хомӯш намояд, водор намуд.**

Бо таъсири маҳфили сиёсии «Рӯ ба рӯ», ки бо ташаббуси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон ҳанӯз дар охири солҳои 80-уми асри гузашта ташкил гардида буд, оғози солҳои навадуми қарни ХХ дар минтақаҳои гуногуни кишвар маҳфилҳои «Ошкоро», «Дирафши Ковиён», «Эҳёи Хуҷанд», ҷунбишу созмонҳои «Лаъли Бадахшон», «Самарқанд», «Суғдиён», «Бохтар», «Ҳисори Шодмон», «Зарафшон» ва ғайра таъсис ёфтанд, ки асосан аз манфиатҳои маҳалҳои алоҳида ҳимоят менамуданд. Зиёд будани чунин созмону ҷунбишҳои сиёсӣ дар солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар авзои сиёсиро боз ҳам мураккабтар намуд.

Дар ин бобат Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 31-уми декабри соли 1992 таъкид карда буданд: «На танҳо вилоятҳои том, балки ноҳияҳову қишлоқҳо ҳам аз якдигар роҳи ҷудоиро меҷустанд. Созмонҳои гуногуни маҳаллӣ бо номи «Лаъли Бадахшон», «Ҳамдилон», «Меҳри Хатлон», «Ҳисори Шодмон», «Истаравшан», «Зарафшон» ва ғайра арзи вуҷуд карданд, ки сарфи назар аз ниятҳои неки худ ба якпорчагии Ватани азизамон мусоидат намекарданд».

Баъд аз нокомиҳои зиёд ба вакилони Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гардид, ки Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олиро баргузор намоянд.

Пас аз вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд шудани Акбаршоҳ Искандаров, дар натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ Раиси Комиҷроияи вилояти Кӯлоб, вакили мардумӣ Эмомалӣ Раҳмон бо гирифтани аксарияти овозҳо Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он давра ҳамзамон Сарвари давлат ба ҳисоб мерафт, интихоб гардиданд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нахустин Муроҷиатномаашон ба халқи шарифи Тоҷикистон 12-уми декабри соли 1992 чунин таъкид намуда буданд: «Тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гул - гулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам».

9-уми марти соли 1996 Аҳдномаи ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси Олии мамлакат ва 32 ҳизби сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои миллию фарҳангӣ имзо шуд ва он заминаи мусоид барои таъмини сулҳ ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ гардид.

Мақсади асосӣ, чунонки дар матни аҳднома зикр шудааст: «ба вуҷуд овардани бунёди иттиҳоди иҷтимоиву сиёсӣ ва миллии халқи тоҷик ва дигар халқҳо барои ин ки барпо намудани ҷомеаи кушода, озод ва чандандеша дар Тоҷикистон имконпазир ояд» ба ҳисоб мерафт.

Дар аҳдномаи мазкур раисони ҳизбҳои сиёсии амалкунанда - Ҳизби коммунистии Тоҷикистон (Ш. Шабдолов), Ҳизби халқии Тоҷикистон (А. Достиев), Ҳизби навсозии сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон (Т. Абдураҳимов), Ҳизби шаҳрвандии ватандӯстии Тоҷикистон «Иттиҳод» (Б. Маҳмадов) ва Ҳизби демократии Тоҷикистон (Ҳ. Абдураззоқов) имзо гузоштанд.

Дар давоми як моҳ иловатан аҳдномаи мазкурро беш аз 50 ҳизбу созмон имзо карданд.

Ҳукумати навтаъсиси Тоҷикистони соҳибистиқлол кӯшиш менамуд, ки мухолифони тоҷикро водор намояд, то даст аз ҷангу хунрезӣ бардошта, ба ҳаёти осоишта баргарданд.

Маҳз бо кӯшишу талошҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расида, марҳилаи нави созандагиву ободонии кишвар шурӯъ гардид.

14-уми июли соли 1996 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии иҷрои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба имзо расида, дар ин замина қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки ба истиқрори сулҳу суботи комил дар кишвар заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овард.

18-уми июли соли 1997 таъсис ёфтани Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон сулҳ ва осоиштагии ҷомеаро тақвият бахшид.

Ҳарчанд дар оғози солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон баъзе гурӯҳҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ (аз ҷумла террористии наҳзати ислом) бо роҳнамоии хоҷагони хориҷӣ мехостанд зимоми давлатдориро ғайриқонунӣ ба даст гиранд, хушбахтона ноком шуданд.

Ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, барқарории сулҳу суботи комил, қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки низоми бисёрҳизбиро муайян менамоянд, имконият фароҳам омад.

Метавон гуфт, ки шарти асосии рушди низоми демократӣ, ки бисёрҳизбӣ яке аз рукнҳои муҳими он аст, сулҳу суботи комил буда, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бо ҷидду ҷаҳди Пешвои миллат барои шаклгирии он имконияти мусоид фароҳам аст.

Баъд аз имзои ин санади муҳим фаъолияти Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ва Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон ба марҳилаи сифатан нав ворид шуда, се ҳизби дигар - Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон (соли 2002), Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2005) ва Ҳизби аграрии Тоҷикистон (соли 2005) таъсис ёфта, фаъолияти назаррас доранд.

**Ҷамшед ОБИДЗОДА,**
**унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

# КУНУН ДИЛҲО ГАШТААНД ПАЙВАСТ



**Дар яке аз сафарҳояшон ба шаҳру ноҳияҳои ВМКБ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфта буданд, ки мо Бадахшонро ба дарвозаи тиллоии Тоҷикистон табдил медиҳем. Дар муддати кӯтоҳ ин нияти неки Пешвои миллат ҷомаи амал пӯшид.**

Агар касе ба Бадахшон сафар кунад, аввал аз дарвозаи ВМКБ - ноҳияи Дарвоз мегузарад. Давоми чанд соли охир симои ноҳия ба таври шинохтанашаванда тағйир ёфтааст. Биноҳои зебои замонавӣ, театри сеошёна, меҳмонхонаи хуштарҳу боҳаво, маркази дӯзандагӣ барои бонувон, мағозаҳо, тарабхона ва минтақаҳои сайёҳӣ симои ноҳияро боз ҳам зеботар гардонидаанд.

Тавре ки маълум аст, сохтмони роҳи Кӯлоб - Нулванд - Хоруғ солҳои чилуми асри ХХ дар нақшаи Ҳукумати Шӯравӣ буд, вале аз як панҷсола ба панҷсолаи дигар гузаронида мешуд. Бо шарофати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳои сохтмонӣ дар ин шоҳроҳи аср оғоз ёфт.

Соли 1997 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мошини боркаши «ГАЗ - 66» аз ин роҳи мушкилгузар гузашта ва гуфтанд: «Девдара баъд аз якуним сол Гулдара мешавад…».

Ҳоло аз Девдара ва мавзеъҳои «Таёқпарто», «Ҷонталаб» ва «Хушиву нохушӣ»-и роҳи Кӯлоб – Дарвоз нишоне намондааст. Мусофироне, ки ба ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сафар мекунанд, хеле зуд ба дарвозаи тиллоии Тоҷикистон – ноҳияи Дарвоз мерасанд. Дигар аз он роҳу пайраҳаҳои мушкилгузар осоре нест.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли гузашта дар Паёмашон иброз намуданд: «Дар се соли оянда 6 лоиҳа ба маблағи 7,4 миллиард сомонӣ ба анҷом расида, 317 километр роҳи байналмилалии мошингард, 32 пул, 5 нақб бо дарозии 11,2 километр ва 7 долон ба истифода дода мешаванд».

Соли 2022 сохтмони қитъаи 93-километраи Қалъаихумб – Ванҷ то даромадгоҳи ноҳияи Рӯшон оғоз ёфт. Дар ин минтақаи роҳ даҳҳо кӯпрук, долонҳои пешгирии тарма, нақбҳо ва ҷӯйборҳои обгузар сохта мешаванд.

Чанд моҳ пеш мо аз ин қитъаи роҳ гузашта, кори роҳсозонро наззора кардем. Шоир гӯё баъд аз дидани ин манзара навишта бошад:

***Фиғони ваҳшиёна мекашад аз сина булдозер,***
***Ба зӯри девбандаш кӯҳи хороро***
***кунад ҳамвор.***
***Зи қаъри кӯҳ мехезад ба гардун хоктӯфонҳо,***
***Зи қаъри кӯҳ меояд бурун дунёи пурасрор.***

Ба сохтмончиён ду сол муҳлат дода шудааст ва дар ин муддат бояд роҳи нав бо тамоми стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ сохта шавад.

10-уми июни соли равон сохтмони пули калонтарини шаҳри Хоруғ дар болои дарёи Ғунд оғоз ёфт, ки дарозии он 200 метрро дар бар мегирад. Ин пул дар мавзеи «Шарифстрой» сохта шуда, маркази вилоят – шаҳри Хоруғро аз танбашавии мошинҳо, бахусус мошинҳои вазнини боркаш, раҳо мекунад.

Он рӯз дур нест, ки ин қитъаи муҳими шоҳроҳи Кӯлоб - Дарвоз - Бадахшон - Кулма мавриди истифода қарор мегирад. Ин ободкориву созандагиҳо аз меваҳои шаҳдбори ваҳдати миллӣ мебошанд, ки бо талошҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст. Ба қадри ин неъмати бебаҳо бояд расид.

***Агар то ин замон аз саргаҳи***
***Помир то Хатлон,***
***Ба туғён рӯдбори Панҷ ҷорӣ буду ҷорӣ аст.***
***Ба садҳо печутобаш қад-қади***
***дарёи кӯҳистон,***
***Кунун бо роҳи кӯҳӣ роҳи дилҳо***
***мешавад пайваст.***

**Н. ТИЛЛО, «Садои мардум»**

# НАМУНАИ ИБРАТ БАРОИ МАРДУМИ САЙЁРА

**Тоҷикон баъд аз солҳои зиёд - соли 1991 пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ Истиқлолияти давлатӣ ба даст оварданд, вале ин туҳфаи арзишманди таърихӣ бо сабабҳои зиёд, пеш аз ҳама, оғуштаи дасисабозии бегонагон гашт. Бародарро зидди бародар шӯронда, Ватани моро ба хоку хун оғушта сохтанд. Бар асари мунокишаҳои дохилӣ 150000 нафар ба ҳалокат расиданд. 1,5 миллион нафари дигар, ба кишварҳои ҳамсоя муҳоҷир шуданд. Баъзе минтақаҳои мамлакат ба харобазор мубаддал гардида, хатари пароканда шудани миллату давлати тоҷикон таҳдид мекард.**

Ба бахти миллати тоҷик дар чунин як марҳилаи душвор Роҳбари дурандешу қавиирода, худшиносу ватанпараст муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сари қудрат омаданд. Барои ҳифзи арзишҳои милливу давлатӣ пойдории Истиқлолияти давлатӣ, фарҳангу тамаддуни миллат талошҳои зиёд намуданд. Пеш аз ҳама, мардуми дар Ватани худ парешонгаштаро, ки бо фиребу найранги бадхоҳони миллат зидди ҳам сангар гирифта буданд, муттаҳид сохтанд ва миллатро ба ваҳдату ягонагӣ расонданд.

Пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, ки ташаббускори он Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буданд, Тоҷикистон ба марҳилаи нави давлатдорӣ ворид гардид.

Дар ин муддат дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла илму маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ, варзиш, сайёҳӣ пешравии чашмрас ба вуҷуд омад. Иншооти наву замонавӣ бунёд ва фаъолияти муассисаҳо эҳё шуданд. Сатҳи таълим ва хизматрасонии тиббӣ беҳтар гардиданд. Ба хотири ҳифзи мероси пурғановати ниёгонамон ва ба ҷаҳониён сазовор муаррифӣ намудани он иқдомоти қобили мулоҳиза амалӣ гардид.

Боғу гулгаштҳои фарҳангӣ бунёд шуда, барои истироҳату фароғати мардум шароити хубу созгор фароҳам омад. Корхонаҳои зиёди саноатӣ бунёд шуданд, ки мардум бо ҷойи кори мувофиқ таъмин гардида, истеҳсолот бесобиқа рушд кард.

Чунин бунёдкорӣ муттасил буда, ин бовариии моро ба ояндаи накуи кишварамон беш аз пеш меафзояд. Муҳимтар аз ҳама, ҳоло дар тамоми ҷаҳон Тоҷикистон ба ҳайси як кишвари рӯ ба тараққӣ шинохта шудааст.

Агар кӯшишҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намешуд, мо ба чунин дастовардҳои назаррас ноил намешудем. Ҳоло таҷрибаи ваҳдатофаривӯ бунёдкории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро мардуми сайёра меомӯзанд.

Илова бар ин, Тоҷикистон дар ҷаҳон ташаббускори ҳалли масоили глобалӣ эътироф шуда, давоми соҳибистиқлолии мамлакат панҷ ташаббус аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид бо иттифоқи оро пазируфта шуда, Роҳбари давлати Тоҷикистон бо ташаббусҳои наҷиб ба ҳайси сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ маъруфу муътабаранд.

**Фарҳунда АБДУЛҲАКИМОВА,**
**«Садои мардум»**

# ВАҲДАТОФАР




**Собит шуда, ки парешонӣ миллатро ба нобудӣ мебарад. Таърих миллатҳои зиёдро дар хотир дорад, ки дар натиҷаи низоъ истиқлолият, фарҳангу ҳуввияти миллиашонро аз даст дода, пароканда шуданд ё ба миллатҳои дигар омезиш ёфта, ҳамчун миллат аз байн рафтанд. Баъзе миллатҳо вуҷуд доранд, аммо давлати ягонаи умумимиллӣ надоранд.**

Тоҷикон ҳам тӯли таърих, хоса дар набарди сиёсии сад соли пеш, аз бисёр арзишҳои милливу давлатӣ, аз ҷумла ҳудудҳои ҷуғрофиашон маҳрум шудаанд. Ин саҳифаи таърихи давлатдории мо дарднок бошад ҳам, аммо аз ҳар ҷиҳат омӯзанда аст, хоса барои насли ҷавон. Сарзамине, ки имрӯз дар харитаи ҷаҳон ба номи Тоҷикистон вуҷуд дорад, танҳо ҳиссае аз ҳудуди сарзамини гузаштагонамон мебошад, ки он ҳам бо талошу ҷоннисориҳои мардони нусратманде чун Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва чанде дигарон арзи ҳастӣ намуд.

Тоҷикистони имрӯза нисбат ба империяҳои бузурге, ки тоҷикон дар таърих доштанд, ба мисли Сомониёну Сосониён хурдакак аст, аммо муҳим он аст, ки мо давлати ягонаи умумимиллӣ дорем.

Бо дигар шудани вазъи сиёсии соли 1991 вазъият дар Тоҷикистон низ дигар шуд. Тоҷикон боз дар тангнои сиёсати ноадолатонаи давр қарор гирифтанд. Ин бор барои ҳимояи миллат Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сина сипар намуданд. Кори худро аз сулҳ оғоз карданд. Мардуми ба иллати ҷанги таҳмилӣ парешоншударо ба ҳам овардан, аз сирф давлати миллӣ бунёд кардан кори саҳл набуд, аммо ин Абармард тавонистанд. Ҳар дастоварде, ки имрӯз Тоҷикистон дорад, аз баракати ваҳдат аст, ваҳдате, ки Пешвои миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои мо оварданд.

Расидан ба ваҳдат ва истиқлолият барои ҳар миллату давлат кори саҳл нест, аммо мушкилтар эмин нигоҳ доштани он аст. Сарвари давлат барои расидан ба ваҳдати комил, мустаҳкам намудани пояҳои он корҳои зиёде анҷом доданд,. Бо дастуру ҳидоятҳояшон ҳар омиле, ки садди ягонагии миллӣ ва рушди он мешуд, барканор гардид. Яке аз ин мушкилӣ бунёди роҳҳо буд. Пешвои миллат дар давоми сӣ сол дар ин самт корҳоро анҷом доданд, ки давлати абарқудрати шӯравӣ муддати 70 соли мавҷудият иҷро карда натавонист.

Арзиши дигаре, ки боиси таҳкими ваҳдати миллӣ мебошад, ин парчам аст. Бори нахуст дар шаҳри Душанбе Парчами Тоҷикистон бо баландии 165 метр бунёд гардид, ки дар дунё беназир аст. Ҳоло қариб дар ҳама навоҳии кишвар Парчами Тоҷикистон бо сутунпоя сохта мешавад, ки рамзӣ буда, зери он бояд муттаҳид бошем.

Чизи дигаре, ки бо шарофати Роҳбари мамлакат ба дарки хусусияти муттаҳидгардонӣ ва ваҳдатофарии он расидем, ин забон аст. Президенти ҷумҳурӣ онро ҳамчун омили қавии давлатдории навини тоҷикон эътироф намуданд. Ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шуд ва он дигарбора ба тахт нишаст.

Ба омӯзиши таърих ва боло бурдани эҳсоси худшиносӣ, ҷовидон нигоҳ доштани урфу одат, анъанаҳои миллӣ ва ҳар чизе, ки таҳкимбахши ваҳдати миллӣ мебошад, таваҷҷуҳи хоса зоҳир шуд. Сад шукр, ки масири интихобнамудаи давлатдории Пешвои миллат моро ба ваҳдати сартосарӣ расонд.

Агар ба ваҳдат намерасидем, шояд дар Тоҷикистон ҳанӯз ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ идома дошт. Чун дар Афғонистон. Омили асосии ҷанги мутадовим дар ин кишвар набудани ваҳдати миллӣ мебошад...

Агар ба ваҳдат немерасидем, Неругоҳи барқи обии «Роғун» - ро, ки бузургтарин дар минтақа маҳсуб меёбад, сохта наметавонистем. Сохтмони нақби «Истиқлол»-у «Хатлон» низ ғайриимкон мебуд…

Ин далелҳо, ки «қатрае аз баҳр» аст, кофист то хонандаи рӯзнома моҳияти ваҳдати миллӣ ва хидматҳои мондагори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дарк намояд.

Ҳоло Тоҷикистон дар ҷаҳон ба ҳайси як кишвари соҳибистиқлоли демократӣ, ҳуқуқбунёд ва осуда эътироф шудааст, аммо ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки мо аз хатарҳо эмин мебошем. Ба таъкиди Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Дунё ҳар лаҳза тағйир меёбад ва барои мардуме, ки дар фикри саодати хеш ва ободии Ватанаш нест, хатарҳои зиёде таҳдид мекунанд…».

Набояд фаромӯш сохт, ки дар муқобили чунин тафриқандозӣ ҳар давлату миллат тавассути ваҳдати миллӣ, якдилӣ ва истиқлолияти комил метавонад истодагарӣ намояд. Биноан, моро зарур аст беш аз пеш муттаҳид бошем.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**



*Камол НАСРУЛЛО,*
*Шоири халқии Тоҷикистон*

# ВАҲДАТ ОН ГАҲ АБАДАН МЕМОНАД

***Посух ба саволи «Чӣ бояд кард, ки Ваҳдати миллиамон абадан бошад?»***

*Ваҳдат осоишу эҳё бошад,*
*Асли мавҷудияти мо бошад.*

*Зиндагӣ – рӯди хатарзо, ваҳдат*
*Соҳили маҳками дарё бошад.*

*Ваҳдат он вақт ба мақсад бирасад,*
*Ки ман-и миллатамон мо бошад.*

*Ки ҳама қавму маҳал чун рагу пай*
*Дар тане бошаду якто бошад.*

*Деҳаи шафқату ноҳияи ишқ*
*Ватани мо ба ҳар ақсо бошад.*

*Ҳама ҷо оилаҳо ойинадор,*
*Хайру эҳсону сафоро бошад.*

*Хонаи хубиву оилаи хайр*
*Хонаву оилаи мо бошад.*

*Мазҳаби ишқи Ватан мазҳаби мо,*
*Дини мо некии дунё бошад.*

*Ваҳдат он гаҳ ба сари мо абадист,*
*Ки чу Додор мубарро бошад.*

*Ҳама миллат, ҳама меҳан як ҷисм,*
*Дар вуҷуди ту чу аъзо бошад.*

*Ваҳдат он гаҳ, ки ҳадафҳои халқ*
*Аз ҳадафҳои ту боло бошад.*

*Ваҳдати хок бубин, ин ваҳдат*
*Боиси сабзиши гулҳо бошад.*

*Ваҳдати арш бубин, з-ин ваҳдат*
*Дар фалак суру сурайё бошад.*

*Қасри ваҳдат ба муҳаббат барпост,*
*Амни миллат ба муросо бошад.*

*Қалъаи амнияти як халқ аст,*
*Ваҳдат аз адл чу барпо бошад.*

*Ваҳдат ишқ аст, ба ҳам будани мост,*
*Мард бо ишқ тавоно бошад.*

*Ман ту бошам, ту ман, армони Ватан,*
*Сарвару раҳбаладӣ мо бошад.*

# АЗ БОМДОДИ ТАЪРИХ ТО ВАҲДАТИ МИЛЛӢ



**Дар дунё кам халқияте вуҷуд дорад, ки тасмияи (исми) миллати онҳо дар давраҳои гуногуни тамаддуни таърихӣ дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқони зистшинос ва мардумшиноси хориҷӣ қарор гирифта бошад. Хабарнигорамон перомуни ин масъала, этимология ва сайри таърихии вожаи «тоҷик» бо шоир ва муҳаққиқи соҳаи забон Муҳтарам Ҳотам ҳамсуҳбат шуд.**

**«Дар робита ба ин масъала, бори дигар шумо – зиёиён ва олимони кишварро даъват мекунам, ки дар бобати дуруст истифода бурдани мафҳуми «забони тоҷикӣ» бетараф набошед ва назару мавқеи худро равшану боҷуръатона баён намоед. Андешаву назари онҳоеро, ки дину мазҳаб ва имону миллати худро ба бегонагон фурӯхтаанду ҳаққи маънавии тоҷик буданро надоранд, қотеъона маҳкум кунед»**

*(Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН дар Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон)*

**- Дар бораи этимология ва раванди шаклгирии калимаи «тоҷик» чӣ назар доред?**

- Аксар вақт бо гузашти ҳазорсолаҳо ваҷҳи тасмияи ин ё он миллат фаромӯш мешавад ё зери ҷанги таърих мемонад. Шояд ҳеҷ миллати дигар ҷабри таърихро накашида бошад, магар миллати тоҷик.

Қисмати зиёди сарзамини ниёгони мо аз Хутан ва кӯли Балхаш то баҳри Каспий (дар «Авесто» - Пудиг) ғасб шуданд. Бисёр арзишҳои милливу таърихии ниёгони моро таҳрифгарони таърих аз они худ карданд.

Вожаи «тоҷик» ва маънои луғавии он солҳост, ки аз ҷониби донишмандони таърихи забон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Оид ба этимологияи ин вожа бисёр навиштаанд, вале воқеияти маънои ин вожаро то кунун пурра ошкор карда натавонистаанд. Дар муқобили нашри сершумори қомусу фарҳангҳои асримиёнагӣ, ки вожаи «тоҷик»-ро аз «тозӣ»-и арабӣ қаламдод кардаанд, баҳсҳо зиёданд. Тибқи навиштаҳои адабиёти Тибети қадим, дар самти шимолу ғарбии Тибет кишваре бо номи Тоҷик вуҷуд доштааст, ки аз чаҳор як ҳиссаи дунёи ҳамон замон маълумро дар бар мегирифт. Нажоди аслии кишвари Тоҷикро нажоди шоҳони Осиёи Миёна ташкил медодаанд. Мавҷудияти тоҷ дар таркиби мафҳуми dmu-thag вожаи тҳаг (таг-тог-тоҷ) зикр шудааст, ки ин вожа баъдҳо ба шакли «тоҷ» зоҳир гардида, асоси вожаи «тоҷик»-ро ташкил додааст. Олимон мавҷудияти ин кишварро пеш аз Зардушт ва дини буддоӣ гуфтаанд. Яъне, тоҷ ва кишвари Тоҷик таърихи хеле қадим дорад. Истилоҳи «забони тагзикӣ» (тоҷикӣ) дар асри VI то мелод дар Тибет вуҷуд доштааст. Ба хотири он сарзамин вилояте дар Тибет - Тагзик ном дошта, тибетиён фарзандони худро Тагзик номгузорӣ менамоянд.

**- Баъзе муҳаққиқон сарманшаи ин вожаро ба «тозӣ»-и арабӣ мансуб медонанд.**

- Масъалаи чӣ гуна ба «тозӣ»-и арабӣ мансуб шудани вожаи «тоҷик» дар таърих асрорангез аст. Агарчи аксари фарҳангҳои асримиёнагӣ тоҷикро тозии араб, баъзан турк, араби дар Аҷам таваллудшуда ва ғайра номида бошанд ҳам, ҳеҷ кадоме сабаб ва далели равшани ин иддаоро наовардааст. Ҳамин назари норавшани ба «тозӣ» гумоштани «тоҷик» сабаб шуд, ки тоҷикони Аҷам баъд аз истилои арабҳо оҳиста - оҳиста аз мансубияти қавмии худ ҳазар намуданд. Бо ин сабаб номи тоҷик дар сарзамини Аҷам ва берун аз он аз нуфуз бозмонд, зеро дар асарҳо ва фарҳангҳои даврони Сосониён нисбат ба арабҳо ҳамчун қавми дур аз фарҳангу одоб ишораҳои зиёд вуҷуд дошт. Албатта, равшан кардани сабабҳои ин гирифтории беасоси вожаи «тоҷик» ва мансубияти он ба «тозӣ»- и арабӣ пажӯҳиши бунёдиро тақозо мекунад. Дар миёни қавму қабилаҳои сершумори арабӣ ҳеҷ қавме тозию тозик ном надошт, ки гӯем тоҷик аз номи он қавм тасмия шудааст. Дуруст аст, ки дар даврони хеле қадим ориёиҳо бо номҳои «тозик», «тагзик» ва ғайра аз сарзаминҳои шарқи Осиёи Миёна ба Осиёи Пеш муҳоҷират карда, ин номро бо худ ба он минтақаҳо бурда буданд. Ҳоло дар Осиёи Пеш бисёр ҷойномҳо ва дар забони арабӣ бисёр вожаҳоеро пайдо кардан мумкин аст, ки маъно ва аслияти ориёӣ доранд. Дар таърихи халқи арман ва Сурия дар бораи мавҷудияти вожаи «тоҷик» дар асрҳои аввали мелодӣ бисёр ишораҳо ҷой дорад, ки бозмондаи ҳамон муҳоҷирати ориёиҳост. Бисёр сарчашмаҳои тибетӣ, хитойӣ, ҳиндӣ, юнонӣ ва дигар халқҳо собит менамоянд, ки вожаи «тоҷик» бо овонавиштҳои гуногун хеле пеш аз истилои арабҳо дар Осиёи Миёна роиҷ будааст.

Мувофиқи тазаккуроти адабиёти хитойӣ, дар ҳудуди кунунии Тоҷикистон ва минтақаҳои ҳамҷавори он кишваре бо номи Тяочжи будааст, ки ин ном ҳамон кишвари дар адабиёти тибетӣ зикршудаи Тоҷик аст. Дар адабиёти хитойӣ то истилои арабҳо вожаҳои «Тоҷак», «даши», «тиаоджи» ва ғайра нисбат ба номи тоҷик корбурд шудаанд, ки аз қадимияти ин вожа дарак медиҳанд

Вожаи «тоҷик» дар забон ва адабиёти санскрит ба шакли tajika зикр шудааст. Масалан, дар адабиёти мазкур шаҳре бо номи Таҷовати вуҷуд доштааст. Тибқи сангнавиштаи соли 624 мелодӣ, дар Яковланги Бомиёни Афғонистон шакли Tazigo (Тазиго) ҳамчун вожаи «тоҷик» ифода гардидааст. Ин далелҳоро танҳо нафаре рад мекунад, ки дар дил нисбат ба вожаи «тоҷик» ғаразе дошта бошад.

Шакли тоҷ ба бисёр забонҳои дигар низ ба маънои аслиаш тоҷ, авранг ва ғайра роҳ ёфта, мавриди истифода қарор гирифтааст. Масалан, суриягиҳо онро «того», арабҳо «тиҷан», дар сарчашмаҳои арманӣ ба шакли аввалияаш наздик – тагҳ вуҷуд дошт ва аз ин ҷост, ки таркиби тоҷвар ба шакли таговар ифода гардид. Бо назардошти ин ҳама, зистшиноси машҳури рус Н. В. Хаников хулоса мекунад, ки: «Вожаи тоҷик вожаи хеле қадимии эронист».

**- Қавме дар пажӯҳиши муҳаққиқон бо номи «дойдик» низ ифода мегардад...**

- Яке аз номҳои қавмие, ки он низ хеле қадим буда, дар атрофи он баҳсҳои зиёд доир гардидааст, «додик», «дойдик» мебошад. Ин ном низ дар баробари дигар номҳои ориёӣ дар китоби «Таърих»-и Ҳеродот зикр гардида, яке аз гунаҳои номи тоҷик қаламдод мешавад. Аксар донишмандон номи «додик»-ро ба маҳраҷи «тоҷик» марбут донистаанд, ки ҳақ бар ҷониби онҳост. Ҳеродот дар китобаш (1, 6) дар баробари «додик»-ҳо аз тоифаи сакоиҳо бо номи парадатҳо ёдовар мешавад, ки бешубҳа, онҳо низ дойдикҳоянд. Стагитҳое, ки Ҳеродот овардааст, бо номи стагзик дар адабиёти тибетӣ хеле наздик аст. Аз ин ҷо маъно ва асоси лақаби Рустами Достон «сагзӣ» ошкор мегардад, ки бешубҳа, ихтисоршудаи «стагит» ва «стагзик» аст.

**- Ин вожа дар китоби «Авесто» чӣ гуна корбурд шудааст?**

- Дар «Авесто» кишвари шонздаҳуми Аҳурофарида Упа Аудешу Аранг - сарзамини Тозиён гуфта шудааст. Нишонаи асосии ин сарзамин «зимистони девофарида», яъне қаҳратун аст ва бешубҳа, Тозиён шакли дигари тағйирёфтаи «тоҷик» аст. Тибқи маълумоти адабиёти авестоӣ, дар маркази кишвари ориёҳо - Ориёно дарёчае ҷорист, ки Дойити ё Дойитиои наку ном дорад, ки маҳсули сабзиш ва густариши ҳамон реша аст. Яъне, боз ҳам ҳамон решаи тҳаг ё дат дар шакли дайт ё доити дар номи рӯди Доитиё ифода гардидааст. Дар таҳрирҳои баъдии адабиёти ориёӣ, «Авесто», «Бундаҳишн» ва ғайра, боз ҳам, мутаассифона номи тозӣ ва Тозиёнро ба арабҳо мансуб донистанд, ки аз воқеияти таърихӣ дур аст.

Аз ин далелу қаринаҳо ба натиҷае расидан мумкин аст, ки бунёди ин вожа дар ҳудуди чанд ҳазора гузошта шудааст ва онро ҳеҷ мумкин нест, ғайри номи этникиаш ном бурд. Дар маҷмӯъ, такя ба маъхазҳои собитшуда дар ҳар сурат маҳраҷи ин вожа, ки табиати топонимӣ (рӯд ва маҳал) ва этникӣ (қавм ва тоифа) гирифта, моҳияти ҷуғрофӣ пайдо кардааст, аз форс қадимияти дуртар дорад.

**- Аввалин мушаххасоти ин вожа баъди таҳаввулоти охирини фонемавӣ ба сурати «тоҷик» дар адабиёти навишторӣ кай мавриди истифода қарор гирифтааст?**

- Мусаллам аст, ки тӯли ҳазорсолаи охир соҳибони ин забонро зиёда аз сад шоиру мутафаккир бо сесад далел дар ашъорашон ёдовар шуда, онро бештар дар қиёс, рақобат, тафовут, ҳамгунӣ, рафтору кирдор, муошират, урфу одати динӣ, ахлоқу одоб, этногенез ва дигар хусусияту хосияти қавмиаш аз турку муғулу арабу тотор васф кардаанд.

Мувофиқи тадқиқоти муҳаққиқон, аввалин мушаххасоти ин вожа дар шакли комил ҳазор сол қабл дар «Девони Унсурии Балхӣ» мавриди истифода қарор гирифтааст:

***Зи Чину Мочин якрӯя***
***то лаби Ҷайҳун,***
***Зи турку тоҷик,***
***аз туркмону ғузу хазар.***
*(Унсурӣ, Девон, с. 134).*

Минбаъд даҳҳо шоири бузурги дигарамон аз номи тоҷик ёдоварӣ кардаанд.

**- Чаро форсӣ номгузорӣ кардани забони давлатии як кишвари мустақил дар дохилу хориҷ зеҳнҳоро машғул кард?**

- Онҳо даъвои «Мо иронӣ ҳастем ва забони мо форсист»-ро доранд. Андешаварон аз ин ончунон мутаассир шудаанд, ки ба унвони парлумони Тоҷикистон нома навиштанд.

Шояд ҳадафашон дар баробари дигар форсизабонон соҳиб шудан ба мероси ҳазорсолаи ниёкони бузург бошад, аммо бо забони тоҷикӣ низ мо имкон дорем, худро ворисони мустақими ин меросу ин бузургон шуморем. Чунин ҳол дар кишварҳои дигар низ мушоҳида мешавад. Агар фикру андешаи онҳоро меъёри таърихӣ қабул кунем, пас забони давлатии кишварҳои дигарро, чӣ гуна бояд номгузорӣ кард? Агар мо ба ин андеша бошем, равшанфикрону андешаварони турку озарбойҷонӣ ва русу украину беларус дар мавриди забони давлатиашон ба кадом бовар бошанд? Қавмҳое аз славянҳои шарқӣ муттаҳид гардида, боиси ташаккули миллати беларус шуданд ва баъди истиқлолияти сиёсӣ ба даст овардан забони давлатиашонро беларусӣ номгузорӣ карданд, на славянӣ. Озариву турк як миллатанд, вале бо ду ному ду давлат арзи ҳастӣ мекунанд. Озариҳо забонашонро ба номи миллаташон муаррифӣ мекунанд, на бо номи нажодашон. Дар Ҳиндустон ба забони санскрит он қадар адабиёт вуҷуд дорад, ки дар ҳеҷ халқи дигаре мавҷуд нест. Вале ҳиндуҳо забони худро ҳиндӣ мегӯянд, на санскрит.

**- Доир ба таърихи инкишофи забонҳо аз лиҳози қавмшиносӣ чӣ андеша доред?**

- Забонҳо ҳамеша дар табодуланд. Тибқи тадқиқоти сотсиолингвистӣ забон қонуниятҳои дохилии худро дорад. Дар таърихи инкишофи ҷомеа чандин забонҳо ба нокомиҳои таърих тоб наоварда, аз байн меравад ва забонҳои дигар пайдо шуда, мустақилият пайдо мекунанд. Масалан, забони эломӣ ҷойи худро ба паҳлавӣ дод. Дар тӯли таърих ҳар халқу ҳар қавме салтанат месохт, забони дилхоҳи қавму халқи марзу бумашро ҳамчун забони расмӣ ба номи он унвон мекард. Дар аҳди Сосониҳо забони дарӣ фаъол шуд ва ҷойи забони паҳлавиро гирифт. Мо чаро ин корро накунем? Ҳеҷ ҷойи хатою ҳайрат нест. Ҳол он ки забони тоҷикӣ забони гуфтугӯии як қавми алоҳида буда, бо роҳи табиӣ инкишоф ёфта, ба забони комил табдил ёфт.

Сайёҳи испонӣ Кловиху аз Костилия баъди боздид аз дарбори Амир Темур менависад: «- Чун ба шаҳри Андхуд, воқеъ дар панҷоҳкилометрии Ҷайҳун дар иёлати Балхи қадим ворид шудем, ба марзи Эрон (Хуросони Бузург), ба кишвари Тоҷик расидем, ки забони мардумашон бо забони форсии маъмулӣ тафовут дорад». (соли 805-808 ҳ.) Ин мусофир дар он даврон аз мавҷудияти забони тоҷикӣ тазаккур додааст.

**- Ин як навъ «сенария»-и солҳои 20 ва 30-юми қарни гузаштаро пеши рӯ меоварад?**

- Ҳоло баъзеҳо чунин назари ғалат доранд, ки агар инқилоби болшевикҳо намебуд, тамоми қаламрави аморати Бухоро давлати оянда тоҷиконро ташкил медод. Онҳо тақдири хоразмиҳову сортҳо ва тоҷикони дигар маҳалҳо, инчунин тоҷикони Афғонистонро фаромӯш мекунанд. Соли 1924 ҳамагӣ чанд тан, аз ҷумла Нусратулло Махсум, номи тоҷикро ҳамчун номи миллати дорои давлат, таърих ва фарҳанги қадим муаррифӣ намуда, дар номаҳояшон ба номи Сталин зикр карданд. Тавре маълум аст, бо «забони форсӣ» дар соли 1924 ва баъд соли 1929 дар ҳеҷ сурат ҷумҳурии мухтор ва ҷумҳурии мустақили тоҷиконро таъсис додан имкон надошт. Бадхоҳони дохилию хориҷӣ бо шубҳаи бо ҳамзабонони худ пайвастани тоҷикон садди роҳи ташкили давлати тоҷикон мешуданд. Такрор мекунам, ки танҳо забони тоҷикӣ имкон дод, ки давлати тоҷикон ташкил карда шавад. Мо бояд нисбат ба ин масъала андешаи солим дошта бошем. Дар он лаҳзаи ҳассоси таърихӣ танҳо ҳамин номи «тоҷик» буд, ки тавонист сабабгори эҳёи давлат ва миллати тоҷик гардад. Ин ном миллату давлатро ба по бардошт, моро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуд, дастгир ва омили асосии рушду нумӯи миллату давлат гардид. Ин забон барои мо «забони модарӣ» унвон гирифт, аз гаҳвора то гӯр ниёгони моро ҳамроҳӣ кард. Оё имрӯз аз он бо хунсардӣ даст кашидан камоли носипосӣ ва ҳақношиносӣ нест?

Ман дар чандин асарҳоям, аз ҷумла дар «Эрони гумшуда», собит намудаам, ки Эрони бостон, яъне ҷойгоҳи давлатдории сулолаҳои Пешдодиёну Каёниён, сарзаминҳои шарқи Осиёи Миёна будаанд. Номҳои Ориёно, Порс, Зобул, Бағдод, Исфаҳон ва як силсила номҳои дигар нахуст дар ҳудуди кунунии Тоҷикистон ва воқеъ буда, баъди муҳоҷирати ориёиҳо дар минтақаҳои ғарбӣ дубора номгузорӣ гардиданд. Яъне, ҳам номи Эрон ва ҳам номи Порс номҳои эҷодшудаи ин минтақа ва ин мардуманд. Порс дар замони худ як қисмати сарзамин ва кишвареро ташкил медод, ки номаш Тоҷик ва забонаш тоҷикӣ дониста мешуд. Яъне, Порсу Эрон барои мо бегона нест, вале баъди ин қадар хидматҳои арзишманд дар ташаккули сохти давлатдорӣ ва миллат аз баҳри забони тоҷикӣ баромадан камоли ноинсофӣ ва қадрношиносист. Дар гузашта забони китобиамон форсӣ ва забони халқиамон тоҷикӣ ном дошт. Акнун тақрибан сад сол аст, ки ин ҳар ду бахш тоҷикӣ хонда мешавад.

Аммо ин гуфтаҳо маънои онро надорад, ки мо бояд тамоман аз забони форсӣ даст кашем. Ин забон ҳамчун забони адабиёту фарҳанги таърихиамон, ҳамчун забон дар муошырати форсизабонони дунё ҳамеша боқӣ хоҳад монд.

**- Аз нигоҳи шумо забони тоҷикӣ имрӯз дар ҷаҳон чӣ маъруфият дорад?**

- Шоистаи зикр аст, ки дар Москва барои тадриси забони тоҷикӣ русҳо дастури таълимӣ (Л. Семёнова) навиштаанд, дар Машҳад ва Исроил барномаи махсуси радиои тоҷикиро пахш мекунанд, дар факултетҳои шарқшиносии Донишгоҳҳои Ғарб ба ин забон дарс мегӯянд, доктор Ёҳақӣ дар Эрон таълим ва таҳқиқи адабиёти муосири тоҷикро дар дарси «Таърихи адабиёти муосири форсӣ» зарур мешуморад. «Дар Шарқ ширинтар аз забони тоҷикӣ забоне нест, он шири софест, ки аз синаи таърих мешорад», - мегӯяд бузургтарин нависанда ва драматурги ирландитабор Бернард Шоу.

Моро ҷаҳон бо ин забон шинохт, ба ин забон мақоми давлатӣ додем. Пас чаро забонамонро форсӣ гӯем? Бар асоси ин забон ҳувияти миллии халқамон дар ҳоли ташаккул ёфтан аст. Рушд ва инкишофи ҳар як забон воқеияти таърихӣ аст. Ҳол он ки зарурати таърихӣ метавонад, воқеияти таърихӣ набошад, вале истилоҳи «забони тоҷикӣ» воқеияти таърихӣ аст.

**- Оё инкори забон инкори халқият нест?**

- Забони тоҷикӣ дар даврони истиқлолияти давлатӣ мазмун ва моҳияти нав пайдо кард ва маъруфтар гардид. 5-уми октябри соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расид ва ин сана расман Рӯзи забони давлатӣ эълон шуд, ки ин забон ҳамчун забони сиёсату қонунгузорӣ ва коргузорию муошират эътироф шуд. Он рӯҳияи миллӣ, ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодию фарҳангии мардуми Тоҷикистонро инъикос мекунад.

Зарурати мусоиди таърихӣ пайдо гардид, ки мо ин забонро ҳифз кунем. Чӣ тавр метавон ин забонро, ки дар заминаи аҳди шӯравӣ, ҳамчун забони илму фарҳанги ҳамин миллат инкишоф ёфта, нуфузи зиёдтаре пайдо кард, инкор кунем? Инкори забон инкори халқият аст.

Мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ, ки муаррифгари ин кишвари соҳибистиқлол мебошад, чун истиқлолияти давлатӣ эҳдои худовандӣ ва амри табиист. Мафҳуме, ки дар таркиби ин вожа маҳфуз аст, ошкор гардид. Мо худро дар сурати худ барои шиносонидан тайёр кардем ва онро ҳамчун унсури асосӣ барои миллатсозӣ истифода бурдем. Ҷаҳони сипос ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки намегузоранд, касе ба ин забон бунбаст эҷод карда, онро аз инкишофи табиӣ боздорад.

Раванди ҷаҳонишавӣ моро водор мекунад, ки ба ҳифзи ин сарвати арзишманди маънавӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоем. Аз ёддошти раиси Анҷумани Рӯдакӣ дар Фаронса Масъуди Миршоҳӣ ёдовар шудан бамаврид аст: - «Дар маҷаллаи фаронсавие дар мавзӯи онкология мақолае ба чоп расонидам. Як - ду рӯз пас шахсе омада, маро ба дафтари кориаш бурд ва аз маъхази ду вожаи мақола суол кард. Гуфтам: -Маъхаз аз як маҷаллаи инглисист. «Агар як бори дигар ин кор такрор ёбад, гила аз худ кунед», - бо лаҳни монанд ба таҳдид ба забон овард сарвари дафтар ва илова кард: - Ин забон соҳиб дорад. Ба ҳеҷ кас изн намедиҳем чунин худсарию беҳурматӣ кунад, нисбат ба забони мо». Он ҷо, ки маро бурда буданд, як бахши идораи амнияти Фаронса, масъул ба ҳифзи забони фаронсавӣ будааст.

Моро низ зарур аст, ки бахши масъул ба ҳифзи забони тоҷикӣ дар мақомоти амнияти миллӣ таъсис дода шавад. Ин забон ваҳдату ягонагии моро таъмин кард. Мо онро минбарию ҷаҳонӣ кардем. Ҳазорҳо китоб ба ин забон навиштем. Садҳо олимони ватанию хориҷӣ дар бораи ҷузъиёти забони тоҷикӣ рисолаи илмӣ дифоъ карданд ва аз ҳама муҳим, мо имрӯз дар харитаи лингвистии ҷаҳон мавқеи хос пайдо кардем. Бо ин забон мо сулҳу ваҳдату осоиштагӣ овардем, ки аз ин дида барои мо шарафи бузургтаре нест. Ҳеҷ як халқ шуҳрати ёфтаашро бо дасти худ барбод намедиҳад ва фарзанди ба машаққат парвардаи худро қурбон намекунад.

Суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Имрӯз аҳли олам моро бо номи «тоҷикон», давлатамонро бо номи «Тоҷикистон» ва забонамонро бо номи «забони тоҷикӣ» мешиносанду эътироф мекунанд» силаи обдор ба «таъкиднома» аст.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум»**

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ ЗАМИНАҲОИ ИҚТИСОДИЁТИ КОНСТИТУТСИОНӢ

**Таҳаввулоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастовардҳои ҷомеаи мо ба фаъолияти созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон робита дорад. Дар бораи нақши таърихии он дар барқарорсозӣ ва таҳкими сохти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр асарҳои илмӣ навишта шудаанд, аммо аҳамияти бузург ва нишондоди он дар ташаккул ва рушди заминаҳои иқтисодиёти конститутсионӣ дар Тоҷикистон чун заминагузори рушди ҷомеаи муосири демократӣ, мутаассифона, то кунун ба таври комилу муфассал арзёбӣ нашудааст. Аз бисёр ҷиҳат ин масъала бо он вобаста аст, ки таҳаввулоти иқтисодии анҷомдодаи Пешвои миллат дар Тоҷикистон дар бисёр асарҳои илмӣ аз мавқеъ ва диди назариявии давраи гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ озод арзёбӣ мешавад. Ин табиист, аммо ба назари мо, барои дарку фаҳмиши аҳамият ва ҷиддияти масоили рушди иқтисодӣ, ки бояд дар солҳои аввали истиқлолият ҳаллу фасл мешуданд, кофӣ нест.**



Л. САИДМУРОДЗОДА, мудири шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ



Д. ҶАЛИЛЗОДА, котиби илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ

Аз нуктаи назари назарияи иқтисодиёти конститутсионӣ бозори озод вайрон шудани асоси сохти конститутсионӣ маънои вайрон шудани асоси ҳаёти озоди иқтисодиро дорад.

Соли 1993 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш дар Форуми тоҷикони ҷаҳон таъкид намуданд, ки «Иқтисоди миллии Тоҷикистон тайи ду соли охир дар натиҷаи бархӯрдҳои мусаллаҳона ва қатъ шудани иртиботи тиҷоратӣ комилан хароб шуд ва давлат маблағи кофиро барои ҳифзи иҷтимоии мардум ва рушди соҳаҳои тандурустӣ, фарҳанг, илм ва маориф надорад». Бинобар ин, зимни арзёбии нақши Пешвои миллат дар интихоби авлавиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар марҳилаи ибтидоии рушди мустақилона, ҷомеаи илмии иқтисодӣ ҳақ надорад танҳо бо забони мантиқӣ таҳаввулоти иқтисодии бозаргонӣ муҳокимаронӣ намояд.

Дар он форум муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мубоҳисаҳои назариявӣ ва сиёсӣ дар дохили кишвар дар бораи рушдиояндаи иқтисоди миллӣ дар даврони пасошӯравӣ амалан хотима гузошта, чунин таъкид намуданд: «Мухолифони сиёсӣ ва тарафдорони онҳо дар хориҷа талош мекунанд, ки ҳукумати ҳозираро айбдор намоянд, ки гӯё мо дар Тоҷикистон режими коммунистии тоталитариро барқарор менамоем. Ман бо тамоми возеҳият эълон мекунам, ки ин дурӯғи маҳз аст. Ҳадафи мо бунёди ҷомеаи рушдёбанда аст. Чунин ҷомеа бо истифодаи таҷрибаи ғании кишварҳои пешрафта ҷавобгӯи орзуи деринаи мардум аст. Воқеан, ҷомеае, ки тамоми шаклҳои моликият - давлатӣ, хусусиро эътироф менамояд, наметавонад чун ҷомеаи коммунистии тоталиторӣ шинохта шавад. Мо зимни ташкили бахшҳои давлатӣ ва хусусии иқтисод, баробарии тамоми шаклҳои моликиятро таъмин карда, ният дорем, ки фазои озод ва мусоидро барои рушди саноат, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо фароҳам оварем».

Соли 1993 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар Иҷлосияи 48-уми Ассамблеяи генералии СММ авлавияти асосии рушдиояндаи иқтисодиёти конститутсионӣ дар кишварро дар сатҳи байналмилалӣ аниқ мушаххас сохта гуфтанд: «Мо таҳти фишори ниҳоят сахти мушкилоти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ кор карда, тавонистем муҳосираи иқтисодии тамоми минтақаҳои ҷумҳуриро бартараф намоем ва ба барқарорсозии иқтисодиёти миллии харобшуда ва ислоҳоти иқтисодии равонашуда ба амалисозии марҳала ба марҳалаи муносибатҳои бозаргонӣ оғоз намоем». Бад-ин тартиб, ҳанӯз дар ибтидои фаъолияташон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули муносибатҳои навини иқтисодиро аниқ мушаххас сохта, асоси рушди иқтисодиёти конститутсионӣ дар кишварро тарҳрезӣ карданд.

Мутаассифона, масъалаҳои ташаккули иқтисодиёти конститутсионӣ, яъне таъсири ҳуқуқи конститутсионӣ ба равандҳои иқтисодӣ ҳанӯз ҷойгоҳашро дар таҳқиқоти иқтисоддонони ватанӣ наёфтааст. Пешвои миллат борҳо таъкид намудаанд, ки масъалаҳои пайванди инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ бо сатҳи ноилшудаи рушди конститутсионӣ, фаъолияти иқтисодӣ ва сиёсӣ дар ҷумҳуриро дар марҳалаи бунёди давлати соҳибихтиёр муайян бояд кард. Соли 1997 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо зиёиёни кишвар самтҳои тадқиқоти назариявӣ дар соҳаи иқтисодиётро ба таври возеҳ мушаххас сохта, таъкид намуданд, ки бо дарназардошти воқеияти ҷаҳони муосир ва хусусиятҳои асолати миллӣ, бояд таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳлили «самтҳо ва пешбурди раванди иқтисодӣ ва фаҳмондадиҳии механизми амалисозии иқтисоди асосёфта ба бозори озод» ҷалб шавад. Ҳамон вақт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеашонро нисбат ба плюрализми назариявӣ чунин баён намуданд: «Алҳол бисёр олимон машғули ҷустуҷӯи чунин идеологияе мебошанд, ки бояд тамоми дарҳоро ба рӯи ҷомеаи мо боз намояд, яъне имконият диҳад, ки ҳамаи проблемаҳои мо - ҳам ваҳдати миллӣ, ҳам эҳёи иқтисод, ҳам рушди фарҳанг, ҳунар, маориф ва ғайра ҳаллу фасл шаванд. Зоҳиран, дар ин масъала такя кардан фақат ба як ақида нодуруст мебошад. Маълум аст, ки демократия наметавонад ба ҷомеа аз боло, бе дарназардошти шароити таърихӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ, миллӣ, равонӣ (психологӣ) ва анъанаҳои миллӣ таҳмил карда шавад. Охир, демократия фақат дар шароите вуҷуд дошта метавонад, ки агар ҳокимият дар маҳдудаи қонун қарор дошта бошад».

Таҳлили илмии дақиқ ва беғаразонаи фаъолияти сиёсӣ ва иқтисодии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Президенти кишвар ва Пешвои миллат имкон медиҳад, ки барои «назарияи тағйирот (трансформатсия)» натиҷагирии хеле ҷиддии илмию амалӣ ба миён гузошта шавад. Дар натиҷагирӣ аз он иборат аст, ки назарияи муосири рушди иқтисодӣ, ки дар ҷаҳони илм номи «Иқтисодиёти рӯ ба инкишоф» (Development economics)-ро гирифтааст, наметавонад бе такмили он бо масъалаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ рушд ёбад. Ҳамин тавр, ба миён гузоштани ин масъала дар адабиёти муосири иқтисодӣ амалан вуҷуд надорад, зеро назарияи «иқтисодиёти рӯ ба инкишоф» аз як тараф ба проблемаҳои самарабахшии тақсимоти захираҳо ва таъмини рушди нишондиҳандаҳои асосии хоҷагӣ (назарияи экономикӣ) машғул шуда, ҳамчунон бояд таваҷҷуҳро ба механизмҳои иҷтимоӣ ва институтсионалии рушд (иқтисоди институтсионалӣ), ки дар ягонагӣ ба беҳбуди зудтари шароити зиндагии аҳолӣ дар чунин кишварҳои рушдёбанда, монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусоидат хоҳад кард, ҷалб намояд.

Бисёр мушкилоте, ки замонасозии кишварҳои шомил дар категорияи мамлакатҳои «иқтисодиёти рӯ ба инкишоф»-ро кунд месозад, барои ҷумҳурии мо низ, махсусан аз нигоҳи таҳаввулоти институтсионалӣ, хос аст. Ба ақидаи мо, маҳз ба ҳамин сабаб Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки мушкилоти муосири кишварҳои рушдёбандаи ҷаҳон чунон нодир ва бузурганд, ки истифодаи назарияҳои стандартӣ нисбат ба онҳо манзараи ҳақиқии рушдро ошкор карда наметавонад. Ба мушкилоти дар назари аввал анъанавии иҷтимоию иқтисодӣ ва пеш аз ҳама, ба ин сабаб, ки инкишоф дар шароити рушди заиф фақат проблемаи иқтисодӣ намебошад, равишҳои ғайристандартӣ лозиманд. Масалан, Бонки умумиҷаҳонӣ, ки дар солҳои 80-и асри XX ҳадафи инкишофро фақат рушди иқтисодӣ эълон намуда буд, соли 1991 дар «Гузориш дар бораи рушди ҷаҳон» эътироф кард, ки ҳадафи рушд беҳбуди сифати зиндагӣ мебошад. Ин сифат ҳуқуқи конститутсионии инсон, монанди таҳсилот ва ғизои беҳтар, тандурустӣ, ҳифз аз камбизоатӣ, ҳифзи муҳити атроф, баробарии имкониятҳо, тавсеаи озодии шахсӣ ва зиндагии пурмазмуни фарҳангиро фаро мегирад. Аз ин нуқтаи назар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар ҷаласаи тантанавӣ ба муносибати шашсолагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд: «Ман хуб мефаҳмам, ки ҳоло зиндагии аксари сокинони ҷумҳурӣ мушкил аст. Аммо ман комилан итминон дорам, ки ба зудӣ тамоми ин нобасомониҳо пушти сар мешаванд ва рӯзҳои неку зиндагии ором фаро хоҳанд расид». Мо шоҳиди он ҳастем, ки суханони Пешвои миллат дар ҳаёт татбиқ шуданд.

Чуноне Сардори давлат борҳо таъкид намуданд, паёмади буҳрони конститутсионӣ ва муқобилияти шаҳрвандӣ бештар ва қабл аз ҳама, ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, ки барқарорсозии онҳо новобаста аз суботи сиёсӣ ва барқарорсозии сохти конститутсионӣ, тибқи қонунҳои объективии иқтисодӣ, вақти муайянро талаб менамояд, таъсир расонид. Хусусияти ташаккули асосҳои иқтисодиёти конститутсионӣ дар кишвари мо низ маҳз аз ҳамин иборат аст.

Буҳрони конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама, ба истифодаи захираҳои меҳнатӣ таъсир расонид, яъне бекорӣ, муҳоҷирати дохилӣ ва берунӣ, шуғл дар бахши ғайриқонунии иқтисод афзоиш ёфт. Тавре ки таърихи иқтисоди миллии бисёр кишварҳо нишон медиҳад, барқарорсозии истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва мутаносибан, амалисозии ҳуқуқи конститутсионӣ - яъне, ҳуқуқ ба меҳнати шоиста, ҳамеша ҷанбаи дарозмуҳлатро дорад. Бинобар ин, Пешвои миллат доимо ба масъалаи таъсиси ҷойҳои нави корӣ чун яке аз самтҳои муҳими амалисозии ҳуқуқи конститутсионӣ ба меҳнат, таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунанд.

Муносибати таърихӣ ва таҳлили ташаккули асосҳои иқтисодиёти конститутсионӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки вақте асоси ҳуқуқи конститутсионии субъектҳои иқтисод барқарор мегардид, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳо «Дар бораи буҷети давлатӣ» (соли 1993), «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандон» (соли 1993), «Дар бораи индексатсияи даромадҳо» (соли 1994), «Дар бораи сохтмони манзили шахсӣ» (соли 1994), «Дар бораи хусусигардонии фонди манзил» (соли 1995), «Дар бораи фаъолияти иқтисодии берунӣ» (соли 1994), «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» (солҳои 1995, 1996, 1997), «Дар бораи Бонки миллӣ» (соли 1996), «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» (соли 1997), «Дар бораи консессия» (соли 1997), Кодекси замин (соли 1996), Кодекси манзил ва меҳнат (соли 1997) ва ғайраро имзо карданд.

Вақте ки давлат имкони аз нигоҳи конститутсионӣ таъмин кардани кафолати озодии иқтисодӣ, чун принсипи асосии иқтисодиёти конститутсиониро ба даст овард, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳои зерин ба имзо расиданд: «Дар бораи Палатаи савдо» (соли 1998), «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф» (соли 1998), «Дар бораи танзими давлатии фаъолияти иқтисодии берунӣ» (соли 1999), «Дар бораи муҳоҷират» (соли 1999), Кодекси шаҳрвандӣ (соли 1999) ва Кодекси об (соли 2000), «Дар бораи энергетика ва нақлиёт» (соли 2000), «Дар бораи арзёбии замин» (соли 2001), «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» (соли 2002), «Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд» (соли 2002), «Дар бораи лизинги молиявӣ» (соли 2003), «Дар бораи кафолати пасандозҳои шахсӣ» (соли 2003), «Дар бораи мусоидат ба шуғл» (соли 2003), «Дар бораи муфлисшавӣ» (соли 2003), «Дар бораи пешгӯии давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоӣ - иқтисодӣ» (соли 2003), «Дар бораи муассисаҳои давлатӣ» (соли 2004), «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» (соли 2004), «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» (соли 2004), Кодекси андоз ва гумрук (соли 2004) ва ғайра.

Ба туфайли иродаи қавии сиёсии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳилаи фаъоли шаклгирӣ ва рушди асосҳои иқтисодиёти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд ҷанбаи комилан нави сифатиро ба худ гирифт. Баъд аз қабул ва амалисозии «Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон дар давраи то соли 2015» ба муваффақиятҳои назаррас ноил шудем. Дар давраи амалисозии стратегияи мазкур, инчунин, стратегияҳои миёнамуҳлати паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолии Тоҷикистон, камбизоатӣ зиёда аз ду маротиба коҳиш ёфта, рушди иқтисодии устувор 7 фоиз таъмин гардид. Илова бар ин, суботи макроиқтисодӣ ба даст омада, тавarrуми пул коҳиш ёфта, даромади аҳолӣ хеле боло рафт.

Солҳои 1997 - 2016 дар ҷумҳурӣ 150 барномаи рушди соҳавӣ ва 47 барномаи рушди минтақавӣ таҳия гашта буд. Татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар ин давра боиси 3,5 маротиба зиёд шудани (ММД) Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ гардид. Маҷмӯи маҳсулоти хоҷагии деҳот 3,7 маротиба, ҳаҷми боркашонӣ бо ҳамаи намуди нақлиёт - 2,1, интиқоли мусофирон - 5,2, ҳаҷми гардиши моли чакана - 5,3 ва хизматрасониҳои пардохтшаванда ба аҳолӣ - 9,7 маротиба, ҳиссаи депозитҳои аҳолӣ дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар аз 0,2 фоиз то 10,0 фоиз афзуд.

Ба шарофати татбиқи стратегияву барномаҳои миллӣ то соли 2015 даромади буҷети давлатӣ аз 300 миллион сомонӣ ба 18 миллиард сомонӣ расид. Даромади аҳолӣ 25 маротиба ва пасандози бонкӣ 85 маротиба зиёд гардида, теъдоди корхонаҳои саноатӣ дар соли 1991 то ба 358 ва дар соли 2015 то 2100 адад расид. Барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, бо маҳсулоти соҳа таъмин намудани бозори истеъмолӣ бо фармонҳои Сарвари давлат ба аҳолии кишвар 75 ҳазор гектар замин ҷудо гардида ин ташаббус имконият дод, ки талаботи аҳолӣ ба аксар маҳсулоти зарурӣ қонеъ гардонида шавад. То соли 2015 дар доираи татбиқи ҳазорҳо лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба иқтисодиёт беш аз 63 млрд. сомонӣ (8,1 млрд. доллари амрикоӣ), инвеститсияҳои хориҷӣ, аз он ҷумла 27,5 млрд. сомонӣ (3,5 млрд. доллари амрикоӣ), инвеститсияҳои мустақим, ки ба соҳаи энергетика, нақлиёт, тандурустӣ, таҳсилот, хоҷагии деҳот, ирригатсия ва инфрасохторҳои дигар ҷалб карда шудаанд, равона карда шуда буд.

Дар натиҷа, то соли 2015 бештар аз 2 ҳазор км роҳҳои автомобилгард, 190 км роҳи оҳан, 240 пул ва бештар аз 30 км нақбҳои мошингард ба маблағи умумии 11,4 млрд. сомонӣ ба истифода дода шуд. Тоҷикистон ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ - баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ расид. То соли 2015 дар самти расидан ба истиқлолияти энергетикӣ бештар аз 36 млрд. сомонӣ барои сохтмон ва ба истифода додани объектҳои муҳим - иншооти хурд ва миёна оид ба коркард ва интиқоли неруи барқ ҷалб шуд. Инчунин, низоми ягонаи энергетикии кишварро таҳия намуда, бештар аз 1300 мВт неруи истеҳсолкунанда ба истифода дода шуд.

Тоҷикистон барои беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои иҷтимоиву иқтисодии кишвар, ба арсаи байналмилалӣ баромад. Ба шарофати ин Тоҷикистон тибқи Гузориши «Пешбурди тиҷорат» аз лиҳози дастгирии бахши хусусӣ аз соли 2009 то 2016 беш аз 30 зина боло рафт. Тоҷикистон се маротиба ба ҳайати даҳгонаи кишварҳои ислоҳоткор ворид гаштааст, ки дар раванди мазкур саҳми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беназир аст.

Соли 2015 бо супориши Сарвари давлат «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» таҳия гардид. Дар стратегияи мазкур вазифа гузошта шудааст, ки сустии иқтисодиёти миллӣ аз таҳдидҳои потенсиалии дохилӣ ва берунӣ, инчунин, аз ҷустуҷӯву коркарди механизмҳои самаранок ва манобеи рушди устувори иқтисодиёти минтақаҳои кишвар дар асоси дастрасии устувор ба захираҳои энергетикӣ ва муҳити соҳибкории созгор бартараф карда шавад.

Пешвои миллат ҳадафҳои стратегии рушди кишварро, ки ҷавобгӯи ормон ва манфиатҳои мардуми Тоҷикистон мебошанд, муайян намуданд - расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат.

Дар марҳалаҳои аввали татбиқи стратегияи нав суръати миёнаи солонаи афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 7,2 фоиз шуд, ки он ба болоравии сатҳи зиндагии мардум мусоидат намуд. Иқтидори истеҳсолии соҳаи энергетика аз 5600 то ба 6100 МВт аз ҳисоби ба кор андохтани неругоҳи барқӣ (300 МВт) ва ду агрегати НБО «Роғун» (200 МВт) афзуд. Истихроҷи ангишт дар ҷумҳурӣ беш аз 2 миллион тоннаро ташкил дод, ки ин дар таърихи Тоҷикистон нишондиҳандаи баландтарин аст. Нишондиҳандаи пардохтпазирии кӯтоҳмуддати низоми бонкӣ 67,4 фоизро ташкил дода, ҳиссаи содирот дар гардиши савдои хориҷӣ аз 22,9 фоизи соли 2016 то 26,0 фоиз дар соли 2019 зиёд шуд. Шумораи корхонаҳои муштараки амалкунанда беш аз ду баробар, ҳаҷми умумии сармоягузориҳои ҷалбшуда аз кишварҳои хориҷӣ 1,3 баробар афзуд.

Давомнокии миёнаи умр аз 73,6 соли соли 2015 то ба 75 сол дар соли 2019 афзоиш ёфт, ки дар натиҷаи коҳиши фавти умумӣ аз 4,0 то 3,6 ба 1000 нафар аҳолӣ асос ёфтааст.

Аммо таъсири манфие, ки дар натиҷаи паҳншавии COVID-19 ба вуҷуд омадааст, дар соли 2020 боиси коҳиши суръати рушди иқтисоди миллӣ то 3,7-4,2 фоиз гардид. Дар чунин шароит Ҳукумати кишвар таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии таъсири хатарҳои эҳтимолии пандемияи коронавирус ба иқтисодиёти миллӣ»-ро қабул намуд. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» интишор гардид, ки дар он бо назардошти вазъи кунунии паҳншавии бемории нави сироятӣ, дар муддати кӯтоҳ ва миёна вазифаҳои мушаххас гузошта шуданд, ки ба коҳиш додани таъсири манфии COVID-19 нигаронида шудаанд. Имрӯз метавон эътироф кард, ки ибтикори Роҳбари мамлакат дар давраи душвори бемории сироятии COVID-19 дар маҷмӯъ самараҳои мусбат оварданд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар 23-юми декабри соли 2022 махсус қайд гардид, ки «сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт. Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ аз 9,1 миллиард сомонии соли 2018 то 14,7 миллиард сомонӣ дар соли 2022 ё 62 фоиз зиёд гардид. Сатҳи камбизоатӣ аз 27,4 фоизи соли 2018 то 22,5 фоиз дар соли 2022 коҳиш дода шуд». Бо назардошти татбиқи принсипи асосии иқтисодиёти конститутсионӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём чунин зикр карданд: «Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки пешрафти устувори минбаъдаи иҷтимоиву иқтисодии кишварро нигоҳ дошта, соли 2023 суръати рушди иқтисодиро дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин намояд. Дар ин замина, соли 2023 даромади умумии пулии аҳолӣ 15 фоиз афзоиш ёфта, ба 100 миллиард сомонӣ баробар мегардад».

Таърих гувоҳ аст, ки азми қавӣ ва нияти неки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қобилияти таҳлили амиқи назариявии вазъияти дохилӣ ва берунӣ, афкори бикр ва иҷрои барномаҳои пешбинишударо дар шароити хеле мураккаби воқеияти иҷтимоӣ таъмин намуд. Фаъолияти Пешвои миллат имконият медиҳад, ки аз воқеияти имрӯза илман натиҷагирӣ шавад, ба ин асос моделҳои гуногуни назариявии иқтисодӣ омода гардида, дар таърихи афкори иқтисодии халқи тоҷик ҳамчун мактаби махсуси идоракунии Пешвои миллат эътирофу арҷгузорӣ шавад.

## СУРУДИ ВАҲДАТ



Ҷӯрабек МУЪМИН

*Ваҳдати мо шаъни мову шони мо,*
*Шӯҳрати мо, шавкату паймони мо.*
*Дар вуҷуди мо ба сони зиндагӣ*
*Гарм созад гардиши шарёни мо.*
*Тоҷикистон гашт машҳури ҷаҳон,*
*Ҷойи ӯ дар ҷони мо, дар ҷони мо.*
*Парчами мо то сурайё мерасад,*
*Ваҳдатистон аст ин даврони мо.*
*Ризқи мо аз ваҳдат афзун мешавад,*
*Ваҳдати мо файзи дастархони мо.*
*Нури ваҳдат дар фарози осмон,*
*Партави тобандаи рахшони мо.*
*Исму ҷисми мо зи ваҳдат пойдор,*
*Ҳастии мо, бахти мо, сомони мо.*

# ОМИЛИ ШУКУФОИИ МИЛЛАТ

**Ҷаҳони муосир давраи мураккабу муқовиматбори инкишофро аз сар мегузаронад. Хосияти асосии он ҷаҳонгароӣ мебошад, ки вобаста ба макону замон дар сатҳ ва шаклҳои гуногун ба зуҳур меояд. Тоҷикистон низ ҳамчун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз бархӯрдҳои замона дар канор намонда, мақоми хешро меҷӯяд. Барои дар ин раванд беосебу бегазанд нигоҳ доштани давлату миллат ва ҷойгоҳи муносиб дар ҷомеаи ҷаҳонӣ касб намудану ба зиндагии шоиста расонидани мардуми кишвар мо ба таҳкими бештари пояҳои ваҳдати миллӣ ниёз дорем.**

Дар адабиёт ва фалсафаи муосир мафҳуми ваҳдати миллӣ бештар маънои умумияти иҷтимоӣ ва муттаҳидии аҳли ҷомеаро дошта, қариб дар ҳама тамаддунҳо омили субот ва таъмини пешравии кишвар ба ҳисоб меравад. Ваҳдати миллӣ аз як тараф, ба ҳалли масъалаҳои муҳим ва мураккаби дохили кишвар мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, ҳалли низоъҳо ба таҳкими ваҳдати миллӣ сабаб мегардад.

Зарурат ва аҳамияти ваҳдати миллӣ махсусан дар давраи соҳибистиқлолии давлатӣ эҳсос мешавад, зеро, ки соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатӣ барои ҳар як халқу кишвар кори осон нест, вале ҳифзи он мушкилтар аст. Роҳи расидан ба истиқлолият ва ваҳдати миллӣ шояд дар тасаввур осон намояд, вале ҳаёт нишон медиҳад, ки ҳифзи истиқлолият ва ваҳдати миллӣ аз ҳар як сокини кишвар ҷаҳду талошҳои зиёд, маърифатнокӣ ва фарҳанги сиёсии волоро тақозо менамояд.

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX бо сабаби пароканда шудани Иттиҳоди Шӯравӣ кишвари мо ба истиқлолияти давлатӣ ноил гардид. Умед буд, ки дар шароити нави таърихӣ барои таҳкими ваҳдати миллӣ беш аз пеш шароити мусоид фароҳам меояд.

Қувваҳои моҷароҷӯи сиёсии дохилӣ бо дастгирии ҳомиёни хориҷиашон, ки мустақилияти давлатии кишварамонро намехостанд, дар ҷомеа тухми кинаву адоват, низоъ ва ҷудоихоҳиро пошида, оташи ҷанги шаҳрвандиро афрӯхтанд, ки ваҳдати миллӣ ва якпорчагии мамлакат зери хатар қарор гирифт.

Бинобар ин, чораҳои муассире зарур буданд, ки ҷанги шаҳрвандиро хотима дода, ваҳдати миллӣ, ягонагии кишвар, барқарор кардани сохти конститутсионӣ, рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии мамлакатро таъмин намоянд. Бо дарки ҳамин зарурати таърихӣ Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват карда шуд, ки дар он масъалаҳои муҳими ҳаёти мамлакат, аз ҷумла интихоби роҳбари нави сиёсӣ, хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳи комил, баррасӣ шуданд.

Дар иҷлосия қувваҳои солими сиёсии ҷомеа муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Сарвари давлат интихоб намуданд. Пешвои миллат зимни суханронии хеш изҳор карда буданд: «Ман кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард. Ман тарафдори давлати демократии ҳуқуқбунёд мебошам. Мо бояд ҳама ёру бародар бошем, то ки вазъро ором намоем». Сарвари давлат он вақт бо ин суханони худ барномаи сулҳ ва ваҳдати миллии ояндаро эълом дода буданд.

Дар ҳамин замина роҳбарияти нави сиёсии мамлакат ягона роҳи дурусти ба сулҳи комили миллӣ расиданро дар гуфтушунидҳо бо мухолифин медид, бинобар ин марҳилаи гуфтушунидҳо оғоз шуданд, ки якчанд давр баргузор гаштанд. Ниҳоят 27- уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон анҷом ёфтанд. Дар аксари ин гуфтушунид Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ширкат варзида, дар ҳаллу фасли масъалаҳои баҳсталаб саҳми беназири таърихӣ гузоштанд.

Истиқрори сулҳ заминаи ваҳдати миллиро фароҳам овард, вале барои он ки ин сулҳ ва ваҳдати миллӣ ба таври воқеӣ устувор гардад, зарур аст, ки омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ хуб корбаст шаванд. Дар ин раванд, пеш аз ҳама, омили иқтисодӣ басе муассир аст.

Зарурати таърихии инкишофи ояндаи ҷомеа талаб менамояд, ки фаъолияти амалии мақомоти гуногунзинаи давлатӣ ва ғайриҳукуматӣ баҳри рушду такомули давлат, соҳибмаърифат намудани шаҳрвандон ва баланд бардоштани сатҳи фарҳанги сиёсии ҷомеа мақсаднок ва пурсамар равона гардад. Воқеияти зиндагӣ ва таҷрибаи ҷомеаи ҷаҳонӣ собит месозад, ки агар шаҳрвандон маърифати баланди сиёсӣ надошта бошанд, дар байни онҳо ваҳдату якдилии устувор ба вуҷуд намеояд. Аз ин лиҳоз зарур аст, ки аз тамоми нерую имкониятҳои хеш ҳамарӯза барои баланд бардоштани сатҳи маърифату шуури миллии мардуми кишвар, фарҳанги сиёсии ҷомеа, тақвияти ваҳдату якдилӣ, беҳ намудани шароити иқтисодию иҷтимоии аҳли ҷомеа ва рушду тараққиёти мамлакатамон беш аз пеш истифода намоем.

Шароити таърихие, ки дар аввали асри XXI дар ҷаҳон ба миён омадааст, ҷомеаи моро ба падидаҳои нави ҳамгироӣ ва бархӯрди манофеи қудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ рӯ ба рӯ намудааст. Зуҳури падидаи ваҳдати миллӣ аслан марбут ба ташаккули давлатҳои миллӣ аст, зеро маҳз дар доираи давлати миллӣ зарурати ба даст овардани эҳсоси умумияти ягонаи сиёсии мардум, ки дар як воҳиди маъмурӣ зиндагӣ доранд, боло меравад. Аз ин рӯ, ваҳдат хусусияти миллиашро танҳо дар доираи ташаккули давлати миллӣ пайдо намуда, мавриди татбиқ қарор мегирад. Бинобар ин, нақши давлат дар таҳкими ваҳдати миллӣ меафзояд, зеро он барои таъмини рушди иқтисодӣ, суботи иҷтимоӣ ва равнақи фарҳанги миллӣ манфиатдор аст.

Ваҳдати миллӣ, воқеан ҳам, марбут ба омилҳои гуногунҷанбаест, ки дар он нақши муассирро ҳамоҳангсозии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ мебозад. Ҳаёти ҷамъиятии баъзе аз кишварҳои пасошӯравӣ, ки бар асари ихтилофи байниҳамдигарии ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ мубталои муноқишоти дохилӣ гаштанд, собит карданд, ки дар доираи қонунҳо ҳамоҳанг сохтани ниҳодҳои давлатӣ, ки дар кишварамон ба вуқӯъ пайваст, барои амалияи ҷомеасозиамон комилан дуруст буд, зеро яке аз вазифаҳои муҳими ниҳодҳои давлатӣ ин худ танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани сатҳи эътимоди аъзои ҷомеа ба дурустии арзишҳои дар заминаи ин муносибатҳо қарордошта мебошад. Қобили зикр аст, ки ҳамоҳангии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ дар ин самт заминаи мусоидро дар ҷомеаамон барои ташаккули ваҳдати миллӣ муҳайё сохт.

Сиёсати пайгиронаи Пешвои миллат, ки барои татбиқи он мо масъулем, дар ҳама соҳаҳои пешбурди ҳаёти кишвар тадриҷан шароити арзандаро барои инкишофи озодона ва роҳандозии потенсиали ҳар як аъзои ҷомеа таъмин месозад. Ин аз вазъи ороми сиёсӣ ва фаъолияти пурсамару шабонарӯзии сохторҳои амниятиву мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сарчашма мегирад, ки бо бедории касбӣ вазифаҳои таъинотиашонро иҷро менамоянд. Аммо, тавре воқеияти зиндагӣ шаҳодат медиҳад, ин субот ва раванди эъмори давлати соҳибистиқлоламон то ба ҳол баъзе қувваҳоро дар хориҷ ва дохили кишвар ором намегузорад ва онҳо аз паи халалдор кардани авзои сиёсию иҷтимоӣ дар кишвари мо мебошанд.

Бинобар ин, набояд аз таҳдиди омилҳои берунӣ низ сарфи назар кунем. Ҳодисаҳои охири ҷаҳон шаҳодати шиддат гирифтани бархӯрди манфиатҳост. Василаи асосии аз ин хатарҳо эмин нигоҳ доштани ҷомеа боз ҳам боло бурдани эътимоду боварии шаҳвандон ва тавсеаи робита бо ҷомеа мебошад.

Зарур аст, ки дар низоми тағйирёбандаи манфиатҳои геополитикию геостратегӣ корҳои таблиғотию маърифатӣ беҳтару густурдатар ба роҳ монда шавад.

**Исомиддин ШАРИФЗОДА,**
**мудири кафедраи гуманитарии ДТТ,**
**номзади илмҳои фалсафа**

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 21-уми июли соли 2023 озмуни №8-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ баргузор менамояд

| т/р | Дорандаи баланс | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора (бо сомонӣ) | Мӯҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш. Душанбе, х. С.Шерозӣ - 16 | масоҳати 11,3 $м^2$ аз ҳисоби ошёнаи 8-ум | маъмурӣ | 5042 | 1 сол |
| 2 | Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ | н. Рӯдакӣ, ш. Сомониён, к. Сомонӣ - 49 | масоҳати 6 $м^2$ аз ҳисоби бинои асосӣ | хизматрасонӣ | 3000 | 1 сол |
| 3 | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур | ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ -146 | масоҳати 12 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди донишгоҳ | савдо | 9950 | 1 сол |
| 4 | Корхонаи автомобилии Сарраёсати давлатии сохтмону монтажи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Южнообходная - 200 | масоҳати 500 $м^2$ аз ҳисоби бинои назди ҳавлии корхона | хизматрасонӣ | 24600 | 1 сол |
| 5 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | утоқи кории №39 бо масоҳати 26 $м^2$ аз ҳисоби бинои №19А | утоқи корӣ | 14215 | 1 сол |
| 6 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | анбори №35 бо масоҳати 224 $м^2$ аз ҳисоби бинои №30А | анбор | 65700 | 1 сол |
| 7 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | утоқи кории №47 бо масоҳати 25 $м^2$ аз ҳисоби бинои №19А | утоқи корӣ | 12024 | 1 сол |
| 8 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | анбори №17 бо масоҳати 55 $м^2$ аз ҳисоби бинои №8А | анбор | 15624 | 1 сол |
| 9 | Намояндагии КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар вилояти Суғд | ш. Хуҷанд, к. Р. Набиев - 191 | масоҳати 77 аз ҳисоби бинои 1-ум, масоҳати 40 $м^2$ аз ҳисоби бинои 2-юм, масоҳати 20 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди назди биноҳо | хизматрасонӣ | 49320 | 1 сол |
| 10 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | анбори №32 бо масоҳати 40 $м^2$ аз ҳисоби бинои №34А | анбор | 10005 | 1 сол |
| 11 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | анбори №39 бо масоҳати 136 $м^2$ аз ҳисоби бинои №38А | анбор | 44965 | 1 сол |
| 12 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш. Душанбе, х. С.Шерозӣ - 16 | 2 утоқи корӣ бо масоҳати 21,3 $м^2$ аз ҳисоби ошёнаи 10-уми бино | маъмурӣ | 7792 | 1 сол |
| 13 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | ш. Душанбе, х. академикҳо Раҷабовҳо - 10 | масоҳати 16 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди бинои факултети «Нақлиёт»-и донишгоҳ, воқеъ дар ш. Душанбе, к. Ҷомӣ - 1 | техникӣ | 9610 | 1 сол |
| 14 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо» | ш. Душанбе, к. Саноӣ - 33 | масоҳати 48,95 $м^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бинои маъмурӣ | хизматрасонии тиббӣ | 10800 | 1 сол |
| 15 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ташхисгоҳи геологӣ» | ш. Душанбе, к. М. Турсунзода - 23 | масоҳати 38,6 $м^2$ аз ҳисоби ошёнаи дуюми бино | маъмурӣ | 11900 | 1 сол |
| 16 | Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Айнӣ - 31 | масоҳати 53 $м^2$ аз ҳисоби бинои ошхона, воқеъ дар ш. Душанбе, к. Фирдавсӣ - 28 | хӯроки умумӣ | 5400 | 1 сол |
| 17 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. К. Раҳимов - 44 | масоҳати 35,84 $м^2$ аз ҳисоби бинои Раёсати тиббӣ, воқеъ дар ш. Душанбе, к. Лоҳутӣ - 63 | савдо | 7600 | 3 сол |
| 18 | Маркази ҷумҳуриявии клиникии беморихои пӯст ва узвҳои таносул | ш. Душанбе, гузаргоҳи 2-юми к. Айнӣ - 52 | масоҳати 12 $м^2$ аз ҳисоби бинои марказ | савдо | 3450 | 3 сол |
| 19 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | анбори №18 бо масоҳати 57 $м^2$ аз ҳисоби бинои №35А | анбор | 12312 | 3 сол |
| 20 | МБТО «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» | ш. Душанбе, к. М. Турсунзода - 30 | масоҳати 16 $м^2$ аз ҳисоби назди бинои «А» | хизматрасонӣ | 9600 | 1 сол |
| 21 | Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ | ш. Душанбе, к. Теҳрон - 21 | масоҳати 100 $м^2$ аз ҳисоби таваққуфгоҳи бинои «Маҷмааи амвол» аз соати $18^{00}$ то соати $05^{00}$ | таваққуфгоҳ | 4800 | 1 сол |
| 22 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Суғднефтугаз» | ш. Исфара, шаҳраки Нефтобод | ду утоқи корӣ бо масоҳати 20 $м^2$ аз ҳисоби бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 6000 | 1 сол |
| 23 | Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Ашт | н. Ашт, шаҳраки Дӯстӣ | масоҳати 52,36 $м^2$ аз ҳисоби ошхонаи сехи таъмирии минтақаи №2 | хӯроки умумӣ | 3300 | 3 сол |
| 24 | Муассисаи ислоҳии ЯС 3/5 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Хуҷанд, маҳаллаи 18-ум, минтақаи боло | масоҳати 21,12 $м^2$ аз ҳисоби бинои берунии муассиса | савдо | 3800 | 3 сол |
| 25 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш. Душанбе, х. С.Шерозӣ - 16 | масоҳати 103,5 $м^2$ аз ҳисоби ошёнаи 9-уми бино | маъмурӣ | 20400 | 3 сол |
| 26 | Корхонаи воҳиди давлатии «Садаф» | ш.Хуҷанд, минтақаи саноатии шимолу шарқӣ | масоҳати 200 $м^2$ аз ҳисоби бинои корхона | истеҳсолӣ | 7300 | 3 сол |
| 27 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд ба номи Ю.Б.Исҳоқӣ» | ш. Хуҷанд, к. Ҷ. Зокиров - 29 | масоҳати 9 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди назди бинои китобхонаи муассиса | савдо | 1080 | 3 сол |
| 28 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Спитамен | н. Спитамен, ш. Навкат, к. А. Усмоналиев - 2 | масоҳати 153,72 $м^2$ аз ҳисоби бинои клуб | истеҳсолӣ | 5500 | 3 сол |
| 29 | Раёсати минтақавии гумрук дар вилояти Суғд | ш. Хуҷанд, х. Р. Ҳоҷиев - 28 | масоҳати 17,4 $м^2$ аз ҳисоби бинои гумруки Исфара, воқеъ дар ш.Исфара, маҳаллаи Навобод | маъмурӣ | 2340 | 2 сол |
| 30 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - «Шифобахш» | ш. Душанбе, к. И. Сомонӣ - 59 | масоҳати 30 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди пушти бинои №6 | савдо | 3600 | 2 сол |
| 31 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | ш. Душанбе, к. Беҳзод - 25 | масоҳати 197 $м^2$ аз ҳисоби бинои кинотеатри «Душанбе», воқеъ дар шаҳри Роғун | маъмурӣ | 24000 | 1 сол |
| 32 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Нисормуҳаммад - 13а | масоҳати 154,8 $м^2$ аз ҳисоби ҳамшафати бинои асосӣ | хӯроки умумӣ | 15000 | 1 сол |
| 33 | ШСХК «Барқи Тоҷик» | ш. Душанбе, к. И. Сомонӣ - 64 | масоҳати 239,5 $м^2$ аз ҳисоби тагхонаи бино | хӯроки умумӣ | 30000 | 1 сол |
| 34 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | анбори №62 бо масоҳати 73 $м^2$ аз ҳисоби бинои №14А | анбор | 18240 | 1 сол |
| 35 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | утоқи кории №14 бо масоҳати 23 $м^2$ аз ҳисоби бинои №32А | утоқи корӣ | 11160 | 1 сол |
| 36 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | утоқи кории №72 бо масоҳати 20 $м^2$ аз ҳисоби бинои №33А | анбор | 6000 | 1 сол |
| 37 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | анбори №15 бо масоҳати 45 $м^2$ аз ҳисоби бинои №8А | анбор | 11880 | 1 сол |
| 38 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | анбори №56 бо масоҳати 79 $м^2$ аз ҳисоби бинои №14А | анбор | 17064 | 1 сол |
| 39 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии саноати кишоварзӣ»-и шаҳри Конибодом | ш. Конибодом, к. Бобокалонов 1 | масоҳати 24 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди муассиса | техникӣ | 14400 | 1 сол |
| 40 | Маркази таъминоти бехатарии озуқаворӣ дар шаҳри Панҷакент | ш. Панҷакент, к. Деваштич - 33 | масоҳати 25 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди марказ | техникӣ | 15000 | 1 сол |
| 41 | ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш. Турсунзода | масоҳати 14 $м^2$ аз ҳисоби варзишгоҳи «Талко - Арена» | техникӣ | 5940 | 1 сол |
| 42 | Корхонаи давлатии фаръии обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳри Исфара | ш. Исфара, к. Ибод Файзуллоев - 21 | масоҳати 20 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди истгоҳи обкашии Найман | техникӣ | 12111 | 1 сол |
| 43 | Корхонаи воҳиди «Экспедитсияи комплексии геологии Қайроққум» дар шаҳраки Сирдарё | ш. Гулистон, шаҳраки Сирдарё | масоҳати 18 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди бинои мошинсарои корхона | техникӣ | 10910 | 1 сол |
| 44 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | утоқи кории №64 бо масоҳати 22 $м^2$, аз ҳисоби бинои №14А | анбор | 7000 | 1 сол |
| 45 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Муборак ТЭ» | ш. Душанбе, к. Айнӣ - 259 | масоҳати 10,2 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуд ва бинои корхона | техникӣ | 6180 | 1 сол |
| 46 | Ҷамъияти саҳомии навъи кушодаи «Матбуот» | ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ - 37 | масоҳати 8 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 4920 | 1 сол |
| 47 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш. Душанбе, х. С.Шерозӣ - 16 | масоҳати 1 $м^2$ аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 1500 | 1 сол |
| 48 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Маркази барқу гармидиҳии Душанбе» | ш. Душанбе, к. Каххоров - 39 | масоҳати 1 $м^2$ аз ҳисоби дудбарои дегхонаи ғарбии корхона | техникӣ | 1500 | 1 сол |
| 49 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Маркази барқу гармидиҳии Душанбе» | ш. Душанбе, к. Қаҳҳоров - 39 | масоҳати 10 $м^2$ аз ҳисоби боми бинои МБГ-2, воқеъ дар кӯчаи Лучоб | техникӣ | 6077 | 1 сол |
| 50 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | ш. Душанбе, х. академикҳо Раҷабовҳо - 10 | масоҳати 10 $м^2$ аз ҳисоби боми бинои хобгоҳи №5-и донишгоҳ, воқеъ дар к. Б. Ғафуров - 34/1 | техникӣ | 6037 | 1 сол |
| 51 | Қувваҳои ҳарбӣ - ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон | н. Рӯдакӣ, п. т. ш. Навобод | масоҳати 20 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди Ҷамоати Чоргултеппа, к. Рангон | техникӣ | 12024 | 1 сол |
| 52 | Қувваҳои ҳарбӣ - ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон | н. Рӯдакӣ, п. т. ш. Навобод | масоҳати 10 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди к. Теппаи Самарқандӣ, к/х 41008 | техникӣ | 6025 | 1 сол |
| 53 | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Чапаев - 57 | масоҳати 5 $м^2$ аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 3075 | 1 сол |
| 54 | Сарраёсати таъсиррасонии фаъол ба ҷараёнҳои метеорологии Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Турсунзода, х. А. Миралиев, деҳаи Кулоклитеппа | масоҳати 14 $м^2$ аз ҳисоби бино ва 1 $м^2$ аз ҳисоби мачта | техникӣ | 9075 | 1 сол |
| 55 | КФ ноҳияҳои тобеи маркази КВД «Почтаи тоҷик» | ш. Душанбе, х. Абӯалӣ ибни Сино - 42/2 | масоҳати 16 $м^2$ аз ҳисоби бинои асоси | техникӣ | 9675 | 1 сол |
| 56 | Сарраёсати таъсиррасонии фаъол ба ҷараёнҳои метеорологии Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Ваҳдат | масоҳати 14 $м^2$ аз ҳисоби бинои дастаи зидди жолаи Ваҳдат ва 1 $м^2$ аз ҳисоби мачта | техникӣ | 9075 | 1 сол |
| 57 | ШСХК «Барқи Тоҷик» | ш. Душанбе, к. И. Сомонӣ - 64 | масоҳати 8 $м^2$ аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 4875 | 1 сол |
| 58 | Заводи вагонтаъмиргарии КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | ш. Конибодом, д. Маҳрам, к. Мирзоалиева - 10 | масоҳати 35 $м^2$ аз ҳисоби анборхона | техникӣ | 21111 | 1 сол |
| 59 | КВ «Истгоҳи Конибодом»-и КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | ш. Конибодом, к. Вокзалная - 16 | масоҳати 20 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди истгоҳи «Деваштич» | техникӣ | 12141 | 1 сол |
| 60 | ҶСК «Комбинати фулузоти нодири Ленинобод» | ш. Гулистон, шаҳраки Чоруқдаррон | масоҳати 25 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 15000 | 1 сол |
| 61 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | анбори №1 бо масоҳати 50 $м^2$ аз ҳисоби бинои №25А | анбор | 24937 | 1 сол |
| 62 | МД «Маркази миллии бемориҳои сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина» | ш. Ваҳдат, д. Шифо | масоҳати 6 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди марказ | савдо | 3744 | 1 сол |
| 63 | Корхонаи фаръии КВД «Тоҷикзооветсервис» дар вилояти Суғд | ш. Хуҷанд, к. К. Хуҷандӣ - 13 | масоҳати 79 $м^2$ аз ҳисоби бинои анбор | истеҳсолӣ | 47400 | 1 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21** оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад.Ҷойи баргузории озмун **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21. Тел 221-73-74, 221-33-66 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин - 47/1, тел: (83422) 4-52-91, мобилӣ: 92-758-00-96.**

Озмун соати **$10^{00}$** баргузор мегардад. Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як иншоот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, иҷорагир ба ҳисоби корхона бочи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши иншооти иҷора дохил намешаванд. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун ба суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74**, сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ www.muzoyada-kvd.tj ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон www.GKI.tj гирифтан мумкин аст.

# ВНИМАНИЕ, КОНКУРС!

## Государственное образовательное учреждение «Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино» объявляет конкурс на замещение вакантных должностей:

**Заведующих кафедрами (доктор, кандидат наук):**

- офтальмологии, пропедевтика внутренних болезней, семейной медицины, урологии, общественных наук, нормальной физиологии, нейрохирургии и сочетанные травмы, общей хирургии №1 им. профессора Каххорова А.Н., инновационной хирургии и трансплантологии, детских инфекционных болезней, гистологии, таджикского языка, иностранных языков, биоорганической и физколлоидной химии, организации здравоохранения и медицинской статистики с курсом истории медицины, фармакологии.

**Профессор кафедр:**

- анатомии человека и латинской терминалогии им. Я.А. Рахимова - 1;
- онкологии и лучевой диагностики - 1;
- хирургических болезней №2 им. Усмонова Н.У. - 1.

**Доцентов кафедр (доктор, кандидат наук):**

- акушерство и гинекологии №1 - 2;
- топографической анатомии и оперативной хирургии им. Каримова М.К. - 2;
- анестезиологии и реаниматология - 2;
- неврологии психиатрии и медицинской психологии им. профессора Гуломова М.Г - 2;
- внутренних болезней №1 - 1;
- внутренних болезней №2 - 1;
- детских болезней №1 - 1;
- детских болезней №2 - 1;
- хирургических болезней №1 им. Курбонова К.М. - 5;
- хирургических болезней №2 им. Усмонова Н.У. - 3;
- медицинской биологии с основами генетики им. профессора Бердиева Н. Б. - 2;
- биохимии - 2;
- дерматовенерологии - 1;
- таджикского языка - 1;
- биоорганической и физколлоидной химии - 1;
- фармацевтической химии и токсикологии - 1;
- онкологии и лучевой диагностики - 1;
- пропедевтика внутренних болезней - 1;
- травматологии, ортопедии и военно-полевой хирургии - 2;
- урологии - 3;
- фармакологии - 1;
- нейрохирургии и сочетанные травмы - 1;
- детской хирургии - 1;
- общей хирургии №1 им. профессора Каххорова А.Н. - 2;
- общей хирургии №2 - 4;
- челюстно лицевой хирургии - 1;
- эндокринология - 1;
- эпидемиологии им. профессора Рофиева Х.К. - 1.

**Старших преподавателей кафедр:**

- акушерство и гинекологии №1 - 1;
- анатомии человека и латинской терминалогии им. Я.А. Рахимова - 3;
- неврологии психиатрии и медицинской психологии им. профессора Гуломова М.Г. - 3;
- внутренних болезней №1 - 3;
- детских болезней №2 - 1;
- инфекционных болезней - 2;
- гигиены окружающей среды - 1;
- медицинской биологии с основами генетики им. профессора Бердиева Н.Б. - 1;
- русского языка - 2;
- таджикского языка - 2;
- иностранных языков - 1;
- микробиологии иммунологии и вирусологии - 2;
- организации здравоохранения и медицинской статистики с курсом истории медицины - 1;
- онкологии и лучевой диагностики - 3;
- офтальмологии - 4;
- пропедевтика внутренних болезней - 1
- семейной медицины - 1;
- травматологии, ортопедии и военно-полевой хирургии - 1;
- урологии - 1;
- общественные науки - 1;
- медицинской и биологической физики с основами информатики - 2;
- нормальной физиологии - 1;
- челюстно лицевой хирургии - 2;
- эпидемиологии им. профессора Рофиева Х.К. - 1;

**Ассистентов кафедр:**

- акушерство и гинекологии №1 - 3;
- акушерство и гинекологии №2 - 9;
- топографической анатомии и оперативной хирургии им. Каримова М.К. - 1;
- анатомии человека и латинской терминалогии им. Я.А. Рахимова - 4;
- паталогической анатомии - 3;
- анестезиологии и реаниматология - 4;
- неврологии психиатрии и медицинской психологии им. профессора Гуломова М.Г - 9;
- внутренних болезней №1 - 5;
- внутренних болезней №2 - 2;
- внутренних болезней №3 - 3;
- детских болезней №1 - 4;
- детских болезней №2 - 1;
- хирургических болезней №1 им. Курбонова К.М. - 4;
- гигиены и экологии - 2;
- гигиены окружающей среды - 2;
- медицинской биологии с основами генетики им. профессора Бердиева Н.Б. - 6;
- биохимии - 5;
- гистологии - 4;
- дерматовенерологии - 2;
- русского языка - 1;
- таджикского языка - 1;
- иностранных языков - 1;
- биоорганической и физколлоидной химии - 2;
- фармацевтической химии и токсикологии - 1;
- микробиологии, иммунологии и вирусологии - 7;
- организации здравоохранения и медицинской статистики с курсом истории медицины - 1;
- онкологии и лучевой диагностики - 7;
- оториноларингологии - 4;
- офтальмологии - 4;
- детской стоматологии и ортодонтии - 5;
- терапевтической стоматологии - 3;
- ортопедической стоматологии - 6;
- физической культуры - 1;
- пропедевтики внутренних болезней - 4;
- пропедевтики детских болезней - 3;
- технологии лекарств - 1;
- семейной медицины - 5;
- травматологии, ортопедии и военно-полевой хирургии - 1;
- урологии - 1;
- общественные науки - 7;
- фармакогнозии и организации экономики фармации - 2;
- медицинской и биологической физики с основами информатики - 2;
- нормальной физиологии - 6;
- патологической физиологии - 3;
- фтизиопульмонологии - 3;
- нейрохирургии и сочетанные травмы - 4;
- инновационной хирургии и трансплантологии - 6;
- общей хирургии №1 им. профессора Каххорова А.Н. - 1;
- челюстно лицевой хирургии - 2;
- эндокринологии - 4;
- эпидемиологии им. профессора Рофиева Х.К - 4.

**Для дополнительной информации обращаться по адресу: г. Душанбе, проспект Сино 29-31. E-mail: info@tajmedun.tj; Web Site: www.tajmedun.tj.**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Аттестати №135054-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №19-и шаҳри Ҳисор соли 1995 ба Раҳмонқулова Гулдаста Раҳимқуловна додааст, эътибор надорад.

✓ Дастгоҳи назоратӣ - хазинавии хотираи фискалии ОКА ПФ №29808-и гумшудаи соҳибкори инфиродӣ Юлдошев Раҷабалӣ Отаҷонович (РМА 035022590), ки дар қайди Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ мебошад, эътибор надорад.

✓ Дастгоҳи назоратӣ - хазинавии хотираи фискалии ОКА ПФ №36061-и гумшудаи соҳибкори инфиродӣ Раҳимов Нуралӣ (РМА 125552466), ки дар қайди Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ мебошад, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ № 0468416-и гумшуда, ки онро Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Душанбе соли 2018 ба Мафтунаи Амриддинзода додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти № 053403-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 30-юми июни соли 2010 ба Баротов Рустам Эгамбердиевич (РЯМ 6030033158, РМА 605072812) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №0228029-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, ҳавлии берақам, барои қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва бинои асосӣ ба Ғанизода Лутфулло Насриддин додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба моликияти силсилаи ДШ №0632548 таҳти феҳристи 10С-47-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 59, бинои 16 ба Сафарова Зарина Имомназаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии бинои мағозаи гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Фархор бо суроғаи ноҳияи Фархор, кӯчаи Сайидои Насафӣ, бинои 2 ба Қосимов Маҳмадҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-360-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Турсунзода 13-уми майи соли 2015 бо суроғаи шаҳри Турсунзода, кӯчаи П. Тоҷиев, хонаи 53 ба Мирзоева Ситора додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Оби Сарез» (РЯМ 1210012458, РМА 120042879), ки 19-уми ноябри соли 2018 дар Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Палатин» (РЯМ 0710009447, РМА 070016236), ки дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ 6-уми марти соли 2015 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Олами техникӣ» (РМА 510042475), воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, барҳам мехӯрад, Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конститутсия - кафолати ҳуқуқи инсон дар давлатдории ва волоияти қонун

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН
Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар ҶДММ «Мега-принт» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 23 июни соли 2023, соати 16:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35705 нусха*

Навбатдорони шумора Ӯ. Назар ва Ф. Файзалӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30 - юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97